Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар нимсолаи аввали соли 2019 бо истифодаи “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот”

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Дар нимсолаи аввали соли 2019 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд 18 адад фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 адад амр, 42 адад қарор, 18 адад қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 547 адад супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст.

Аз ҷониби раиси вилоят дар давраи ҳисоботӣ дар заминаи Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои дахлдор ба тавсиб расида, ҷиҳати корбарӣ ва иҷрои саривақтӣ ба воҳидҳои сохтории дахлдори вилоятӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ирсол гардидааст.

## 2. Тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун

**Нишондоди пешакии самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 2.1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”. 2.1.1. Раванди амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, 2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмак молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти**

**худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда, 2.1.3. Ҳолати воқеии таҳлили таркибии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо, 2.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ", 2.2.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда (оид ба масъалаи номгузории анъанавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо), 2.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", 2.3.1 Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷиноятқорӣ байни ноболиғон, 2.4. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", 2.4.1 Шумораи маъракаҳои гузаронидашуда, ҳолатҳои қонуншиканиҳо, натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, 2.5. Рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет», 2.5.1. Истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо (сомона, почтаи электронӣ ва татбиқи унсурҳои "ҳукумати электронӣ"), 2.6. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», 2.6.1. Гузаронидани озмуни мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ (моддаи 18), аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ (моддаи 20), бозомӯзӣ ва омода намудани хизматчиёни давлатӣ барои баланд бардоштани масъулияти онҳо, 2.6.2. Пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар сохторҳои мақомоти идоракунии маҳаллӣ, хусусан ҷиноятҳои коррупсионӣ оид ба замин, шумораи эътирозҳо, бекор кардани қарорҳо, ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба ҳолати замин (банди 57 паём).**

### 2.1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ"

Мутобиқи моддаи 14-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" Маҷлиси вакилони халқи вилоят аз 7 комиссияи доимӣ оид ба: 1. Масъалаҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, 2. Оид ба масъалаҳои сиёсати аграрӣ, хӯрокворӣ, меҳнат ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, 3. Оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва буҷет, 4. Оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сиҳатии омма, ҳифзи табиат, масоили оила ва занон, 5. Оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, 6. Оид ба масъалаҳои сохтмон, саноат, нақлиёту алоқа,

хоҷагии роҳ ва хоҷагии рифоҳӣ ва 7. Оид ба масъалаҳои сиёсати сармоягузорӣ таъсис дода шудааст.

Комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи вилоят, даъвати панҷум тибқи Низомномае, ки бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят, даъвати панҷум аз 14 марти соли 2015, №5 тасдиқ шудааст ва дар асоси нақшаи корӣ барои соли 2019 фаъолият бурда, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ бо баргузории 14 ҷаласа вобаста ба масъалаҳои муҳокимашуда қарорҳои дахлдор қабул намудаанд.

Дар нимсолаи аввали соли 2019-ум 2 иҷлосия, аз ҷумла иҷлосияи 18-ум ва 19-уми Маҷлиси вакилони халқи вилоят, даъвати панҷум бо баррасии масъалаҳои гуногун баргузор гардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шудаанд.

### 2.1.1. Раванди амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилоят

Дар асоси иҷрои банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 Дар бораи Қоидаи гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот ба рафти иҷрои барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он дар моҳи марти соли 2019 ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар раванди омодасозии ҳисоботҳо муайян гардидааст, ки азхудкунии маблағҳои лоиҳаҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар вилоят нисбати нақшаи солҳои 2016-2018 24,2%-ро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи баланди азхудкунии маблағҳо дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳристон 79,8%, Куҳистони Масчоҳ 64%, Истиқлол 63,8%, Б.Ғафуров 63,5%, Мастчоҳ 58,6%, Хуҷанд 50,4% таъмин карда шуда, дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда истодаанд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод,43,9 %, Панҷакент 49,2%, Гулистон 48%, Истаравшан 36,8%, Ҷ .Расулов 32,9%, Айни 30,6%, Деваштич 28%, Исфара 25,5%, Бустон 26,7%, Спитамен 24,7% ташкил додааст

Нишондиҳандаи пасти он дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 13%, Ашт 8,5% ба назар расида, ҷоннок намудани ҳамкории байни мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷалби соҳибкорон ва фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллиро талаб менамояд.

Пешниҳод: Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳа-чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, истифодаи натиҷаи мониторинг ва арзёбии онҳо дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

**2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда.**

Дар нимсолаи якуми соли 2019 ҷиҳати риояи талаботи моддаи 6-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ҷиҳати беҳтар намудани имкониятҳои молиявӣ ва иҷрои функсияҳои ҷамоатҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 1,1 млн. сомонӣ, Истаравшан 0,9 млн. сомонӣ, Айнӣ 0,8 млн. сомонӣ ва Гулистон 0,7 млн. сомонӣ (Дар маълумоти 3 моҳа шаҳри Гулистон 3,3 млн. сомонӣ нишон дода шудааст, ки таҷдиди назар карда шавад), ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағ равона гардидааст.

Ба истиснои шаҳру ноҳияҳои болозикр мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дигар шаҳру ноҳияҳоро мебояд, ҷиҳати дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, расонидани кӯмакҳои молиявӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо чораҳои амалӣ андешида, вобаста ба масъалаи зикргардида маълумотҳои мушаххас ва дақиқ пешниҳод намоянд.

**2.1.3. Натиҷаи баррасӣ ва ҷараёни ҳалли мурочиатҳои шаҳрвандон ба МИМҲД, инчунин аз ДИПҶТ ирсол гардида (банди 59 паём).**

Дар давраи ҳисоботӣ ба масъалаи қабули шаҳрвандон ва баррасии дархосту муроҷиати онҳо таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карда, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят 2610 муроҷиат ворид гардидааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2018 1220 адад кам мебошад. Аз теъдоди умумии муроҷиатҳо 771 адад шифоҳӣ, 1741 адад

хаттӣ, аз ҷумла 19 адад аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва 75 адад тавассути “Viber” ворид шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд муроҷиати умумии шаҳрвандон дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 2012 нисбати ҳамин давраи соли гузашта (+520) адад зиёд буда, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Спитамен +257 (1848), Айнӣ +114 (1661), Шаҳристон +198 (1126), Истиқлол +33 (483), Конибодом +33 (1761) ва Бӯстон +2 (492) ададро ташкил додааст, ки зиёд гардидани мушкилоти иҷтимоию иқтисодии аҳолии ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Шумораи муроҷиати умумии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои Исфара -1305 (2008), Бобоҷон Ғафуров -475 (493), Деваштич -259 (1966), Хуҷанд -257 (2450), Мастчоҳ -248 (1292), Кӯҳистони Мастчоҳ -210, Ашт -202 (1348), Панҷакент -107 (2826), шаҳри Гулистон -87 (428), Истаравшан -30 (2114), Зафаробод -12 (1884) адад нисбати соли гузашта кам гардида, саривақт баррасӣ намудани муроҷиатҳо, ҳал намудани мушкилот дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо дуруст ба роҳ монда шудааст.

**Ҳолати воқеии таҳлили таркибии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

Таҳлил муайян намуд, ки аз шумораи умумии муроҷиати шаҳрвандон дар шаҳри Хуҷанд 349 адад вобаста ба масъалаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта -81 адад кам гардида, дар шаҳри Исфара -237 (167 шумораи умумии муроҷиат), дар ноҳияи Мастчоҳ -72 (213), ноҳияи Деваштич -59 (168), шаҳри Панҷакент -54 (408), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ -27 (182), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров -14 (62), шаҳри Гулистон -19 (118) ва шаҳри Истаравшан -11 (328) ададро ташкил дода, беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳоро бо манзили зист шаҳодат медиҳад.

Зиёдшавии шумораи муроҷиати шаҳрвандон барои қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияи Ҷаббор Расулов +510 адад зиёд гардида (920 шумораи умумии шаҳрвандон), ноҳияи Спитамен +271 (755), ноҳияи Зафаробод +163 (552), шаҳри Конибодом +60 (377), ноҳияи Айнӣ +28 (255), шаҳри Истиқлол +17 (107), ноҳияи Шаҳристон +3 (337), ва шаҳри Бӯстон +3 (87) ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

Зиёдшавии муроҷиати шаҳрвандон ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вилояти Суғд нисбати ҳамин давраи соли гузашта 10 адад, (ҳамагӣ дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 620 адад)-ро ташкил менамояд, ки ин нишондиҳада дар шаҳри Панҷакент +70 адад (шумораи умумии муроҷиат 131 адад) зиёд гардида, дар шаҳри Хуҷанд +58 адад (108 адад), шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров +22 адад (51 адад), Конибодом +16 адад (19 адад), шаҳри Гулистон +16 (35 адад), Мастчоҳ +15 адад (50 адад), Деваштич +13 адад (20 адад), Ашт +12 адад (32 адад), Айнӣ +9 адад (32 адад), Шаҳристон +8 адад (10 адад), Спитамен +7 адад (18 адад), Истаравшан +1 адад (24 адад), -ро ташкил додааст, ки ҳалли худро наёфтани масъалаҳоро дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Камшавии мурочиати шаҳрвандон ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов -15 (14) адад, Зафаробод -8 (8) адад, Бӯстон -7 (9) адад, Исфара -5 адад (41), Истиқлол +-0 (2) адад ва Кӯҳистони Мастчоҳ +-0 адад (12)-ро ташкил медиҳад, ки дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо саривақт ҳал намудани мушкилот аз ҷониби масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо мебошад.

## 2.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ”

### 2.2.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда дар асоси протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.2016 с, №7 банди 4 оид ба масъалаи номгузории анъанавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо)

Дар вилоят фаъолияти Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят дар соли 2018 мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифта, нақшаи кории он дар соли 2019 тасдиқ карда шуда, гурӯҳи кории он санҷиши қонуни мазкурро ба роҳ монда, номгузории нуқтаҳои савдо ва хизматрасонии шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров, Спитамен ва Ҷаббор Расулов, телевизион ва радиоҳои вилояти Суғд, ШТР «Азия», «СМ-1», «Танин», «Диёр», «Салом», «7 ситора» мавриди санҷиш қарор дода шудааст.

Тибқи талабот дар назди ҳамаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” амал намуда, дар ин муддат дар шаҳри Хуҷанд номи 2 кӯча, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров номи 21 адад деҳаҳо, дар шаҳри Бӯстон номи

70 адад кӯчаҳо, дар шаҳри Истаравшан номи 2 адад муассисаи таълимӣ ва осорхона, 1 деҳа ва 7 адад кӯчаҳои шаҳр, дар ноҳияи Деваштич номи 2 ҷамоати деҳот ва 17 адад деҳаҳо дар мувофиқа бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда шудаанд.

Натиҷаи корҳои анҷомдодашудаи комиссияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он оид ба татбиқи Қонуни мазкур барои баланд бардоштани рамзи муҳими давлатдории тоҷикон мусоидат намудааст.

Дар ин раванд, ба истисноии шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумотҳои дақиқ ва мушаххас оид ба номгузорӣ пешниҳод накардаанд.

## 2.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”

### 2.3.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон (банди 50 паём).

Дар давраи ҳисоботӣ байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва падару модарони онҳо бо иштироки  намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”,пешгирии ҷиноятсодиркунию ҳуқуқвайронкунӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ ва амсоли инҳо 798суҳбату вохӯриҳои судманд доир гардида, дар онҳо 78,0 ҳазор нафар хонандагон иштирок намуданд. Илова бар ин, оид ба масъалаи мазкур 4 маротиба тариқи телевизиони вилояти Суғд, 3маротиба тариқи радиои вилоят баромадҳо карда, 12 мақоладар рӯзномаҳои соҳавии “Маорифи Суғд” ва “Дурахшандагон” ба нашр расидааст.

Тибқи ҷадвали вохӯрии намояндагони мақомоти прокуратура, раёсату шуъбаҳои маориф, бахши ҷавонон ва варзиши шаҳру ноҳияҳои вилоят бо хонандагони синфҳои 9-11-уми муассисаҳои таълимӣ дар мавзӯи “Пешгирии шомилшавии ноболиғону ҷавонон ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша, ҳизбу созмонҳои террористию ифротгаро, омилҳои бегонапарастӣ, тақлид ба маданият ва тарзи либоспӯшии ба фарҳанги миллати мо бегона ва бо ин васила тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ” дар ҳамаи муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят сӯҳбату вохӯриҳои судманд ташкил ва гузаронида шудааст.

Ҷиҳати риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, пешгирии

ҷиноятсодиркунию ҳуқуқвайронкунӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ ва амсоли инҳо байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва падару модарони онҳо бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шаҳри Хуҷанд 140, шаҳри Панҷакен 12, дар шаҳри Гулистон 17 ва дар ноҳияи Деваштич 6 маротиба, вохуриҳо гузаронида шудааст, ки фаъолияти комисияи ин шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи муайян ба роҳ монда шудааст.

Нишондиҳандаи тамоюли ҷинояткори байни ноболиғон дар сатҳи вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 16 ҳолат зиёд гардидаас, ки ҳамаги 98 ҳолатро ташкил менамояд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Панҷакент +8 ҳолат зиёд гардидааст, ки дар давраи ҳисоботи (10) ҳолатро дар бар гирифта, дар шаҳри Хуҷанд +6 (22) ҳолат, дар шаҳри Истиҷлол +6 (9) ҳолат, дар ноҳияи Мастчоҳ +5 (6) ҳолат, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +3 (9) ҳолат, дар шаҳри Исфара +3 (9) ҳолат зиёд гардида, андешидани чораҳои заруриро барои иҷрои функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мутобиқи қонунгузории амалкунандаро талаб менамояд.

Тамоюли ҷинояткори байни ноболиғон дар шаҳри Гулистон 3 ҳолат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -8 ҳолати кам гардидааст, ки ин нишондишанда дар ноҳияи Ҷаббор Расулов -2 (6) дар ноҳияи Ашт -1 (5) ҳолат, ноҳияи Деваштич -1 (4) ҳолат, ноҳияи Спитамен -1 (3) ҳолатро ташкил намуда, ҳамкори байни мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлати ва сохторҳои қудрати, ҷамъияти ва иҷрои функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар сатҳи лозима ташкил карда шудааст.

### 2.4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”

**2.4.1. Шумораи маъракаҳои гузаронидашуда, ҳолатҳои қонуншиканиҳо, натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда (банди 59 паём).**

Дар нимсолаи якуми соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳо ҳамагӣ 8194 маъракаю маросим, аз ҷумла 6266 тӯйи домодию арӯсӣ, 1028 маросими азодорӣ баргузор гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипарӣ тӯйи домодию арӯсӣ 260 адад кам ва маъракаи азодорӣ 394 адад зиёд мебошад.

Дар арафа ва рӯзҳои таҷлили санаҳои таърихӣ ва ҷашнҳои миллӣ хатнасури хайриявии 49 кӯдак аз оилаҳои эҳтиёҷманд ва камбизоат бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо

ва сарпарастии корхонаю муассиса, ширкат ва соҳибкорон гузаронида шуданд.

Баҳри пешгирии ҳолатҳои қонуншиканӣ аз ҷониби комиссияҳои муштарак давоми нимсолаи якуми соли ҷорӣ 1661 рейд гузаронида, 74 ҳолати вайрон намудани қонунгузории танзим ошкор ва нисбати шахсони вайронкунандаи қонун ҷазои маъмурӣ татбиқ карда шудааст.

Вайрон намудани қонунгузории танзим да вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 ҳолат кам зиёд гардида, шумораи умумии он 74 ададро ташкил додааст.

Шумораи вайрон намудани қонунгузории танзим нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов +6 ҳолат, Куҳистони Мастчоҳ +4 ҳолат, деваштич +2 ҳолат, Мастчоҳ +1 ҳолат Гулистон +1 ҳолат, Бобоҷон Ғафуров +1 ҳолат, Бустон +1 ҳолат, Ашт +1 зиёд гардидааст, ки пурзур намудани фаъолияти комисияҳо ба миён омадааст.

Дар ноҳияи шаҳру ноҳияҳои Истаравшан -5 ҳолат, Исфара -3 ҳолат, Айни -2 ҳолат, Шаҳристон -2 ҳолат, Истиқлол -1 ҳолат, кам гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод, Конибодом, Панҷакент, Сипитамен Хуҷанд бетағир буда, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти комиссияҳои ин шаҳру ноҳияи мазкурро нишон медиҳад.

Хароҷоти аз ҳама баланд барои баргузории як маърака ба ҳисоби миёна дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 8359 сомонӣ, Конибодом 8129 сомонӣ, Исфара 7460 сомонӣ, Панҷакент 7389 сомонӣ, Спитамен 7280 сомонӣ, ноҳияи Ашт 7244 сомонӣ, Ҷаббор Расулов 7030 сомонӣ, Шаҳристон 7000 сомонӣ, Хуҷанд 6527 сомонӣ, Деваштич 6200 сомонӣ, Истаравшан 5703 сомонӣ, Гулистон 5480 сомонӣ, Зафаробод 4645 сомонӣ, Куҳистони Мастчоҳ 3469 сомонӣ, Бустон 3325 сомонӣ, Истиқлол 3217 сомонӣ, Мастчоҳ 2335 сомонӣ, Айнӣ 2615 сомонӣ ва ҷам дар вилоят ба ҳисоби миёна як марака 6435 сомониро ташкил медиҳад, ки омузиши сабабҳои фарқияти хароҷотҳои маъракаро талаб менамояд.

### 2.5. Рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет»

#### 2.5.1. Истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо (сомона, почтаи электронӣ ва татбиқи унсурҳои “ҳукумати электронӣ”).

Бо мақсади татбиқи “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар вилоят лоиҳаи “Автоматизатсиякунонии ҳуҷҷатгузорӣ дар сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд” амалӣ шуда истодааст, ки дар доираи он барномаи махсус ва системаи дохилӣ иборат аз 22 нуқта бо ду сервер насб гардид. Ҳамаи нуқтаҳо бо интернети баландсуръат пайваст мебошанд. Байни аксари раёсату шуъбаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят тавассути шабакаи “Ҳукумати электронӣ” табодули иттилоот зина ба зина ба роҳ монда шуда истодааст.

Айни замон дар вилоят 1 сомонаи вилояти ва 17 сомонаи шаҳру ноҳияҳо фаъолият дорад.

Дар ноҳияи Деваштич ҷиҳати ташкили сомонаи расмӣ корбарӣ идома дорад.

Ҳамасола барои нигоҳдории сомонаи расмӣ дар буҷети шаҳру ноҳияҳо дар ҳаҷми 50,0 ҳазор сомонӣ маблағҳои мақсаднок пешбинӣ ва масраф карда мешаванд.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 дараҷаи корношоями компютерҳо дар дастгоҳи раиси шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти (ҷамоатҳо)-и шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 11,4% (35 адад), Ашт 11,1% (45 адад), Спитамен 9,7% (970 адад), Бобоҷон Ғафуров 8,5% (129 адад), Гулистон 7,5% (80 адад), Исфара 6,9% (72 адад), Ҷаббор Расулов 6,2% (35 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ 3,7% (27 адад) ва Мастчоҳ 0 % (15 адад)-ро ташкил намуда, фоизи баланди корношоямии компютерҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 29,7% (111 адад шумораи умумии компютерҳо), Истиқлол 30,8% (26 адад), Панҷакент 24,4% (45 адад), Истаравшан 18,8% (64 адад), Айнӣ 16,4% (61 адад), Конибодом 16% (50 адад), Шаҳристон 13,7% (29 адад), Деваштич 13% (46 адад), Бӯстон 12,2% (41 адад) дида мешавад.

Бояд зикр намуд, ки дар мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти шаҳру ноҳияҳо дараҷаи корношоямии компютерҳо дар муқоиса бо семоҳаи аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон -7,5%, Кӯҳистони Мастчоҳ -3,7%, Хуҷанд -0,5%, Бобоҷон Ғафуров -0,2%, Истиқлол -0,1% кам гардида, андешидани чораҳои саривақтиро инъикос менамояд.

Ин нишондиҳанда нисбат ба 3 моҳа дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич, Панҷакент ва Зафаробод бетағйир монда, дар шаҳру ноҳияҳои Ашт +8%, Конибодом +4% ва Спитамен +3,7% зиёд гардидааст, ки таъсири манфии худро ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ

расонида, ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Дар ноҳияи Айнӣ 24 нуқта дастрасӣ ба интернет дошта нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ бетағйир мондааст, 1 нуқта сомонаи расмии худро дорад, ки ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 45/1 (+/-0 адад), Зафаробод 22/1 (+/-0 адад), Бобоҷон Ғафуров 35/2 (+/-0 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ 18/1 (+/-0 адад), Мастчоҳ 15/1 (+/-0 адад), Гулистон 1/1 (-11 адад), Истиқлол 12/1 (+/-0 адад), Спитамен 58/1 (+47 адад), Истаравшан 10/1 (+/- 0 адад), Панҷакент 10/1 (+/-0 адад), Деваштич 7/1 (+/-0 адад), Ашт 4/1 (+1 адад), Ҷаббор Расулов 4/1 (+1 адад), Бӯстон 2/1 (+/- 0 адад), Шаҳристон 2/1 (+/-0 адад) ва Исфара 1/1 (+/- 0 адад) нуқтаро ташкил додааст.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияҳои Спитамен +47 адад, Ашт ва Ҷаббор Расулов +1 адади нуқтаҳои интернет нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳоро дар ин самт нишон медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Гулистон -11 адад кам гардида, дар дигар шаҳру ноҳияҳо бетағйир мондааст, ки андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт зарур мебошад.

### 2.6. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

### 2.6.1. Гузаронидани озмуни мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ (моддаи 18), аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ (моддаи 20), бозомӯзӣ ва омода намудани хизматчиёни давлатӣ барои баланд бардоштани масъулияти онҳо,

### 2.6.2. Пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар сохторҳои мақомоти идоракунии маҳаллӣ, хусусан ҷиноятҳои коррупсионӣ оид ба замин, шумораи эътирозҳо, бекор кардани қарорҳо, ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба ҳолати замин (банди 57 паём).

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ҷиҳати иҷрои талаботи моддаҳои 17 ва 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ шаҳри Конибодом 4 маротиба, Деваштич 4 маротиба, Спитамен 3 маротиба, Истаравшан 3 маротиба, Ҷаббор Расулов 3 маротиба, Истиқлол 1 маротиба, Хуҷанд 1 маротиба, Гулистон 1 маротибагӣ озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таъмин карда гардидааст.

Бо истисноi шаҳру ноҳияҳои дар доло зикргардида дар ҳисоботи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои дигар оид ба ин масъала маълумот пешниҳод нагардидааст.

Ҷиҳати гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ низ, дар ҳисоботҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он маълумот пешниҳод карда нашудааст.

**2.6.2. Пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар сохторҳои мақомоти идоракунии маҳаллӣ, хусусан ҷиноятҳои коррупсионӣ оид ба замин, шумораи эътирозҳо, бекор кардани қарорҳо, ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба ҳолати замин (банди 57 паём).**

Дар нимсолаи якуми соли 2019 аз ҷониби прокуратураи шаҳру ноҳияҳои вилоят эътирозҳо ба қарори раисони шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 9 адад, Хуҷанд 7 адад, Истаравшан 6 адад, Гулистон 4 адад пешниҳод шуда, қарорҳои раисони шаҳру ноҳия бекор карда шудааст, ки раисони ин шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки минбаъд дар қабули қарорҳо ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ такя намуда, ҷиҳати риояи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, дар ҳамкори бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ ҷиҳати иҷрои моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд

## 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ

**Нишондоди пешакии таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ бо**

**нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 3.1. Даромади буҷет, 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо, 3.3. Бақияи қарзи андоз, 3.4. Қарзи музди меҳнат, 3.5. Музди миёнаи меҳнат арзёбӣ гардиданд.**

### 3.1. Даромади буҷет

Дар вилояти Суғд дар нимсолаи аввали соли 2019 нақшаи даромади буҷети давлатӣ (бе назардошти андози иҷтимоӣ) ба андозаи 103,2% таъмин гардида, ба буҷет 1159,1 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 36,3 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 164,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар зиёд гардидани воридоти маблағ саҳми шаҳри Панҷакент +14,2 млн. сомонӣ (107,7%), шаҳри Хуҷанд + 4,8 млн. сомонӣ (102,8%), шаҳри Конибодом +3,5 млн.сомонӣ (102%), ноҳияи Айнӣ +2,7 млн. сомонӣ (103,1%), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +1,7 млн. сомонӣ (101,8%), ноҳияи Мастчоҳ +1,3 млн. сомонӣ (103,1%), ноҳияи Ашт +0,6 млн. сомонӣ (103,6%), шаҳри Гулистон +0,5 млн. сомонӣ (100,5%), шаҳри Бӯстон +0,5 млн. сомонӣ (102,4%), ноҳияи Ҷ.Расулов +0,5 млн. сомонӣ (101,6%) назаррас буда, ин нишондиҳанда дар ноҳияи Шаҳристон +0,4 млн. сомонӣ (104,5%), шаҳри Истиқлол +0,3 млн. сомонӣ (103,7%), ноҳияи Деваштич +0,2 млн. сомонӣ (101,4%), ноҳияи К.Мастчоҳ +0,1 млн. сомонӣ (103,3%)-ро ташкил дода, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва нозироти андози ин шаҳру ноҳияҳо таъмин гашта истодааст.

Аз ҳисоби иҷро нагардидани нақшаи қисми даромади буҷет дар шаҳри Исфара маблағи -3,5 млн. сомонӣ (95,0%), ноҳияи Спитамен -2,4 млн. сомонӣ (91,6%), шаҳри Истаравшан -1,5 млн. сомонӣ (98,2%) ва дар ноҳияи Зафаробод -0,7 млн. сомонӣ (94,4%) ба буҷети маҳаллӣ ворид нагардида, ба ташаккули буҷет таъсири манфии худро расонидааст.

### 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо

Дар баробари иҷрои буҷет аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои вилоят, пардохти нисбатан сусти намудҳои алоҳидаи андоз, дар шаҳри Хуҷанд андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 84,8%, андоз аз низоми соддакардашуда 94,3%, андоз аз замин 84,0%, дар ноҳияи Айнӣ андоз аз арзиши иловашуда 95%, андозҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ 25,4%, андоз аз захираҳои табиӣ 97,3%, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 94,2%, ноҳияи Ашт андоз аз даромад 90,3%, андоз аз низоми соддакардашуда 84,7%, андоз

аз воситаҳои нақлиёт 84,2%, андози замин 93,6%, шаҳри Истиқлол андоз аз даромад 66,0%, боҷи давлатӣ 93,3%, дар шаҳри Гулистон андоз аз даромад 81,2%, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 95,0% ва андоз аз шахсони воқеие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд 81,2%, дар шаҳри Бӯстон андоз аз арзиши иловашуда 96,1%, андоз аз воситаҳои нақлиёт 85,6%, ноҳияи Б.Ғафуров андоз аз фоида 91,5%, андоз аз низоми соддакардашуда барои субъектҳои соҳибкорони хурд 95,7%, ноҳияи Деваштич андоз аз даромад 90,4%, андоз аз низоми соддакардашуда барои субъектҳои соҳибкорӣ 88,3%, дар ноҳияи Зафаробод андоз аз даромад 84,6%, андоз аз арзиши иловашуда 89,4%, андоз аз низоми соддакардашуда барои субъектҳои соҳибкорони хурд 84,2%, дар шаҳри Истаравшан андоз аз даромад 92,1%, аксизҳо 58,9%, андоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард 81,5%, андоз аз низоми соддакардашуда барои субъектҳои соҳибкорони хурд 95,7%, андози замин 93,6%, дар шаҳри Конибодом андоз аз арзиши иловашуда 79%, андоз аз роҳҳои автомобилгард 86%, дар шаҳри Панҷакент андоз аз фоида 85,3%, андоз аз низоми соддакардашуда барои субъектҳои соҳибкорони хурд 95,7%, андоз аз замин 29,1 %, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов андоз аз захираҳои табиӣ 23,18%, дар ноҳияи Мастчоҳ андоз аз даромад 63,1% ва дар ноҳияи Шаҳристон андоз аз низоми соддакардашуда барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ 86,3% ба назар мерасанд, ки дар ташаккули босифати буҷет таъсири манфии худро расонида, бояд масъулин ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур тадбирҳо андешанд.

### 3.3 Бақияи қарзи андоз

Ба ҳолати 1 июни соли 2019 дар вилоят 92,5 млн. сомонӣ бақияпулиҳои андоз мавҷуд буда, нисбат ба 01.01.2019 с., 4,7 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров -380,2 ҳаз. сомонӣ кам гардида, ба 01.07.2019 сол 2,4 млн. сомонӣ боқӣ мондааст, дар шаҳри Хуҷанд -159,3 ҳаз.сомонӣ (18,7 млн. сомонӣ), дар шаҳри Конибодом -155,5 ҳаз. сомонӣ (3,6 млн. сомонӣ), дар ш. Бӯстон -470,7 ҳаз .сомонӣ (4,3 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Мастчоҳ -0,5 млн.сомонӣ (10,4 млн. сомонӣ), дар ш. Панҷакент -117,7 ҳаз.сомонӣ (7,3 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Спитамен -127,7 ҳаз.сомонӣ (2,1 млн.сомонӣ), дар н. Зафаробод -366,2 ҳаз. сомонӣ (10,4 млн. сомонӣ), дар н. Ашт -147,1 ҳаз.сомонӣ (3,8 млн. сомонӣ), дар ш.Истиқлол -41,5 ҳаз.сомонӣ (0,8 млн.

сомонӣ), дар ноҳияи Ҷ.Расулов -488,9 ҳаз. сомонӣ (2,9 млн. сомонӣ), дар н. Айнӣ -40,2 ҳаз.сомонӣ (0,4 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Деваштич -0,2 ҳаз. сомонӣ (1,2 млн. сомонӣ), дар н. Шаҳристон -78,3 ҳаз.сомонӣ (2,2 млн. сомонӣ), дар ш. Гулистон -23,9 ҳаз.сомонӣ (0,1 млн. сомонӣ) ва дар ш. Исфара -893,3 ҳаз.сомонӣ (9,39 млн. сомонӣ) ташкил додааст, ки натиҷаи чораҳои саривақтии андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва нозироти андоз мебошад.

Зиёдшавии бақияи қарзи андоз нисбат ба аввали сол дар шаҳри Истаравшан +123,5 ҳазор сомонӣ (боқимонда бақия 8,8 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +2,9 ҳаз.сомонӣ (0,2 млн. сомонӣ) ва нишондиҳандаи баланди бақияи қарзи андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Мастчоҳ, Зафаробод, Исфара, Истаравшан ва Панҷакент ба назар мерасад, ки барои кам намудани он андешидани чораҳои иловагӣ ва пурзӯр намудани фаъолиятро дар якҷоягӣ бо нозироти андоз тақозо менамояд.

## 3.4. Қарзи музди меҳнат

Дар нимсолаи аввали соли 2019 аз рӯи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо қарздорӣ аз музди меҳнати кормандони буҷетӣ вуҷуд надошта, аз дигар корхонаву ташкилот дар вилоят 14,2 млн. сомонӣ қарзи музди меҳнат мавҷуд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Гулистон 9,8 млн. сомонӣ, ноҳияи Ҷ.Расулов 671,6 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Ашт 648,3 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Зафаробод 245,3 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Мастчоҳ 120 ҳаз. сомонӣ, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 105,2 ҳазор сомонӣ, шаҳри Панҷакент 76,7 ҳаз. сомонӣ, шаҳри Бӯстон 30,1 ҳазор сомонӣ қарзи музди меҳнат мавҷуд мебошад, ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар вилоят нисбат ба 3 моҳаи аввали соли ҷорӣ 0,8 млн. сомонӣ қарздорӣ аз музди меҳнат зиёд шуда, ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои Ашт (қарз), Гулистон (қарз) ва Бобоҷон Ғафуров(қарз) ба вуҷуд омадааст, ки фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо барои бартараф намудани қарздории музди меҳнат нокифоя мебошад.

## 3.5. Музди миёнаи меҳнат

Музди миёнаи маош дар вилоят 1148,41 сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 118,82 сомонӣ зиёд мебошад.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар н. Айнӣ +280,7 сомонӣ (1413,6 сомонӣ), ш. Панҷакент +208,86 сомонӣ (1539,69 сомонӣ), ш.Хуҷанд +157,72 сомонӣ (1394,96 сомонӣ), ш.Конибодом +130 (901 сомонӣ), н.Б.Ғафуров +118,1 (1002,9 сомонӣ), ш.Истиқлол +114,4 (977,6 сомонӣ), ш. Истаравшан +109,81 (1037,92 сомонӣ), н.Деваштич +107,5 (762,2 сомонӣ), дар шаҳри Гулистон +98 (1881,0 сомонӣ), н.Зафаробод +94,71 (813,47 сомонӣ), н.Ашт +85,65 (745,40 сомонӣ), н.Ҷ.Расулов +84,35 сомонӣ (891,19 сомонӣ), н.Кӯҳистони Мастчоҳ +79,33 сомонӣ (738,5 сомонӣ), ш.Исфара +60,8 (941,8 сомонӣ), н.Шаҳристон +57,0 сомонӣ (772,67 сомонӣ), н.Спитамен +32,45 сомонӣ (823,1 сомонӣ) ба назар расида, раванди мусбии рушди иҷтимоию иқтисодии ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Дар ноҳияи Мастчоҳ -28,98 (775,06 сомонӣ) ва шаҳри Бӯстон -26,1 сомонӣ (1487,5 сомонӣ) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта музди миёнаи меҳнат кам гардидааст, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур бояд чораҳои мушаххас андешида шавад.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон (1881,0), Панҷакент (1539,69 сомонӣ), Бӯстон (1487,5 сомонӣ), Айнӣ (1413,6 сомонӣ), ва Хуҷанд (1394,96 сомонӣ) таъмин гардидааст.

Нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ (738,5 сомонӣ), Ашт (745,40 сомонӣ), Деваштич (762,2 сомонӣ), Мастчоҳ (775,06 сомонӣ), Зафаробод (813,47 сомонӣ) ва Спитамен (823,1 сомонӣ) ба назар мерасад, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳоро зарур аст, ки доир ба мунтазам баланд бардоштани музди миёнаи меҳнат чораҳои муассир андешанд.

Пешниҳод: барои таъмини нақшаи даромади буҷети шаҳру ноҳияҳои Спитамен, Исфара, Зафаробод, Истаравшан ва кам намудани бақияпулиҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Мастчоҳ, Зафаробод, Исфара, Истаравшан ва Панҷакент дарёфти сарчашмаҳои иловагии андоз, баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо дар якҷоягӣ бо нозироти андоз фаъолияти кориашонро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Ҷ.Расулов, Ашт, Зафаробод, Мастчоҳ, Бобоҷон Ғафуров, Бӯстон ва Панҷакент дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои молия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат чораҳои зарурӣ андешанд.

## 4. Таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 18, 20-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳибкорӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 4.1. Тамоюли каму зиёдшавии шумораи соҳибкорон, 4.2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим, 4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, 4.5. (4.6) Дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ, 4.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сармоягузории давлатӣ арзёбӣ гардиданд.**

**4.1. Тамоюли каму зиёдшавии шумораи соҳибкорон дар шаҳру ноҳияҳо.**

Дар вилоят дар давраи ҳисоботӣ шумораи соҳибкорони инфиродӣ 107012 нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4226 нафар зиёд шудааст.

Нишондиҳандаи баланди тамоюли зиёдшавии шумораи соҳибкорон дар нимсолаи аввали 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияи Ашт 667 нафар (аз ҷумла занон +254 нафар), ноҳияи Зафаробод 613 нафар (-11 нафар), ноҳияи Б.Ғафуров 591 нафар, шаҳри Истаравшан 587 нафар (+21 нафар), шаҳри Конибодом 581 нафар (+4 нафар), ноҳияи Ҷаббор Расулов 574 (+122) нафар, ноҳияи Мастчоҳ 366 нафар (+9 нафар), шаҳри Хуҷанд 358 нафар (+1036 нафар), шаҳри Исфара 268 нафар (-948 нафар), ноҳияи Спитамен 164 нафар (+-0), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 117 нафар (+9 нафар), ноҳияи Айнӣ 103 нафар (-80 нафар) ба назар расида, беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Деваштич 3 нафар (+7 нафар), ноҳияи Шаҳристон 12 нафар (+6 нафар), шаҳри Панҷакент 14 нафар (+20 нафар), шаҳри Бӯстон 16 нафар (+16 нафар), шаҳри Истиқлол 39 нафар (-6 нафар) ва шаҳри Гулистон 44 нафар (+31 нафар) ташкил додааст.

Шумораи занҳои соҳибкор дар шаҳру ноҳияҳои Исфара (-948 нафар), Зафаробод (-11 нафар) ва Истиқлол (-6 нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардида, доир ба ҳалли ин масъала низ, бояд тадбирҳо андешида шаванд.

### 4.2 Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим

Дар нимсолаи аввали соли 2019 дар вилояти Суғд 20 лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маблағи 1,7 миллиард сомонӣ татбиқ ёфта истодаанд,

ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 456,9 миллион сомонӣ зиёд аст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 4 лоиҳа ба маблағи 2,9 млн. доллари ИМА, Кӯҳистони Мастчоҳ 11 лоиҳа (12,4 млн.сомонӣ), Исфара 23 лоиҳа (3,6 млн. сомонӣ), Спитамен 6 лоиҳа (42,3 млн. сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров 8 лоиҳа (132,2 млн. сомонӣ), Айнӣ 7 лоиҳа (11,4 млн. сомонӣ), Истиқлол 7 лоиҳа (2,9 млн. сомонӣ), Панҷакент 5 лоиҳа (70,1 млн. сомонӣ), Истаравшан 6 лоиҳа (3,7 млн. доллари ИМА), Мастчоҳ 5 лоиҳа (3,45 млн. доллари ИМА), Ашт 1 лоиҳа (4,5 млн. сомонӣ), Конибодом 5 лоиҳа (23,3 млн. сомонӣ), Зафаробод 1 лоиҳа (3,4 млн. сомонӣ), Бӯстон 17 лоиҳа (22,9 млн. сомонӣ), Шаҳристон 1 лоиҳа (3,8 млн. доллари ИМА), Гулистон 1 лоиҳа (2,1 млн. доллари ИМА), ва Ҷ.Расулов 6 лоиҳа (20,9 млн. сомонӣ) амалӣ гашта истодаанд, ки ба раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои дар боло қайдгардида таъсири мусбӣ расонида истодааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Деваштич доир ба ин масъала маълумот пешниҳод накардааст.

### 4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, № 95 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" қарори дахлдори раиси вилоятро қабул карда, дар шаҳру ноҳияҳо корҳо дар ин самт бомаром идома доранд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Деваштич, Мастчоҳ, Гулистон, Панҷакент, Истаравшан ва Конибодом бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши соҳибкорон, баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорӣ ва инчунин сифати омода намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонида, барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ замина гузошта истодаанд.

Дар самти ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ"-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҶДММ "Аштфрут"-и ноҳияи Ашт ҷиҳати харидорӣ намудани хати технологӣ барои банду басти гуногунҳаҷми меваи хушк ва донакдор бо арзиши 1,5 млн. сомонӣ лоиҳа пешниҳод ва дастгирӣ ёфта, амалӣ гашта истодааст.

Инчунин аз ҷониби 3 ширкати шаҳри Хуҷанд лоиҳаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти матбуотӣ, мехҳои худбур ва фаъолияти дӯзандагӣ, шаҳри Бӯстон 3 адад лоиҳа, ноҳияи Мастчоҳ 12 лоиҳаи сармоягузорӣ ҷиҳати кофтани чоҳҳои амудӣ, бунёди сехҳои дӯзандагӣ, рушди соҳаи чорводорӣ, дар шаҳри Гулистон 5 лоиҳаи сармоягузорӣ оид ба бунёди корхонаи нассоҷӣ, сохтмони аквапарк, бунёди корхонаи бандубасткунӣ, лоиҳаи ҶСК "Комбинати маъдантозакунии Адрасмон" ва лоиҳаи барқарорсозии системаи оби нӯшокии шаҳраки Адрасмон пешниҳод гардидааст.

**4.5. (4.6) Дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ**

Дар вилояти Суғд ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ нисбат ба моҳҳои январ-майи соли 2018 ба андозаи 31,8 фоиз зиёд шуда, дар моҳҳои январ-майи соли 2019 ба 1391,5 млн. сомонӣ расонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳри Хуҷанд аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳӣ ва бонкҳо +64,38 млн. сомонӣ (174,9 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарзи додашуда), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +103,2 млн. сомонӣ (233,2 млн. сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов +18,4 млн. сомонӣ (74,4 млн. сомонӣ), ноҳияи Ашт +13,2 млн. сомонӣ (37,1 млн. сомонӣ), шаҳри Исфара +12,1 млн. сомонӣ (78,7 млн. сомонӣ), Спитамен +11,9 млн. сомонӣ (54,2 млн. сомонӣ), шаҳри Конибодом +7,3 млн. сомонӣ (43,1 млн. сомонӣ), Мастчоҳ +6,7 млн. сомонӣ (31,5 млн. сомонӣ), ноҳияи Зафаробод +4,7 млн. сомонӣ (22,9 млн. сомонӣ), ноҳияи Деваштич +4,5 млн. сомонӣ (20,4 млн. сомонӣ) ва ноҳияи Шаҳристон +3,1 млн. сомонӣ (15,7 млн. сомонӣ) таъмин гардидааст, ки мавҷуд будани соҳаҳои ҷолиби соҳибкорӣ, зиёд будани марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Истиқлол +146,0 ҳаз. сомонӣ (556,5 ҳаз. сомонӣ), шаҳри Гулистон +239,4 ҳаз. сомонӣ (5,1 млн. сомонӣ), шаҳри Бӯстон +0,5 млн. сомонӣ (9,2 млн. сомонӣ), шаҳри Панҷакент +1,0 млн. сомонӣ (17,4 млн. сомонӣ) ва ноҳияи Айнӣ +2,38 млн. сомонӣ (5,6 млн. сомонӣ) -ро ташкил дода, дар Кӯҳистони Мастчоҳ -93,0 ҳазор сомонӣ (104,5 ҳазор сомонӣ) ва шаҳри Истаравшан -5,0 млн. сомонӣ (147,8 млн. сомонӣ)-ро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба соҳибкорон қарзҳо кам дода шуда, дар фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Шумораи ҷавононе, ки аз бонкҳо қарз дастрас намудаанд, дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 4031 нафар, Ашт 1794 нафар, Мастчоҳ

1198 нафар, Хуҷанд 936 нафар, Шаҳристон 741 нафар, Зафаробод 486 нафар, Исфара 459 нафар, Деваштич 147 нафарро ташкил дода, дар шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ 54 нафар, Панҷакент 21 нафар ва Бӯстон 6 нафар ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои ҷавонон дар дастрасии қарзҳои бонкӣ ташвиқоти пешниҳоди қарзҳо пурзӯр карда шавад.

Дар ҳисоботи мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Б.Ғафуров, Гулистон, Ҷ.Расулов, Конибодом, Спитамен ва Истиқлол оид ба шумораи ҷавонони аз бонкҳо қарз гирифта маълумот пешниҳод нашудааст.

**4.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сармоягузории давлатӣ**

Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" дар минтақаи ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанд ҷой гирифта, аз оғози фаъолият то санаи 1 июли соли 2019 ба миқдори 25 адад субъект ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 14 субъект фаъолияти худро бомаром ба роҳ мондаанд.

Барои тақвият бахшидани фаъолият, ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор маъмурияти Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" тасмим гирифтааст, ки аз ҳисоби субъект, аз ҷумла: ҶДММ "Азияполикс", ҶДММ "Оҳанкор", ширкати канадагии "Хантана" ва ширкати тоҷику туркии "Афранг пластик" корбарӣ намояд.

Масоҳати ҶДММ "Азияполитекс" (санаи бақайдгирӣ 29 декабри соли 2017) аз 1,6 гектар иборат буда, дар он сохтмони бинои истеҳсолӣ бо саҳми соҳибкорони ватанӣ идома дорад. Маблағи сармоявии ин ширкат 2 млн. доллари амрикоӣ ташкил дода, марҳила ба марҳила бояд ба 8,0 млн. доллари амрикоӣ расонида шавад. Ҷамъият то моҳи ноябри соли ҷорӣ ифтитоҳ гардида, ба истеҳсоли халтаҳои гуногунҳаҷм шурӯъ менамояд. Ҳангоми баистифода супоридани корхонаи мазкур дар марҳилаи аввал беш аз 100 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин мегарданд.

ҶДММ "Оҳанкор" моҳи декабри соли 2018 бақайд гирифта шуда, масоҳати он 3,1 гектарро ташкил медиҳад. Маблағи сармоявии ин ширкат зиёда аз 7,0 млн. доллари амрикоиро ташкил медиад. Айни ҳол корҳои омодагӣ барои оғози сохтмони ин коргоҳ идома дорад.

Моҳи июни соли ҷорӣ ду субъекти дигар ширкати канадагии "Хантана", ки бо истеҳсоли асал машғул мегардад, дар масоҳати 0,5 га. барои ташкили коргоҳи истеҳсолӣ бо ҷалби 500,0 ҳазор доллари амрикоӣ сармояи мустақим ва ширкати тоҷику-туркии "Авранг пластик", ки дар масоҳати 0,15 га. бо ҷалби 580,0 ҳазор доллари амрикоӣ корҳои сохтмониро оғоз намудаанд.

Дар нимсолаи аввали соли 2019 аз субъектҳои мавҷудбудаи минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" 11 субъект фаъолият намуда, ба маблағи 70423,2

ҳазор сомонӣ маҳсулот, корҳои сохтмонӣ, савдо ва хизматрасонӣ иҷро карда шудааст. Дар ин давра истеҳсоли маҳсулот аз тарафи ҶДММ “Реал” ба маблағи 2047,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Равзана Пластик” 544,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ “Силкоат Бойя” 4543,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ “Стар Пласт” 6122,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ “Тоҷпроф” 38620,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КФ “Фортуна Ко” 3548,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Тоҷикполиэтилен” 2354,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ “Арча мебел” 2594,9 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Ариана металл пласт” 8343,1 ҳазор сомонӣ, “Ҷаҳони нав ММ” 4,5 ҳазор сомонӣ ва иҷрои корҳои сохтмонӣ аз тарафи ҶДММ “Сохтмони идоракунии №1” 55,0 ҳазор сомониро дар бар гирифтааст.

Дар маҷмӯъ дар давраи ҳисоботӣ 3 намуд маҳсулотҳои саноатии рақобатпазир, ки аз ҷониби субъектҳои минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” аз қабили рангҳои гуногун, ноқилҳои барқӣ ва профилҳои алюминӣ истеҳсол гардида, ба маблағи умумии 17,4 млн. сомонӣ берун аз кишвар содирот карда шудааст.

Корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Хуҷанд барои фароҳам овардани заминаи мусоиди иқтисодӣ барои рушди минтақаи озоди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Пешниҳод: Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои амалишавии ваколатҳои онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ” баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ, барои амалигардонии татбиқи лоиҳаҳои пешбинигардида мусоидат намуда, ҷиҳати мушкилоти онҳо, ҷалби сармоя ба минтақаи озоди иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориро тақвият бахшанд.

## 5. Рушди соҳаи саноат
## (бандҳои 11, 12 ва 28-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ, 5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, 5.4. (5.5) Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо, 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ**

**ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд ба маблағи 5665,2 млн. сомонӣ расонида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта суръати афзоиш бо назардошти индекси нархҳо 108,3 фоиз таъмин гардидааст.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоишро ноҳияи Мастчоҳ 193,6% (76,8 млн. сомонӣ), шаҳри Бӯстон 180% (175,8 млн. сомонӣ), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 172,6% (1,7 млн. сомонӣ), шаҳри Панҷакент 145,7% (1229,1 млн. сомонӣ), шаҳри Конибодом 134,7% (109,9 млн. сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов 127,5% (87,7 млн. сомонӣ), ноҳияи Ашт 126,2% (93,4 млн. сомонӣ), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 119,9% (558,5 млн. сомонӣ), шаҳри Истиқлол 115,0% (16,5 млн. сомонӣ), ноҳияи Айнӣ 113,8% (448,6 млн. сомонӣ), шаҳри Истаравшан 112,8% (229,7 млн. сомонӣ), ноҳияи Деваштич 112,1% (26,6 млн. сомонӣ), ноҳияи Шаҳристон 109,7% (18,1 млн. сомонӣ), шаҳри Хуҷанд 109,4% (589,0 млн. сомонӣ), ноҳияи Спитамен 106,1% (185,3 млн. сомонӣ), ноҳияи Зафаробод 104,5% (72,2 млн. сомонӣ) ва шаҳри Исфара 103,2% (181,3 млн. сомонӣ) таъмин намудаанд, ки дар инкишофи рушди устувори саноат дар шакли индустриалӣ аграрӣ замина гузошта истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Гулистон 97,6% (1564,9 млн. сомонӣ) ташкил дода, суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст.

Суръати афзоиши нисбатан суст дар шаҳри Гулистон ба фаъолияти Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой вобаста мебошад. Зеро саҳми корхонаи мазкур дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатии шаҳр зиёда аз 80,0 фоизро ташкил дода, ба иҷрои нақшаи пешбинишудаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии шаҳр таъсири бевосита дорад. Ин ширкат дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба маблағи 1232,5 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст, ки мутаносибан ба 96,7 фоизи нишондиҳандаи ҳамин давраи соли қаблӣ баробар мебошад. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаи азими саноатии шаҳр КМ “Апрелевка” ҳамагӣ 74,8 фоиз таъмин гардида, ба маблағи 87,8 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки аз нишондиҳандаи соли қаблӣ 29,6 млн. сомонӣ кам мебошад.

Таносуби ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатӣ нисбат ба ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 100%,

Панҷакент 9 маротиба, Айнӣ 16 маротиба, Спитамен 338%, Истаравшан 201%, Исфара 181%, Б.Ғафуров 163,1%, Бустон 100%, Гулистон 100%, Конибодом 73,5%, Ашт 69,9%, Шаҳристон 61,1%, Зафаробод 59,2%, Ҷ.Расулов 48,7%, Деваштич 42,1%, Кӯҳистони Мастчоҳ 7,3% ва Мастчоҳ 5,6% ташкил додааст.

### 5.2.Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ

Дар самти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 2 адад корхонаҳои истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан, аз он ҷумла, ҶДММ "Зода" ва ҶДММ "Ширкати Баҳор" таъсис дода шуда, дар 6 моҳи соли ҷорӣ ба микдори зиёда аз 5,7 ҳазор литр ба маблағи 30,0 ҳазор сомонӣ нӯшокиҳои ташнашикан истеҳсол намудаанд.

Дар ноҳияи Спитамен моҳи июни соли равон марҳилаи дуюми ҶСП "Норд Азия Металл" мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Марҳилаи дуюми корхона асосан бо истеҳсоли боми металикӣ машғул буда, ба маблағи 8 млн сомонӣ сохта шудааст. Дар ин давра сехи нави ҶДММ «Зуҳал КО» низ ба истифода дода шуда, сехи нави корхона асосан ба истеҳсол ва банду басти хушкмева ва мағзи зардолу машғул буда, ба маблағи 600 ҳазор сомонӣ бунёд гардидааст.

Дар шаҳри Хуҷанд дар соҳаи саноат дар асоси "Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" барои лоиҳаҳои сармоягузории ин соҳа зиёда аз 1,8 млн. сомонӣ маблағ ҷалб карда шудааст.

Маблағҳои сармояи мустақими ҷалбшуда асосан барои бунёди 7 адад корхонаҳои истеҳсолии нав таъсисёфта, аз ҷумла ҶДММ «Зиёрати Хуҷанд», «Раззоқов Рустам», «Белтатекс», «Хуршед 777», "Обод", "Ориён Суғд" ва СИ "Хоҷаев Б" масраф гаштааст.

Дар шаҳри Бӯстон дар шаш моҳи соли равон 3 адад корхонаҳои истеҳсолӣ ба монанди корхонаҳои истеҳсолии халтаҳои полиэтилении ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Суғд-политекс", ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Бӯстон-Спитамен" ва корхонаи истеҳсоли қубурҳои азбестии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Восидзода" таъсис дода шудааст.

Дар шаҳри Истаравшан дар нимсолаи якуми соли 2019 3 адад корхонаи нави истеҳсолӣ-саноатӣ: ҶДММ « ООО Тоҷикистон» - истеҳсоли орд, ҶДММ «Сифат-2017» - истеҳсоли зарфҳои пластмасӣ, ҶДММ «Ҳаит Ваҳобов» истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ ва 7 адад коргоҳҳои хурди саноатӣ дар маҷмуъ бо 77 ҷойҳои нави корӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Б.Ғафуров, Спитамен ва Бӯстон ба рушди соҳаи саноат мусоидат намуда, ташкили ҷойҳои нави корӣ, зиёд гардидани пардохтҳо ба буҷет ва боздоштани хориҷшавии асъор аз ҷумҳурӣ мусоидат намудааст.

**5.3. Таъсиси корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва таъсиси ҷойҳои корӣ**

Дар вилояти Суғд тибқи нақша дар соли 2019 ба истифода додани 100 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ бо 1730 ҷойи нави корӣ пешбинӣ гардида, дар натиҷаи тадбирҳои андешида давоми шаш моҳи соли ҷорӣ 59 корхонаву коргоҳи нав бо 642 ҷойи нави корӣ ба фаъолият шурӯъ намудаанд.

Фаъолияти корхонаи "Олим текстайл" дубора ба роҳ монда, аз ҷониби ширкати "Ангубин" дар заминаи ин корхона истеҳсоли калобаи пахтагин оғоз гардидааст.

Дар ин давра дар вилоят корхонаҳои нави истеҳсолӣ дар шаҳри Хуҷанд 7 адад бо 31 ҷойи корӣ, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 7 адад бо 57 ҷойи корӣ, дар шаҳри Исфара 3 адад бо 72 ҷойи корӣ, шаҳри Конибодом 1 адад бо 6 ҷойи корӣ, шаҳри Истиқлол 2 адад бо 10 ҷойи корӣ, ноҳияи Зафаробод 2 адад бо 12 ҷойи корӣ, дар ноҳияи Ашт 1 адад бо 12 ҷойи корӣ, шаҳри Панҷакент 8 адад бо 41 ҷойи корӣ, шаҳри Гулистон 2 адад бо 108 ҷойи корӣ, ноҳияи Деваштич 1 адад бо 6 ҷойи корӣ, ноҳияи Шаҳристон 1 адад бо 4 ҷойи корӣ ва дар шаҳри Истаравшан 10 адад бо 77 ҷойи корӣ таъсис дода шудаанд.

Боиси қайд аст, ки шумораи аз ҳама зиёди таъсиси ҷойҳои корӣ дар шаҳрҳои Гулистон ва Истаравшан ба назар мерасад.

Бояд зикр намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ аз 605 корхонаи саноатии вилоят 506 корхона ё 83,6 фоиз фаъолият бурда, 51 корхона ё 8,4 фоиз кор накардаанд.

Илова бар ин, 48 корхона фаъолияти мавсимӣ дошта, бо оғози мавсими ҳосилғундорӣ ба кор шурӯъ менамоянд.

Сабабҳои асосии фаъолият набурдану ақибмонии корхонаҳои саноатӣ нарасидани ашёи хому маблағҳои гардишӣ, фарсуда гаштани таҷҳизоти технологӣ, маҳдуд шудани бозорҳои анъанавии фурӯши маҳсулот, ба рақобат тобовар набудани маҳсулоти истеҳсолшуда ва нодуруст ба роҳ мондани идоракунии корхонаю коргоҳҳо мебошад, ки дар рушди маҷмӯи маҳсулоти саноатии вилоят таъсири манфии худро расонида, вазорату идораҳои марбута дар якҷоягӣ бо вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати ҳалли камбудиҳои мазкур бояд чораҳои мушаххас андешанд.

### 5.4. (5.5) Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ пахта, пилла, пуст ва пашм, шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо

Дар вилояти Суғд 8 корхонаи коркарди нахи пахта, аз ҷумла, ҶСП «Олим текстайл», ҶДММ «Спитамен текстайл», ҶДММ «Нику Хуҷанд», ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶСП «Сатн», ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд», ҶДММ «Ваализода», ҶСП «Ресандаи Тоҷикистон РБТ» бо иқтидори солонаи коркарди 24,3 ҳазор тонна нахи пахта мавҷуд мебошанд.

Фаъолияти ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд» ва ҶСП «Сатн» силсилаи пурраи коркарди нахи пахтаро дар бар гирифтааст.

Фаъолияти ҶДММ "Ангубин" (собиқ ҶСК "Олим текстайл") дубора ба роҳ монда, аз ҷониби ширкати дар заминаи ин корхона истеҳсоли калобаи пахтагин оғоз гардидааст.

Дар вилоят ягона корхонаи коркарди пилла ҶДММ КМ «ВТ Силк» дар шаҳри Хуҷанд фаъолият дошта, дар ин марҳила аз тарафи ин коргоҳ ба маблағи 198,9 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки он нисбат ба ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии шаҳр 0,1 фоизро ташкил намуда, он сол аз сол зиёд гашта истодааст.

Баҳри зина ба зина коҳиш додани содироти пӯст ва коркарди он дар дохили кишвар корбарӣ тақвият ёфта, фаъолияти корхонаи калони коркарди пӯст дар шаҳри Гулистон як корхона ҶДММ «Чарми Хуҷанд» фаъолият мебарад, ки бо коркарди пӯсти чорвои шохдори калон ва моли майда машғул аст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ин коргоҳ дар давоми шаш моҳи аввали соли ҷорӣ 7896,6 ҳазор сомониро ташкил дода нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1867,8 ҳазор сомонӣ зиёд ё 140 фоизро ташкил додааст. Дар ин давра 91 ҳазору 900 дона пӯсти чорворо коркард кардааст, ки ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта 12 ҳазору 530 дона зиёд ё 115,8 фоиз зиёд мебошад.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ як корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ба фаъолият оғоз намудааст, ки то инҷониб 27000 литр ширро коркард намудааст.

Самараноки фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон ва ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар нимсолаи якуми соли 2019, дар самти корхонаҳои нав ва таъсиси ҷойҳои корӣ таъмин карда шудааст.

Дар боқимонда шаҳру ноҳияҳои вилоят дар нимсолаи якуми соли 2019 оид ба бунёди корхонаҳои коркарди шир, пӯст, пилла, пашм ва меваю сабзавот маълумот омода нагардидааст.

**5.6. Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ (Нусха аз Протоколи маҷлиси ҲҶТ аз 18.01.2018 с., №1 банди 18);**

Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар вилоят 8 корхонаву коргоҳи нави дӯзандагӣ бо 61 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан ва Панҷакент 2 ададӣ, Ашт, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Шаҳристон 1 ададӣ коргоҳҳо ба кор даромаданд.

Бояд зикр намуд, ки дар маълумоти пешниҳоднамудаи вилоят дар 3 моҳаи аввали соли 2019 шумораи корхонаву коргоҳи нави дӯзандагӣ 31 адад бо таъсиси 534 ҷойи нави корӣ дарҷ гардидааст, ки ба маълумоти нимсолаи аввал мухолифат намуда, таҷдиди назар карда шавад.

Тибқи маълумоти оморӣ давоми 6 моҳи соли равон дар корхонаву коргоҳҳои дӯзандагии вилоят ба маблағи умумии 92,7 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст. (Дар маълумоти семоҳаи аввали соли ҷорӣ 201,7 млн. сомонӣ пешниҳод гардида буд, ки 109 млн. сомонӣ фарқият дошта, масъулини омода намудани маълумотро зарур аст, ки дар ҷойгир намудани рақамҳо аҳамияти ҷиддӣ диҳанд).

Барои соли таҳсили 2019-2020 муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят бо корхонаву коргоҳҳои дӯзандагӣ барои дӯхтани 266850 адад либоси мактабӣ шартномаҳои дахлдор баста, давоми 6 моҳи соли ҷорӣ 162293 адад либоси мактабӣ дӯхта шудааст, ки баробари 60,8 фоизи нақшаро ташкил менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда фаъолиятро пурзур намуда ҷиҳати баланд бардоштани истеҳсолот дар ҶДММ “Спитамен текстайл” ва ҶДММ “25-солагии Истиқлолият”-и ноҳияи Спитамен, Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой ва КМ “Апрелевка”-и шаҳри Гулистон, вобаста ба таъмини ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба саноатикунонии мамлакат чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

## 6. Рушди соҳаи энергетика

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида, 6.2. Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ, 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ, 6.4. Фоизи талафоти барқ арзёбӣ гардиданд.**

### 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида

Дар вилоят дар нимсолаи соли 2062,9 млн. кВт/соат нерӯи барқ ба маблағи 447,0 млн. сомонӣ истифода шуда, 411,5 млн. сомонӣ пардохт шудааст, ки 92,0 фоизро ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хуҷанд 307,2 (+3,6) млн. кВт/соат, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 295,5 (+14,6) млн. кВт/соат, шаҳри Панҷакент 218,1 (+23,7) млн. кВт/соат, ноҳияи Мастчоҳ 166 (+28) млн. кВт/соат, ноҳияи Ашт 164,4 (+28,6) млн. кВт/соат, шаҳри Истаравшан 151,8 (+5,9) млн. кВт/соат, шаҳри Исфара 146,4 (+1,2) млн. кВт/соат, шаҳри Конибодом 97,4 (+4,2) млн. кВт/соат, шаҳри Бӯстон 83,8 (+10,8) млн. кВт/соат, ноҳияи Спитамен 69,2 (+730) млн. кВт/соат, ноҳияи Деваштич 49,6 (+1,3) млн. кВт/соат, ноҳияи Айнӣ 31,03 (+8,1) млн. кВт/соат, ноҳияи Шаҳристон 19,4 (+5,6) млн. кВт/соатро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Гулистон 179,7 (-4,6) млн. кВт/соат, ноҳияи Зафаробод 139,7 (-50,8) млн. кВт/соат, шаҳри Истиқлол 8,5 (-2,2) млн. кВт/соат, ноҳияи Ҷаббор Расулов 79,1 (-2,9) млн. кВт/соат ва ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 2,1 (-131,2) ҳазор кВт/соат ҳаҷми истифодаи қувваи барқ кам гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 2 адад, Айнӣ 2 адад ва Гулистон 1 адад нерӯгоҳҳои хурди барқӣ бо иқтидори гуногун ва дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ низ, 2 адад нерӯгоҳи хурди барқӣ бо иқтидори 2412,1 кВт/соат фаъолият намуда, барои таъмини қисми муайяни аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо барқи доимӣ саҳмгузор мебошанд.

Таҳлили нишондиҳандаи ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида муайян менамояд, ки асосан аз ҷониби аҳолӣ 539,6 млн. кВт/соат ва соҳаи саноат 167,9 млн. кВт/соат истифодаи қувваи барқ зиёд гардида, барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзғори аҳолӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо замина гузоштааст.

### 6.2 Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар миқёси вилоят 185,5 ҳазор адад ҳисобкунакҳои электронӣ насб гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 33,2 ҳазор адад зиёд мебошад.

Ҷиҳати дақиқ ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ дар ноҳияи Спитамен +9700 адад, дар шаҳри Исфара +7841 адад, дар шаҳри Панҷакент +6157 адад, дар ноҳияи Ашт +4111 адад, дар шаҳри Конибодом +4109 адад, дар ноҳияи Айнӣ +3569 адад, дар шаҳри Хуҷанд

+1409 адад, дар ноҳияи Деваштич +1362 адад, дар ноҳияи Мастчоҳ +1310 адад, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +820 адад, дар шаҳри Гулистон +725 адад, дар шаҳри Истаравшан +476 адад, дар ноҳияи Зафаробод +450 адад, ноҳияи Кухистони Мастчоҳ +436 адад, дар шаҳри Бустон +417 адад, дар ноҳияи Шаҳристон +111 адад, дар шаҳри Истиқлол +101 адад нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд шуда, заминаи таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шуда истодааст.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷ.Расулов доир ба ин масъала маълумот пешниҳод нагардидааст, ки муайян намудани нишондиҳанда ғайриимкон гардид.

**6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ**

Дар нимсолаи аввали соли равон дар вилоят қарзи умумии истифодаи қувваи барқ ба 452,3 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +98,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла, аз ҷониби аҳолӣ қарз ба маблағи 149,5 млн. сомонӣ буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,7 млн. зиёд гаштааст.

Аз ҳисоби зиёдшавии қарзи истифодаи қувваи барқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳри Истаравшан +7,9 млн. сомонӣ (ҳамагӣ қарз 58,3 млн. сомонӣ), шаҳри Хуҷанд +2,8 млн. сомонӣ (46,9 млн. сомонӣ), шаҳри Исфара +3,7 млн. сомонӣ (47,5 млн. сомонӣ), ноҳияи Зафаробод +16,9 млн. сомонӣ (46,7 млн. сомонӣ), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +10,6 млн. сомонӣ (38,4 млн. сомонӣ), ноҳияи Мастчоҳ +10,3 млн. сомонӣ (34,0 млн. сомонӣ), шаҳри Конибодом +6,1 млн. сомонӣ (27,2 млн. сомонӣ), шаҳри Панҷакент +10,4 млн. сомонӣ (28,1 млн. сомонӣ), ноҳияи Ашт +10,6 млн. сомонӣ (26,5 млн. сомонӣ), ноҳияи Ҷ.Расулов +3,6 млн. сомонӣ (21,4 млн. сомонӣ), шаҳри Гулистон 4,5 млн. сомонӣ (19,8 млн. сомонӣ), ноҳияи Айнӣ +3,7 млн. сомонӣ (17,6 млн. сомонӣ), ноҳияи Спитамен +2,7 млн. сомонӣ (14,3 млн. сомонӣ), шаҳри Бӯстон +1,2 млн. сомонӣ (11,2 млн. сомонӣ), ноҳияи Деваштич -1,2 млн. сомонӣ (7,7 млн. сомонӣ), ноҳияи Шаҳристон +1,2 млн. сомонӣ (+4,8 млн. сомонӣ), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +46,6 ҳазор. сомонӣ (0,44 млн. сомонӣ) ва шаҳри Истиқлол +208,3 ҳаз. сомонӣ (1,3 млн. сомонӣ) имконияти молиявии таъмини нишондоди рушди энергетика маҳдуд гардонида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ қарзи истифодаи барқ дар вилоят +17 млн. сомонӣ зиёд гардида,

нишондиҳандаи баланди зиёдшавии қарз аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои Зафаробод +4,8 млн. сомонӣ, Ашт +3,4 млн. сомонӣ, Мастчоҳ +3,5 млн. сомонӣ, Панҷакент +2,1 млн. сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров +1,1 млн. сомонӣ, Гулистон +0,8 млн. сомонӣ, Айнӣ +0,6 млн. сомонӣ, Истаравшан +0,3 млн. сомонӣ, Исфара +0,3 млн. сомонӣ, Конибодом +0,1 млн. сомонӣ, ва Шаҳристон +0,1 млн. сомонӣ ба вуҷуд омадааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳои болозикр ва ШСХК "Барқи Тоҷик" таъмин карда нашудааст.

### 6.4. Фоизи талафоти барқ

Дар вилоят дар нимсолаи соли 2019 талафоти барқ 14,1%-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -2,4,% кам гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол +3,5% (84,3%), Бобоҷон Ғафуров +1,05% (14,05%), Зафаробод +1% (8%) ва Истаравшан +0,4% (17,3%), Ҷаббор Расулов +0,3% (16,0%) нисбати ҳамин давраи соли гузашта фоизи талафоти барқ зиёд гардида, дар ноҳияҳои Деваштич +,-0% (14,8%) ва Шаҳристон +;- 0% (16,0%) дар сатҳи соли гузашта боқӣ мондааст, ки чораҳои андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа барои кам кардани талафоти барқ нокифоя мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Куҳистони Мастчоҳ -6,2% (14,6%), Конибодом -4,6% ( 12%), Панҷакент -2,85% (14,65%), Мастчоҳ -2,56% (14,05%), Спитамен -2% (14,5%), Ашт -1,64%, (14,05%), Гулистон -1,64% (14,05%), Бустон -1,19% (11,81%), Исфара -1%, (13,1%), Айнӣ -1,48% (14,63%) ва Хуҷанд -0,2% (9,5%) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардида, барои таъмини рушди энергетика шароит фароҳам оварда шуда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа ба назар мерасад.

Дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи шаҳри Истиқлол фоизи талафоти барқ 84,3% нишон дода шудааст, ки таҷдиди назар карда шавад.

Пешниҳод: ШСКХ "Барқи Тоҷик", мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

## 7.Ҳифзи амнияти озуқаворӣ
## (банди 3, 10 паём)

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 7.1(7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. (7.8, 7.10) Истифодаи оқилонаи обу замин, 7.3. (7.4, 7.5, 7.7, 7,9) Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ, 7.4 (7.6.) Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ, 7.5 (7.11.) Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 7.1(7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ

Дар нимсолаи якуми соли 2019 вилоят ҷиҳати таъмини рушди соҳа тадбирҳои судманд андешида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро дар шаш моҳи соли ҷорӣ, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ба 1850,5 млн. сомонӣ расониданд, ки ба 117,1 фоизи нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2018 баробар мебошад.

Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, аз қабили гӯшт 18274,7 тонна, шир 133867 тонна, тухм 181, 5млн. дона, асал 172,8 тонна, 1142 тонна, пашм 1213,9 тонна ва пилла 308,5 тоннаро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 истеҳсоли гӯшт 461,5 тонна, шир 3425,3 тонна, тухм 98,8 млн. дона, асал 19,4 тонна ва пашм 71,7 тонна зиёд шуда, истеҳсоли пилла 91,6 тонна коҳиш ёфтааст.

Аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳри Панҷакент 136%, дар ноҳияи Деваштич 135,6%, дар ноҳияи Б.Ғафуров 134,8,0%, дар шаҳри Истаравшан 117,1%, дар шаҳри Конибодом 114,2%, Мастчоҳ 113,2%, дар ноҳияи Ҷ.Расулов 110,2%, дар шаҳри Хуҷанд 109,9%, дар ноҳияи Спитамен 108,8 %, дар ноҳияи Зафаробод 108,4%, дар ноҳияи Айнӣ 105,4%, дар шаҳри Истиқлол 103,3%, дар шаҳри Исфара 102,8% ва дар ноҳияи Кухистони Мастчоҳ 102,3% ҳиссаи онҳо дар таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ назаррас мебошад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Шаҳристон 62,0%, ноҳияи Ашт 50,3%,-ро ташкил додааст, ки вобаста ба ин масъулини ин ноҳияҳоро зарур аст, ки оид ба суръати афзоиш дар ин самт чораҳои дахлдор андешанд.

### 7.2. (7.2,7.8, 7.10) Истифодаи оқилонаи обу замин

**7.2. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав (банди 3, 29 паём, ҚҲЧТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 24);**

Дар нимсолаи якуми соли 2019 мувофиқи мувозинаи замин дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 1623,8 гектар, аз ҷумла 632 гектар замини обӣ ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 173 гектар замин ба гардиши кишоварзи ворид гардида, дар ноҳияи Мастчоҳ 334 гектар, Спитамен 126 гектар, дар ноҳияи Ашт 190 гектар, дар ноҳияи Зафаробод 163 гектарро ташкил медиҳад, ки барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ замина гузошта шуда, истифодаи оқилонаи замин ба роҳ монда мешавад.

Оид ба гардиши кишоварзи ворид намудани заминҳои бекорхобида бо истиснои шаҳру ноҳияҳои болозикр дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот пешниҳод накардаанд.

**7.3. Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо хусусан пахта ва рушди соҳаи тухмипарварӣ (банди 29 паём, ҚҲЧТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 6);**

Баҳри таъмини дастрасии хоҷагиҳои деҳқонии вилоят ба захираҳои моддию техникӣ 81 мағозаи фурӯши тухмиҳо, 106 мағозаи қисмҳои эҳтиётӣ, 31 мағозаи фурӯши ниҳолҳо ва 74 мағозаи фурӯши нуриҳои минералӣ амал мекунанд. Ҳамзамон, дар вилоят 107 нуқтаи маслиҳатдиҳӣ ба кишоварзон хизмат мерасонад.

Инчунин дар ноҳияи Шаҳристон нуқтаи такягоҳи «Қӯшқӯрғон» фаъолият намуда истодааст, ки қисман хоҷагиҳои ноҳияро бо тухмиҳои хушсифат таъмин намуда истодааст.

Дар ноҳия оид ба истеҳсоли зироати асосии маҳал, яъне картошкаи тухмӣ хоҷагиҳои кишоварзии ба номи Ҳотам Қурбонов, “Овчии Ғончӣ” ва “Хӯҷаҳо” фаъолият мебаранд, ки дар соли ҷорӣ аз ҷониби хоҷагиҳои мазкур ба дигар хоҷагиҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба миқдори 4200 тонна тухмиҳои хушсифат содирот карда шудааст.

Рафти иҷрои барномаҳои соҳавии давлатӣ, дар ноҳияи Айнӣ оид ба тухмипарварӣ, хушзоткунӣ, васеъ намудани майдони кишти картошка таҳти назорати доими қарор дошта, тухмии нави картошка ворид шуда, майдони кишти он дар ҳама самтҳо ба 780,96 гектар расонида шудааст.

Дар ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд аз тарафи ташкилоти “Сароб” ба ноҳия 10 тонна тухмии аълосифати навъи “Биг роза”ва аз тарафи соҳибкор Олимов Мирзо 20 тонна тухмии навъи “Биг роза” ба ноҳия ворид гардидааст, ки барои баланд бардоштани ҳосилнокии картошка заминаи мусоидро фароҳам меоварад.

Дар давраи ҳисоботӣ кишти картошка дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ аз ҳисоби заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоавӣ ва инфиродӣ майдони 2328,6 гектарро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли 2018 18,6 гектар зиёд мебошад.

Баҳри баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо хусусан пахта ва рушди соҳаи тухмипарварӣ, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар корхонаҳои коркарди пахтаи ноҳия бобати ворид ва захира намудани миқдори зарурии чигити тухмии аълосифат, дар давраи ҳисоботи беш аз 780 тонна чигити тухмӣ захира карда шудааст. Ба ҶСШК ба номи А.Ҷумъаев баҳри гузаронидани кишти зери плёнка 20 тонна чигити тухмии лучкардашудаи хориҷӣ ва дар ҶДММ “Зафариён” 20 тонна чигити навъи “Элита” дасраст карда шудааст.

Оид ба ворид намудани чигити аълосифат аз Ҷумҳурии Узбекистон корхонаҳои коркарди пахтаи худуди ноҳия якҷоя бо хоҷагиҳои пахтакори ноҳия 21 тонна чигити навъи “Деҳқонбобо”, 3 тонна навъи “Султон” ва зиёда аз 36 тонна тухмиҳои аълосифати хориҷа ворид намуда, ба хоҷагиҳо тақсим карда шудааст. Ҳосилнокии дигар зироатҳо низ аз тухмии аълосифат вобаста буда, аз тарафи соҳибкорон тухмии ғалладонаи “Громм” 35 тонна, “Московская-37” 50 тонна, ”Безостия-100” 3 тонна ва “Шумон” ба хоҷагиҳо ворид карда шудааст, ки ҳосилнокии он аз 39 то 56 сентнерро ташкид менамояд. Инчунин картошкаи тухмӣ аз Федерасияи Руссия 20 тонна навъи “Гала” ворид гардидааст.

Дар ноҳияи Истаравшан нақшаи истеҳсоли пилла мувофиқи шаҳр 9,5 тонна муқаррар карда шуда, 9,5 тонна ё 100 % таъмин гардидааст, ки аз тарафи мутахассисони маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Истаравшан барои муташаккилона гузаронидани кишту кор 8 намуди тухмиҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ аз ташхис гузаронида шуда, сифати тухмиҳои кишткардашаванда мавриди санҷиш қарор гирифта, ҳар навъи тухмӣ бо сертификати сифат таъмин карда шуданд.

Бо истиснои шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида дар ҳисоботи дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба масъалаи номбурда маълумоти мушаххас ва дикиқ омода ва пешниҳод карда нашудааст.

### 7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда (банди 29 паём)

Дар ҳудуди вилоят дар нимсолаи якуми соли 2019 дар масоҳати 35,17 га замин гармхонаҳо ташкил карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1,23 га зиёд мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров +1,7 га (15 га), Бустон +4 га, Мастчоҳ +1,54 га (8,64 га), Зафаробод +0,13 (0,23 га), Ашт +0,09 га ташкил додааст, ки барои таъмини аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо сабзавоти тару тоза ва барои кам намудани воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар мусоидат намудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Расулов +/-0 га (1,88 га ), Исфара +-0 (4,3 га), Истаравшан -+0 (1,67 га), Деваштич +-0 (0,67 га), Панҷакент +-0 (1,55 га), Спитамен +-0 (0,62 га) масоҳати гармхонаҳо дар сатҳи соли гузашта боқӣ монда, бетағйир мебошад, ки барои васеъ намудани масоҳати он бояд чораҳои иловагӣ андешида шавад.

Мавриди қайд аст, ки дар маълумоти 3 моҳаи аввали соли ҷорӣ масоҳати гармхонаҳо дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +8,3 га. зиёд нишон дода шуда, дар маълумоти нимсолаи аввал ин нишондиҳанда +1,7 га. омада, таҷдиди назар карда шавад.

### 7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ (банди 29 паём);

Дар нимсолаи якуми соли 2019 дар миқёси вилоят ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзи 14712 тонна пахта , мева 11609 ва сабзавот 50674 тонна содирот карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта пахта -2472 тонна, мева -695 тонна, сабзавот -6846 тонна кам гардида, андешидани тадбирҳои зарурӣ ба миён омадааст.

### 7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ (банди 3, 29 паём);

Дар вилояти Суғд 28 сардхона, бо ғунҷоиши умумии 6970 тонна, фаъолият дошта, ҳаҷми маҳсулоти онҳо 51,3 фоизи иқтидори умумии сардхонаҳоро дар бар мегирад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров (12 адад сардхона бо ғунҷоиши 3490 тонна), Панҷакент (4 адад), Истаравшан (3 адад сардхона дар ҷамоати деҳоти Зарҳалол, Қалъаи Баланд), Истиқлол 1 адад, ноҳияи Мастчоҳ 1 адад, Ашт (1 сардхона ҶСК “Зардолу Компания” бо ғунҷоиши 200 тонна), Шаҳристон (2 адад сардхона КТ “Шаҳристон” бо ғунҷоиши 200 тонна), Гулистон (4 адад сардхона бо ғунҷоиши 1515 тонна) ва Бӯстон (2 адад сардхона ҶДММ “Наврӯз”, ҶДММ “Ҷоми ҷамъ” бо ғунҷоиши 4200 тонна) мавҷуд мебошанд.

Шумораи сардхонаҳо нисбат ба семоҳаи аввали соли 2019 дар шаҳри Истаравшан +1 адад, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров +1 адад ва Мастчоҳ +1 адад зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷалби соҳибкорон барои бунёди сардхонаҳо таъмин карда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Ашт, Шаҳристон, Гулистон, Бӯстон нишондиҳанда бетағйир монда, дар шаҳри Панҷакент -1 адад кам гардидааст, ки андешидани тадбирҳои иловагиро тақозо менамояд.

**7.7.Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо**

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №793 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» дар нимсолаи якуми соли равон тибқи нақша дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории вилояти Суғд дар майдони 886 гектар боғҳои нав бунёд гардидааст, ки нисбат ба 3 моҳаи аввали соли ҷорӣ +415 га. зиёд буда, нисбат ба нишондоди замимаи 2-и қарори мазкур -204 га. кам бунёд гардида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки ҷиҳати таъмини нишондоди қарори болозикр майдони боғу токзорро афзун намоянд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич 150,2 га (+53,2 га.), Б.Ғафуров 94,5 га (-0,9 га.), Исфара 46 га (+/-0), Шаҳристон 42 га (+24 га), Истаравшан 34,6 га (+14,3 га.), Куҳистони Мастчоҳ 23,4 га, Панҷакент 15,5 га (-0,8 га.) ва Айнӣ 7,1 га рост омада, миқдори муайяни боғу токзорҳои нав дар заминаҳои бекорхобида ва доманакуҳҳо бунёд карда шудааст.

Боиси қайд аст, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 нисбат ба семоҳаи аввали сол шаҳру ноҳияҳои Деваштич +53,2 га., Шаҳристон +24 га., Истаравшан +14,3 га. бунёди боғҳои интенсивиро зиёд карда бошанд, ин нишондиҳанда дар шаҳри Исфара бетағйир буда, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров -0,9 га. ва шаҳри Панҷакент -0,8 га. кам гардидааст, ки андешидани чораҳои мушаххас ва омӯзиши сабабҳои худро тақозо менамояд.

Ноҳияи Ҷ.Расулов дар ҳисоботи 3 моҳаи аввали соли 2019 майдони боғу токзори навбунёдро 3,84 га. пешниҳод намуда, дар ҳисоботи нимсолаи аввал маълумот пешниҳод накардааст.

Инчунин, доир ба бунёди боғу токзор ғайр аз шаҳру ноҳияҳои болозикр дигар шаҳру ноҳияҳо маълумоти мушаххас пешниҳод накардаанд, ки минбаъд зимни пешниҳоди маълумот ба инобат гирифта шавад.

**7.8. Ҳолати ҷамъоварии маблағҳои ҳаққи хизматрасонии оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он.**

Қарзи истифодабарандагони оби полезӣ дар вилоят 47,4 млн. сомонӣ буда, нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ +6,9 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

Ин нишондиҳанда мувофиқи шаҳру ноҳияҳои Зафаробод–16,8 млн. сомонӣ (нисбат ба 3 моҳа +1,0 млн. сомонӣ зиёд), Бобоҷон Ғафуров– 4,7 млн. сомонӣ (+1,0 млн. сомонӣ), Ҷ.Расулов 1,0 млн. сомонӣ, (+0,2 млн. сомонӣ), Исфара 952 ҳазор сомонӣ (+0,3 млн. сомонӣ), Айнӣ 124 ҳазор сомонӣ (+47 ҳазор сомонӣ), Истаравшан 61,5 ҳаз. сомонӣ (+8,1 ҳаз. сомонӣ) ташкил дода, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо чораҳои иловагӣ андешида шавад.

Дар шаҳри Панҷакент нисбат ба 3 моҳа қарзи истифодаи оби полезӣ 958,6 ҳазор сомонӣ (-1,9 млн. сомонӣ) кам гардида, дар ноҳияҳои Мастчоҳ– 14,7 млн сомонӣ (+/-0),– Ашт 953 ҳаз. сомонӣ (+/-0 сомонӣ), Шаҳристон 10,5 ҳаз. сомонӣ (+/-0 сомонӣ) ва Деваштич 1000 сомонӣ (+/-0 сомонӣ) бетағйир мондааст.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ қарзи калони истифодабарандагони оби полезӣ дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод, Б.Ғафуров, Ҷ.Расулов, Ашт, Панҷакент ва Исфара ба назар расида, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва сохтори ҳудудии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳисоботи шаҳри Конибодом доир ба қарздорӣ аз истифодаи оби полезӣ маълумот пешниҳод нагардида, минбаъд зимни пешниҳоди ҳисобот масъалаи мазкур ба инобат гирифта шавад.

### 7.10. Ба роҳ мондани фаъолияти Ассотсиатсияи истифодабарандагони об, механизми ба онҳо вобаста кардани шабакаҳои обёрии дохилӣ – хоҷагӣ ва таъсис додани заминаҳои моддию техникии онҳо

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Шаҳристон, Айнӣ, Ашт 22 адад, Истаравшан, Конибодом ва Деваштич 7 адад Ассосиатсияи истифодабарандагони об фаъолият намуда, барои дастрасии кишоварзон ба оби полезӣ мусоидат намуда истодааст. Ҳамзамон мушкилотҳое ба назар мерасанд, ки ба самараноки фаъолияти Ассосиатсияи истифодабарандагони об таъсири манфи мерасонад.

Дар ноҳияи Айнӣ барои Ассотсиатсия истифодабарандагони об бинои маъмурӣ бо таҷҳизоташ сохта мешавад. Барои беҳтар намудани идоракунии ҳавзаи захираҳои обии болооби Зарафшон бинои маъмурӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Дар шаҳри Истаравшан ҳамаи иншоотҳои гидротехникӣ ва шабақаҳои обёрии дохилихоҷагӣ ба мувозинаи АИО-ҳо гузаронида шуда, барои обёрии мавсими соли 2019 омода мебошанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурсамар намудани фаъолияти Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об тадбирҳои иловагӣ андешида, барои истифодаи оқилонаи обу замин, таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, бунёди боғу токзор дар доманакӯҳҳо, кам намудани қарздории истифодаи оби полезӣ ва амалигардонии барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ мусоидат намоянд.

## 8. Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ
## (банди 65-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. (8.5) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёби гардиданд.**

### 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ,

**8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дарназардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ**

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар самти сохтмони иншооти соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва истеҳсолӣ дар вилоят пешравиҳо назаррас буда, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ дар ин давра дар ҳаҷми 646,3 млн. сомонӣ азхуд шуда, иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ ба маблағи 509,2 млн. сомонӣ расонида шудааст, ки мутаносибан баробари 114,0 ва 107,0 фоизи нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2018 мебошад.

Дар вилоят дар нимсолаи аввал маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ нисбат ба семоҳаи аввали сол +382,6 млн. сомонӣ зиёд азхуд карда шуда, иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ +315,3 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст, ки ба рушди соҳа замина гузошта истодааст.

Дар доираи чорабиниҳои таҷлили ҷашни байналмиллалии “Наврӯз-2019” бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як зумра иншоотҳои таъйиноти иҷтимоию истеҳсолӣ мавриди истифода қарор дода

шуданд. Аз ҷумла, дар шаҳри Хуҷанд иншооти таноброҳа бо дарозии 1000 метр, бинои қаҳвахонаи “Темурмалик”, бинои аз нав барқароршудаи муассисаи давлатии “Қасри ҷавонон ба номи Лоиқ Шералӣ”, дар шаҳри Гулистон Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, боғчаи бачагона барои 320 ҷой, сехи истеҳсоли арматура дар минтақаи саноатӣ, дар шаҳри Бӯстон маҷмааи хизматрасонӣ (тарабхона, маркази савдо, кошонаи ҳусн, меҳмонхона, дорухона бо 30 ҷойи корӣ) ва корхонаи инноватсионии истеҳсоли маҳсулоти полиэтилении ҶДММ «Суғдполитекс» бо 70 ҷойи корӣ, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бинои муолиҷавӣ барои 120 кат, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қасри фарҳанг ва бинои ҷамоат дар Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳайдар Усмонов, дар ноҳияи Спитамен сохтмони китобхона ва осорхона, Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинои маркази адлия дар Ҷамоати деҳоти Навкат, коргоҳи истеҳсолии равғани ҶДММ “25-солагии Истиқлолият” ва Қасри фарҳанг дар Ҷамоати деҳоти Куруш ба истифода дода шуданд.

Бо мақсади бо дастовардҳои назаррас истиқбол гирифтани санаи таърихии 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2017, №968 “Дар бораи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, қарори Раиси вилоят аз 14 марти соли 2018, №89 “Дар бораи эълон намудани 1300 рӯзи меҳнати зарбдор ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба тасвиб расида, нақшаи чорабиниҳо тасдиқ карда шуданд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои мазкур дар вилоят бунёд ва таҷдиди 6969 иншооти ҷашнии истеҳсолию иҷтимоӣ пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, бунёд ва азнавбарқароркунии қасрҳои фарҳанг ва боғҳои фарҳангӣ, коргоҳу корхонаҳои дӯзандагӣ ва коркарди шир, толору майдончаҳои варзишӣ дар ҳар як деҳа, маҳалла ва биноҳои баландошёна ба нақша гирифта, аз рӯи нақшаҳои алоҳида фаъолият дар ин самт оғоз гардидааст.

Дар соли 2019 бунёди 2712 иншоот ба нақшагирифта, амалан 1429 иншоот ба истифода дода шудааст, ки 52,6 фоизи нақшаи солонаро дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ, то ин давра наздик 2781 иншооти гуногун ба истифода дода шуда, нақшаи умумӣ 39,9 фоиз иҷро шудааст.

Айни ҳол, нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Конибодом, Истиқлол, Панҷакент, Ҷаббор Расулов, Ашт, Спитамен, Деваштич, Айнӣ, Зафаробод, Мастчоҳ, Бӯстон ва Шаҳристон тасдиқ гардида, нақшаи генералии шаҳри Гулистон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод гардидааст. Нақшаи генералии маркази ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ тарҳрезӣ ва омода гашта, барои мувофиқа ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки тасдиқи нақшаҳои генералии шаҳри Гулистон, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Кӯҳистони Мастчоҳ ба таъхир афтода, дигаргунӣ нисбати семоҳаи аввали соли 2019 дида намешавад. Аз ин лиҳоз, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Кӯҳистони Мастчоҳро зарур аст, ки ҷиҳати мувофиқа ва пешниҳод намудани нақшаҳои генералии худ ҳамкориро бо вазорату идораҳои марбута тақвият бахшанд.

**8.1.** (8.2.) **Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ.**

Дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 184,2 ҳазор метри мураббаъ манзил ба истифода дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба масоҳати 9,5 ҳазор метри мураббаъ кам мебошад.

Ба кор андохтани фондҳои асосӣ, аз ҷумла хонаҳои истиқоматӣ шаҳри Бӯстон 160 % (2798 ҳаз. м$^2$), шаҳри Конибодом 150,8 % (5694,7 ҳаз. м$^2$), Истаравшан (9 ҳазор м$^2$), шаҳри Истиқлол 105,4 % (2008 ҳаз. м$^2$), ноҳияи Мастчоҳ 103,6% ( 5,7 ҳаз. м$^2$), ноҳияи Панҷакент 107,6% (4499 ҳаз м$^2$), ноҳияи Ашт 101,3% (8,0 ҳаз. м$^2$), ноҳияи Шаҳристон 106,1% (6762 ҳаз. м$^2$), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 103,5 % (1224 ҳаз. м$^2$), ноҳияи Деваштич 106,8 % (10793 ҳаз. м$^2$), ноҳияи Зафаробод 100,9 % (6,4 ҳаз. м$^2$) ва ноҳияи Спитамен 100 % (700 ҳаз. м$^2$) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, барои таъмини аҳолӣ бо манзили зист шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Исфара 71,1% (25393 ҳаз. м$^2$) ва шаҳри Хуҷанд 55,8% (24105 ҳаз. м$^2$), нишондоди соли гузаштаро ташкил додааст, ки дар таъмини мусбии нишондиҳанда ва беҳтар намудани таъмини аҳолӣ бо манзили зист чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Дар ҳисоботи шаҳри Гулистон ва ноҳияҳои Айнӣ, Куҳистони Мастчоҳ вобаста ба масъалаи мазкур маълумоти мушаххас пешниҳод нагардидааст, ки нишондиҳандаҳои ин шаҳру шоҳияҳо муайян карда нашуд.

**8.1.** (8.3.) **Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти ҷашнӣ**

Бо мақсади бо дастовардҳои назаррас пешвоз гирифтани санаи таърихии 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2017, №968 “Дар бораи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон”, қарори Раиси вилоят аз 14 марти соли 2018, №89 “Дар бораи эълон намудани 1300 рӯзи меҳнати зарбдор ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба тасвиб расида, нақшаи чорабиниҳо тасдиқ карда шуданд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои мазкур дар вилоят бунёд ва таҷдиди 6969 иншооти ҷашнии истеҳсолию иҷтимоӣ пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷумла, бунёд ва азнавбарқароркунии қасрҳои фарҳанг ва боғҳои фарҳангӣ, коргоҳу корхонаҳои дӯзандагӣ ва коркарди шир, толору майдончаҳои варзишӣ дар ҳар як деҳа, маҳалла ва биноҳои баландошёна ба нақша гирифта, аз рӯи нақшаҳои алоҳида фаъолият дар ин самт оғоз гардидааст.

Дар соли 2019 бунёди 2712 иншоот ба нақшагирифта шудааст, ки амалан 1429 иншоот ба истифода дода, 52,6 фоизи нақшаи солонаро дар бармегирад. Дар маҷмӯъ, то индавра наздик 2781 иншооти гуногун баистифода дода шуда, нақшаи умумӣ 39,9 фоиз иҷро шудааст.

Дар маҷмӯъ, то ин давра наздик 2781 иншооти гуногун ба истифода дода шудааст, ки аз онҳо 22 муассисаи томактабӣ, 86 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 6 китобхона, 9 қасри фарҳанг, 12 боғи фарҳангию фароғатӣ, 14 гулгашт, 15 беморхона, 32 бунгоҳи тиббӣ, 36 маркази тиббӣ, 7 таваллудхона, 68 утоқи хатнаи кӯдакон, 23 дорухона, 51 сартарошхона, 22 ҳаммом, 36 кошонаи ҳусн, 90 маркази савдо, 140 маркази хизматрасонӣ, 31 толори варзиш, 101 майдончаи варзишӣ, 33 майдони бозии кӯдакон, 14 меҳмонхона барои қабули сайёҳон, 119 корхонаи истеҳсолӣ ва 1801 адад иншооти таиноташон гуногунро ташкил медиҳад.

### 8.1. (8.4.) Вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъ гардонии мурочиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ.

Ҷиҳати гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ мурочиатҳо дар нимсолаи аввали соли 2019 дар вилоят +5 адад (ҳамагӣ 430 адад)-ро ташкил менамояд, ки ин нишондиҳанда дар ноҳияи Ҷаббор Расулов +510 адад (920 адад ), дар ноҳияи Айнӣ +28 (255 адад), дар шаҳри Бӯстон +3 (87 адад), шаҳри Истиқлол +17 адад (107 адад), дар ноҳияи Спитамен +271 (755 адад), ноҳияи Зафаробод +163 (552 адад), дар шаҳри Конибодом +60 (317 адад), ноҳияи Шахристон +3 (337 адад), нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист, чораҳои иловагӣ андешидан ба миён омадааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Деваштич -59 (168 адад), дар шаҳри Хуҷанд -81 (149 адад), дар ноҳияи бобоҷон Ғафуров -133 (315 адад), дар

шаҳри Истаравшан -11 (328 адад), дар шаҳри Исфара -237 (167 адад), дар ноҳияи Мастчоҳ -72 (213 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ -27 (182 адад), дар шаҳри Панҷакен -54 (408 адад), шаҳри Гулистон -19 адад (118 адад) ва ноҳияи Ашт -8 (76 адад) кам гардида, аз беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист шаҳодат медиҳанд.

Дар баробари ин, эҳтиёҷоти шаҳрвандон барои гирифтани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ зиёд буда, давра ба давра масъалаи мазкур бояд ҳалли худро пайдо намояд.

**8.2.** (8.5.) **Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19);**

Дар нимсолаи якуми соли 2019 дар вилоят шумораи оилаҳои ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд 633 оиларо ташкил дода (Дар маълумоти семоҳаи аввал ин нишондиҳанда 6451 оила омадааст, ки тафовути калон дошта, таҷдиди назар карда шавад), 738 ҳаз. 200 сомонӣ маблағҳои хайриявӣ ба сохтмон ва таъмири манзилҳои оилаҳои ниёзманд харҷ шудааст, ки аз ҷумла дар шаҳри Конибодом 314 ҳаз. сомонӣ (63 оила), дар ноҳияи Мастчоҳ 128 ҳаз. 200 сомонӣ (305 оила), дар ноҳияи Спитамен 83 ҳаз. 500 сомонӣ, дар ноҳияи Айнӣ 19,3 ҳаз. сомонӣ (2 оила), дар ноҳияи Б.Ғафуров 15 ҳаз. 700 сомонӣ (63 оила), дар шаҳри Хуҷанд 600 ҳаз. 900 сомонӣ (128 оила), дар шаҳри Истаравшан 4 ҳаз. 300 сомонӣ (56 оила), дар ноҳияи Ашт 5 ҳаз. 400 сомонӣ (7 оила), Куҳистони Мастчоҳ 7 ҳаз. 700 сомонӣ (2 оила), Исфара 99 ҳаз. 200 сомонӣ ташкил дода, ҳолати иҷтимоии гурӯҳи осебпазири ин шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардонида шудааст.

Дар шаҳри Панҷакент шумораи оилаҳои ниёзманд (7 оила) муайян гардида, маблағгузорӣ онҳо оғоз нагардидааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ин банд ғайр аз ноҳияи Furthermore Бобоҷон Ғафуров, шаҳрҳои Хуҷанд ва Истаравшан нишондиҳандаҳои дигар шаҳру ноҳияҳо ба маълумоти 3 моҳаи аввали соли ҷорӣ якхела буда, таҷдиди назар карда шуда, маълумоти дақиқ пешниҳод карда шавад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод, Ҷ.Расулов, Гулистон, Истиқлол, Бустон, Деваштич шумораи оилаҳои ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд ва маблағҳои дар ин самт харҷгардида муайян карда нашуда, иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 бенатиҷа мондааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии

вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тадиқи нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва таъмини иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## 9.Рушди инфрасохтор ва нақлиёт (бандҳои 26 ва 14-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2. (9.2, 9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3(9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёби гардиданд.**

### 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо

**9.1 Таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо**

Дар соли 2019 таъмиру тармими 2166,8 км роҳ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 108,4 км таъмири асосӣ, 923,9 км таъмири ҷорӣ ва 1073,5 км шағалпӯш мебошад.

Барои таъмини иҷрои нақша аз ҳамаи сарчашмаҳо 96885,6 ҳазор сомонӣ (100 %), аз ҷумла аз буҷети Вазорати нақлиёт 2619,5 ҳазор сомонӣ (2,7 %), буҷети вилоят 57382,4 ҳазор сомонӣ (59,2 %), буҷети шаҳру ноҳияҳо 7744,9 ҳазор сомонӣ (8,0 %), ташкилоту корхонаҳо 3445,5 ҳазор сомонӣ (3,6 %), соҳибкорон 16602,2 ҳазор сомонӣ (17,1 %) ва аҳолӣ 9091,1 ҳазор сомонӣ (9,4 %) ба нақша гирифта шудааст.

Маблағи умумии барои иҷрои нақшаи соли 2019 пешбинигардида ба 96,9 млн. сомонӣ баробар мебошад.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ нақшаи таъмиру тармими роҳҳо ҳамагӣ 51,5 фоиз иҷро гардида, 1116,9 км роҳ аз таъмир бароварда шудааст, ки аз он 50,6 км таъмири асосӣ, 353,8 км таъмири ҷорӣ ва 712,5 км шағалпӯш мебошад. Барои корҳои иҷрошуда ҳамагӣ 35421,7 ҳазор сомонӣ маблағ сарф шудааст. Аз ҳисоби буҷети вилоят19926,8 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардида, 26,1 км роҳ, аз ҷумла 22 км аз таъмири асосӣ ва 4,1 км аз таъмири ҷорӣ бароварда шудааст. Аз ҳисоби Вазорати нақлиёт 1127,1 ҳазор сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 1765,3 ҳазор сомонӣ, ташкилоту идораҳо

2370,4 ҳазор сомонӣ, соҳибкорон 5986,1 ҳазор сомонӣ ва аҳолӣ 4246,1 ҳазор сомонӣ барои таъмири роҳҳо маблағгузорӣ шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 72,4 км, Ашт 60,4 км, Кӯҳистони Мастчоҳ 0,420 км, Ҷ.Расулов 49,1 км, Панҷакент 46,9 км, Спитамен 13,5 км, Б.Ғафуров 110,1 км, Истаравшан 31 км, Гулистон 19 км, Хуҷанд 16,8 км, Шаҳристон 127,4 км, Деваштич 176,5 Зафаробод 50,8, Исфара 49 км, Бӯстон 9 км ва Истиқлол 5,4 км ва дар шаҳри Конибодом 49,3 км роҳҳо таъмиру тармими карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки нисбат ба семоҳаи аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров +91 км., Панҷакент +18,2 км., Гулистон +9 км., Хуҷанд +8 км., Бӯстон +4,5 км. ва Истиқлол +2,6 км. таъмири роҳҳо зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳоро нишон медиҳад.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ашт масофаи таъмири роҳ дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ 201,1 км. нишон дода шуда, дар маълумоти нимсолаи аввал 60,4 км. омадааст, ки 140,7 км. кам, яъне фарқият дошта, беаҳамиятии шахсони масъулро дар пешниҳод намудани ҳисобот нишон медиҳад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ вобаста ба масъалаи мазкур маълумот омода ва пешниҳод накардааст.

### 9.2. (9.2.) Чораҷӯии мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати кашонидани борҳо тариқи нақлиёти роҳи оҳан аз рӯи хатсайри муайян ва нуқтаи таъминоти борҳо ва баланд бардоштани хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан (банди 14 паём)

Кашидани борҳо тавассути роҳи оҳан мувофиқи маълумоти шаҳри Исфара дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 31 164 тонна борҳои таъиноти гуногунро таъмин намудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз (13 147 тонна) тонна зиёд мебошад

Қобили қайд аст, ки дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳое, ки кашонидани борҳо тариқи нақлиёти роҳи оҳан аз рӯи хатсайри муайян ва баланд бардоштани хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан дахл дорад маълумот гардидааст.

### 9.2. (9.3.) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот

Дар вилоят 49 муассисаи нақлиётӣ фаъолият дошта, ҳамагӣ 6844 воситаи нақлиёт, аз ҷумла 3041 нақлиёти мусофиркашон (автобус ва микроавтобус), 1078 таксии сабукрав ва 2725 нақлиёти боркашон ба аҳолии вилоят хизмат мерасонанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров 13 ширкат бо 635 адад нақлиёт, Истаравшан 3 ширкат бо 309 адад нақлиёт, Ашт 3 ширкат бо 399 адад нақлиёт, Хуҷанд 5 ширкат бо 900 адад нақлиёт, Панҷакент 41 хатсайр, Спитамен 3 ширкат, Конибодом 4 ширкат бо 339 дадад нақлиёт, Гулистон 9 хатсайр, Айнӣ 1 ширкат, Мастчоҳ 2 ширкат, Исфара 4 ширкат, Шаҳристон 1 ширкат, Зафаробод 2 ширкат, Деваштич 2 ширкат барои дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиётӣ ба роҳ монда шудааст.

Қобили қайд аст, ки нисбат ба семоҳаи аввали сол дар шаҳри Хуҷанд 3 ширкати нақлиётӣ ва ноҳияи Мастчоҳ 1 ширкат кам гардида, шумораи нақлиёти хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +93 адад, шаҳри Хуҷанд +72 адад зиёд гардида, дар шаҳри Истаравшан -9 адад кам гардидааст.

**9.2.** (9.4.) **Рафти бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, аз навсозии заминаҳои моддиву техникӣ (воридоти воситаҳои нақлиёт), таҷдиди паркҳои нақлиётӣ (банди 26 паём);**

Дар давраи ҳисоботи дар ноҳияи Ашт бо кушода шудани гузаргоҳи сарҳадии “Навбунёд” –“Поп” ва бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи инфрасохтори соҳаи нақлиёт ва ба роҳ мондани ҳаракати воситаҳои нақлиёт ба кишварҳои ҳамсоя, барои бунёди терминали наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, навсозии паркҳои нақлиётӣ ва афзоиши ҳамлу нақли молу маҳсулот бо истифодаи имкониятҳои мавҷуда тадбирҳои зарурӣ амалӣ намуда истодааст.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳисоботҳои мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳое, ки банди мазкур дахл дорад ва терминалҳои сарҳади доранд маълумот пешниҳод нагардидааст.

**9.3.** (9.5.) **Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ (банди 14 паём);**

Дар нимсолаи аввали соли 2019 тавассути маҷмӯи нақлиёт 13,6 млн. тонна борҳои гуногуни хоҷагии халқ ва 94,6 млн. нафар мусофир кашонида шудааст, ки суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 мутаносибан 101,4 ва 109,8 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор тавассути нақлиётиавтомобилӣ 11,9 млн. млн. тонна бор ва 94,5 млн. нафар мусофир кашонида шуда, ҳиссаи он дар маҷмӯи бору мусофиркашонии вилоят мутаносибан ба 87,5 ва 99,8 фоиз расонида шудааст. Тавассути роҳи

оҳан 1,7 млн. тонна бор ва 15,2 ҳазор нафар мусофир интиқол дода шуда, бо нақлиёти ҳавоӣ 84,4 ҳазор мусофир кашонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Хуҷанд боркашонӣ 106,2% (1569,9 ҳаз.тн/км) ва мусофиркашонӣ 131,2% (32464,9 ҳаз. нафар), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 100,2% (2199,1 ҳаз. тн/км) ва 100,1% (10938 ҳаз. нафар), шаҳри Бустон 132,8% (4051,1) ва 100,5 (66,2 ҳаз. нафар), шаҳри Истаравшан 102,9% (974,9 ҳаз. тн/км) ва 101,9% (6566,4 ҳаз. нафар), шаҳри Истиқлол 105,6% (11,2 ҳаз. тн/км), ноҳияи Зафаробод 106.3% (55.5 ҳаз. тн/км) ва 114.2% (109.7 ҳаз. нафар), ноҳияи Спитамен 100.4% (669 ҳаз. тн/км) ва 100% (1066.8 ҳаз. нафар) ноҳияи Ҷаббор Расулов 101,1% (762,8 ҳаз. тн/км) ва 100,1% (6380,7 ҳаз. нафар), шаҳри Конибодом 100,2% (555 ҳаз. тн/км) ва 103,6% (7230,2 ҳаз. нафар), шаҳри Исфара 111,9% (51869,1 ҳаз. тн/км) ва 100% (12351,5 ҳаз. нафар), ноҳияи Ашт 102% (42836.4 ҳаз. тн/км) ва 100,1% (2718.0 ҳаз. нафар), ноҳияи Шаҳристон 116,7% (7956,7 ҳаз. тн/км) ва 100,3% (171,1 ҳаз. нафар), ноҳяи Деваштич 100,7% (742,2 ҳаз. тн/км) ва 111% (307,9 ҳаз. нафар), ноҳияи Айнӣ 100 % (76,7 ҳаз. тн/км) ва 103,2% (279,7 ҳаз. нафар), шаҳри Панҷакент 62,2% (1012,2 ҳаз. тн/км) ва 281,5% (13454 ҳаз. нафар), ноҳияи Мастчоҳ 106,2 % (674,5 ҳаз. тн/км) ва 102,7% (85,3 ҳаз. нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба семоҳаи аввали соли 2019 дар шаҳри Хуҷанд боркашонӣ +934,4 ҳаз.тн/км ва мусофиркашонӣ +16280,7 ҳаз. нафар, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +1247,3 ҳаз. тн/км ва +5518,6 ҳаз. нафар, шаҳри Истаравшан +518,9 ҳаз. тн/км ва +3528,5 ҳаз. нафар, ноҳияи Зафаробод +31,6 ҳаз. тн/км ва +50,2 ҳаз. нафар, ноҳияи Спитамен +318,7 ҳаз. тн/км ва +523 ҳаз. нафар, ноҳияи Ҷаббор Расулов +450,2 ҳаз. тн/км ва +3392 ҳаз. нафар, шаҳри Конибодом +214,3 ҳаз. тн/км ва +3924,3 ҳаз. нафар, шаҳри Исфара +51502 ҳаз. тн/км ва +6193,6 ҳаз. нафар, ноҳияи Ашт +42454,8 ҳаз. тн/км ва +1748,8 ҳаз. нафар, ноҳияи Шаҳристон +7927,1 ҳаз. тн/км ва +126,4 ҳаз. нафар, шаҳри Панҷакент +615,1 ҳаз. тн/км ва +6778,4 ҳаз. нафар, ноҳияи Мастчоҳ +371 ҳаз. тн/км ва +77,1 ҳаз. нафар зиёд гардидааст.

Нишондиҳандаи баланди таъмини мусофиркашонӣ ва боркашонӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Исфара ва Ашт ба назар мерасад, ки афзоиши суръати гардиши савдо таъмин шуда, ба рушди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Ин нишондиҳанда дар самти боркашонӣ дар ноҳияи Айнӣ -27 ҳаз. тн/км нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ кам гардидааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияро зарур аст, ҷиҳати

баланд бардоштани нишондиҳанда тадбирҳои зарурӣ андешад.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ оид ба ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмири роҳ, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ва ҳалли мушкилоти дарҷгардида, фаъолиятро пурзӯр намоянд.

## 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва % аз аҳолии умумӣ) ба шабакаҳои телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, алоқаи мобилӣ ва интернет. 10.2. Номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд.**

### 10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет

Дар қаламрави вилоят 4 ширкати мобилӣ ба зиёда аз 1,8 млн. нафар муштариён хизмат мерасонанд, ки нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ 0,6 млн. нафар зиёд мебошад. Аз ин шумора ба ҶСП “ТСЕЛ” 1330,7 ҳазор нафар, намояндагии ҶСП “Вавилон - Мобайл” 247,7 ҳазор нафар, ҶДММ “Таком” 91,0 ҳазор нафар ва ҶСП “ТТ Мобайл”132,0 ҳазор нафар рост меояд.

Илова бар ин, 4 интернет-провайдери хусусӣ тавассути хатҳои нурӣ-ноқилӣ ва технологияҳои Wi-Fi, Wi-Max, LTE 4G хизматрасонии интернетро ба муштариён дастрас менамоянд. Аз ҷумла, ҶДММ “Сатурн-Онлайн” ба 290 муштарӣ, ҶДММ “Вавилон-Т” 1680, ҶДММ “Интерком” 134 ва ҶСП “Телеком технолоҷи” ба 920 муштарӣ хизмат мерасонанд.

Дар ноҳияи Зафаробод хизматрасонии интернет бо камутатори ADSL-12 портал ба роҳ монда, шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва шабакаи «Интернет» ба ҳолати 1 июли соли 2019 дар ҳудуди ноҳия 1296 адад нуқтаҳои телефонӣ дар истифода мебошанд, нисбат ба нишондиҳандаи семоҳаи аввал 12 нуқтаи телефонӣ кам гардидааст.

Дар шаҳри Истаравшан истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва шабакаи умумиҷаҳонии интернет фаъол буда, зиёда аз 65 фисади аҳолӣ аз он дастрасӣ доранд.

Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ дар шаҳри Конибодом 126120 нафар, аз он ҷумла ба шабакаи интернет 100896 нафар пайваст мебошанд, ки нисбат ба семоҳаи аввали соли 2019 нишондиҳанда бетағйир боқӣ мондааст.

Бояд тазаккур дод, ки аҳолии шаҳри Гулистон аз хизматрасонии алоқаи мобилӣ, аз қабили ТСЕЛ, ВАВИЛОН, МЕГАФОН, БИЛАЙН ва ТЕЛЕКОМ истифода бурда, ба корхонаву ташкилот ва аҳолӣ 159 адад интернети баландсуръат насб гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 27 адад зиёд мебошад.

Ҷиҳати дастрасии сокинони ноҳия Б.Ғафуров ба алоқаи мобилӣ ва интернет дар ноҳия филиали ширкатҳои мобилӣ ва интернетӣ фаъолият менамоянд. Айни ҳол шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ 132,2 ҳазор нафар ва истифодабарандагони интернет 97,7 ҳазорро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Истиқлол 1080 адад телефонҳои корӣ ва хонагӣ мавҷуд буда, 94 адад нуқтаҳои шабакаҳои интернетӣ тариқи нуқтаҳои телефонии “Тоҷиктелеком” ва 8,3 ҳазор нафар истифодабарандагони алоқаи сотӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар ноҳияи Ҷ.Расулов аз хизматрасонии интернет 117 муштарӣ ва дар ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ 2350 нафар истифода мебаранд.

Дар ноҳия филиалҳои нуқтаи хизматрасонии алоқаи мобилии ширкатҳои Tcell, Babilon mobile, Beeline ва Мегафон Тоҷикистон ба аҳолии ноҳия хизмат мерасонад. Дар ноҳия 13540 нафар истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва 1300 нафар истифодабарандагони шабакаи «Интернет» мавҷуд мебошанд.

Дастрасии аҳолӣ ба телефонҳои шаҳрӣ ва интернет дар ноҳияи Мастчоҳ 701 ададро ташкил медиҳад. Ҳоло шумораи истифодабарандагони фаъоли интернет ба воситаи ADSL дар ноҳия 125 адад муштарӣ буда, аз он ҷумла 100 адад муштарӣ ба аҳолӣ ва 25 адад муштарӣ ба ташкилоту муассисаҳо рост меояд.

Мавриди қайд аст, ки мувофиқ ба маълумотҳо дастрасии аҳолӣ ба алоқа ва хизматрасонии интернет дар шаҳрҳои Истаравшан ва Гулистон нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ беҳтар гардида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳрҳоро дар ин самт нишон медиҳад.

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии

шаҳру ноҳияҳои Деваштич, Исфара, Панҷакент ва Спитамен айнан камбудии ҳисоботи семоҳаи аввали соли ҷорӣ такрор гардида, доир ба ин масъала маълумоти мукаммал омода карда нашудааст, ки минбаъд зимни пешниҳоди маълумот ба инобат гирифта шавад.

**10.2. Номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд.**

Дар доираи иҷрои барномаҳои давлатӣ вобаста ба рушди соҳаи иттилоот ва рақамикунонии иқтисодиёт номгӯи хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ сол аз сол тавсеа меёбанд. Аз ҷумла, дар соҳаи андоз системаҳои пешниҳоди ҳисоботи электронӣ пурра ҷорӣ шуда истодааст. Тавассути системаи бонкдорӣ номгӯи зиёди хизматрасониҳо дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи як қатор ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба тариқи пилотӣ системаи ҷамъоварӣ ва коркарди ҳисобот ба тариқи электронӣ татбиқ мегардад.

Дар аксарият ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо доир ба хизматрасониҳое, ки ба таври электронӣ пешниҳод мешаванд, ба таври мухтассар маълумоти умумӣ дарҷ карда шудааст, ки таҳлилу арзёбӣ ғайриимкон аст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроия маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолӣ ба шабакаи интернет, ҷиҳати ҷорӣ намудани пешбурди шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳо чораҷӯӣ намоянд.

## 11.Вусъати шуғли пурмаҳсул

**Арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо таъмини вусъати шуғли пурмаҳсул бо нишондиҳандаҳои 11.1.**(11.1, 11.2) **Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ, 11.2.** (11.3) **Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо, 11.3.** (11.4) **Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум ва равнақи таъмини "усто – шогирд" ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар.**

## 11.1. (11.1, 11.2) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ,

### 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ

Давоми шаш моҳи соли 2019 ба раёсат, шуъбаю бахшҳои Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 24813 шаҳрванд муроҷиат намудаанд, ки 12808 нафарашон занон мебошанд. Аз ҳисоби муроҷиаткунандагон 15369 нафар ҳамчун корҷӯй дар сохторҳои мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шуда, аз онҳо 60,1 фоиз ё 9328 нафар занон ва 37,6 фоиз ё 5778 нафар ҷавонони синну соли 15-29 мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи бекорони расман ба қайд гирифта нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд +132 (ҳамагӣ шумораи бекорон 936 нафар), Айнӣ +5 (247 нафар), Бӯстон + 55 (411 нафар), Истаравшан +153 (711 нафар), Исфара 946 нафар, Деваштич +50 (769 нафар ҳамагӣ шумораи бекорон), Зафаробод +111 нафар (310 нафар) ва Истиқлол +2 (122 нафар) зиёд гаштааст, ки андешидани чораҳоро барои паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров -24 (510 нафар), Мастчоҳ -237 (587 нафар), Панҷакент – 205 нафар (839 нафар), Спитамен -34 (481 нафар), Шаҳристон - 222 нафар (355 нафар), Ҷ.Расулов - 214 нафар (617 нафар), Конибодом -584 (1184 нафар), Гулистон -129 нафар (417 нафар) Кӯҳистони Мастчоҳ -109 нафар (186 нафар) ва кам гаштааст, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолияти мақомотҳои дахлдор дар таъмини бекорон бо ҷойҳои корӣ дарак медиҳад.

Вазни қиёсии шумораи муҳоҷирони меҳнатии ба қайд гирифташуда нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 7,6% (9178 нафар ҳамагӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд), Истиқлол 5,7% (516 нафар), шаҳри Панҷакент 5,23% (5423 нафар) Исфара 4,5% (7551 нафар), Шаҳристон 3,9 % (823 нафар), Хуҷанд 3,6% (ҳамагӣ 4076 нафар), Бобоҷон Ғафуров 3,4% (7245 нафар), Истаравшан 3,1% (5402 нафар), ноҳияи Кӯҳистон Мастчоҳ 2,9% (482 нафар), Айнӣ 2,5% (1129 нафар),Спитамен 2,4% (5128 нафар), Мастчоҳ 1,3% (4810 нафар), Ҷ.Расулов 8,9% (5803 нафар), Зафаробод 6,7% (1951 нафар), Бустон 478 нафар, Деваштич (5328 нафар), шаҳри Гулистон (619 нафар)-ро ташкил медиҳад.

Вазни қиёсии баланди шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба аҳолии қоблияти меҳнатӣ дар шаҳри Конибодом, Панҷакент, Исфара, Истиқлол, ба назар расида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳрҳоро зарур аст, ки дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва

беҳтар намудани вазъи рушди иҷтимоию иқтисодӣ чораҳои иловагӣ андешида вази шумораи муҳоҷиронро кам намоянд.

### 11.1. (11.2.) Баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ дар ярмаркаҳо аз ҷониби ташкилотҳо ва бо ҷойи кории доимӣ таъмин гардидани бекорон

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади бо кор таъмин намудани корҷӯён, бекорон ва муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта 151 ярмаркаи ҷойи кории холӣ гузаронида шудааст. Дар ярмаркаҳо 2330 корхонаю ташкилот иштирок ва 1120 нафар корҷӯёну бекорон ба ҷойҳои кории доимӣ таъмин гашта, 1416 нафар ба касбомӯзӣ ва 266 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар шуданд. Ҷамъи шаҳрвандони бекори ба воситаи ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ба шуғл ҷалбшуда 2902 нафарро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Конибодом 496  нафар бекорон ба қайд гирифта шуда (649 нафар ё 113,9%), бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, шаҳри Исфара 144 нафар (148 нафар, ё 100,1%), Хуҷанд 1008 нафар, 698 нафар ё 69,2% дар шаҳри Панҷакент 739 нафар (70 нафар, 9,48%), дар шаҳри Истиқлол 122 нафар (40 нафар, 32,9%), ноҳияи Айнӣ 140 нафар (58 нафар, ё 41,4%), ноҳияи Шаҳристон 355 нафар (196 нафар, ё 55,2%), ноҳияи Деваштич 1080 нафар ( 317 нафар, ё 29,4%), Зафаробод 536 нафар, Гулистон 564 нафар (334 нафар ё 59,2%), Ҷаббор Расулов 617 нафар (531 нафар ё 86,1%), ноҳияи Ашт 1021 нафар (559 нафар, ё 54,7%), ноҳияи Мастчоҳ 1491 нафар (аз 647 нафар, ё 43,4%), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 216 нафар (186нафар, ё 86,1 %), ноҳияи Спитамен 420 нафар ( 408 нафар, ё 97,1 %) ва шаҳри Истаравшан 1463 нафар (890 нафар, ё 60,8%) бо ҷойи корӣ таъмин гардидаанд.

Самаранокии гузаронидни ярмаркаҳои ҷойи корҳои холӣ ва таъмини бекорон бо ҷойи кор дар шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Хуҷанд, дар сатҳи муайян таъмин карда шуда, дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ярмаркаҳо ва таъмини корҷуён бо ҷойҳои кори тадбирҳо андешида шаванд.

### 11.2. (11.3.) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо;

Дар миқёси вилоят 311 маркази таълимӣ-истеҳсолӣ фаъолият мекунанд, ки аз он 83 маркази адрасбофӣ ва 228 дигар марказҳои

ҳунармандӣ мебошанд. Дар ин марказҳо 754 дастгоҳи адрасу атласбофӣ ва 447 дастгоҳи қолинбофӣ насб гардида, 969 нафар устодон ба 8593 нафар шогирдон нозукиҳои касбро меомӯзонанд. Ҳамзамон, зиёда аз 35,0 ҳазор нафар ҳунармандон дар хона фаъолият намуда истодаанд.

Фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ (ҳунарҳои мардумӣ) дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 1812 нафар, Панҷакент 539 нафар, Айнӣ 397 нафар, Кӯҳистони Мастчоҳ 350 нафар, Спитамен 263 нафар, Мастчоҳ 225 нафар, Б.Ғафуров 250 нафар, Истаравшан 202 нафар, Ҷ.Расулов 165 нафар, Гулистон 172 нафар, Исфара 148 нафар, Зафаробод 140 Шаҳристон 122 нафар, Бӯстон 102 нафар, Конибодом 85 нафар, Ашт 205 нафар ва Истиқлол 80 нафарро ташкил додааст.

Шумораи зиёди фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Панҷакент, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Спитамен, Мастчоҳ, Furthermore Бобоҷон Ғафуров ва Истаравшан ба назар мерасад, ки заминаи мусоид барои рушди ҳунарҳои мардумӣ фароҳам оварда шудааст.

**11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум ва равнақи таъмини “усто – шогирд” ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар (Нусха аз Протколи маҷлиси ҲҶТ аз 21.01.2019 с., №1 банди 27);**

Ташкили ҷойҳои нави корӣ дар қиёс бо шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар ноҳияи Айнӣ 308% (ҷои корӣ таъсис додашуда 247 адад, шумораи бекорони расман ба қайд гирифта шуда 80 нафар) ташкил додааст. Ин нишондиҳанда дар шаҳри Истаравшан 49,1% (712 ҷои корӣ), дар ноҳияи Шаҳристон 10,7% ( 38 ҷойи корӣ 355 бекор) ташкил дода, барои таъмини шумораи бекорони ба қайд гирифташуда бо ҷойи корӣ шумораи ҷойҳои кории нав нокифоя ва дар сатҳи паст мебошад.

Дар миқёси вилоят 311 маркази таълимӣ-истеҳсолӣ фаъолият мекунанд, ки аз он 83 маркази адрасбофӣ ва 228 дигар марказҳои ҳунармандӣ мебошанд. Дар ин марказҳо 754 дастгоҳи адрасу атласбофӣ ва 447 дастгоҳи қолинбофӣ насб гардида, 969 нафар устодон ба 8593 нафар шогирдон нозукиҳои касбро меомӯзонанд. Ҳамзамон, зиёда аз 35,0 ҳазор нафар ҳунармандон дар хона фаъолият доранд.

Дар марказҳои таълими истеҳсоли хонагии ноҳияи Ашт ба 1347 нафар шогирдон, 26 нафар устодон аз рӯи касбҳои мухталиф касб омӯзонида истодаанд. Дар ноҳияи Шаҳристон шумораи усто-шогирд 122 нафарро ташкил додааст. Дар марказҳои қолинбофии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 58 нафар устод ва зиёда 200 нафар шогирдон аз ҳисоби занону духтарони хонашин ҷалб карда шуданд. Дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд дар

давраи ҳисоботӣ наздик 250 нафар ҷавондухтарону занони бекор ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ аз қабили адрасбофӣ, қолинбофӣ, гулдӯзию сӯзанидӯзӣ, бофандагию дӯзандагӣ ва қуроқдӯзц ҷалб гардида, дар марказҳои таълимӣ-истеҳсолӣ фаъолият намуда истодаанд.

Дар ноҳияи Айнӣ 9 марказҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ ва равнақи солимии "Усто-шогирд" ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон, дигар шаҳрвандони бешуғл 21 нафар устоҳо (ҳунармандон) ва 38 нафар шогирдон фаро гирифта шуданд. Инчунин дар ноҳияи Шаҳристон бо мақсади рушди ҳунарҳои мардумӣ ва равнақи таъмини "Усто-шогирд" дар деҳаҳои Саробӣ ва Чашмасори Ҷамоати деҳоти Шаҳристон ва деҳаҳои Навкент ва Ободии Ҷамоати деҳоти Бунҷикат курсҳои кӯтоҳмуддат ташкил карда шуда, 122 нафар занону ҷавонон ба касбомӯзӣ ҷалб карда шудааст, ки шумораи "Усто-шогирд" дар ноҳия 122 нафарро ташкил медиҳад.

Тадбирҳои андешидашудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ашт, Шаҳристон, Б.Ғафуров ва Хуҷанд дар ин самт имкон додаанд, ки занони хонашин ва бекор ба шуғл фаро гирифта шуда, сатҳи зиндагӣ ва маърифатнокии занони деҳот беҳтар гардад.

Бояд қайд намуд, ки бо истиснои шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот оид ба ин масъала пешниҳод накардаанд, ки арзёбӣ карда намешавад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани хунарҳои мардумӣ, аз ҷумла бо роҳи усто-шогирд тадбирҳои мушаххас андешаида сатҳи бекориро дар шаҳру ноҳияҳо кам намоянд.

## 12. Рушди сармояи инсонӣ (маориф)
## (бандҳои 38, 50-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1.**(12.1) **Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ, 12.2.** (12.2) **Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ, 12.3.** (12.3) **Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, 12.4.** (12.4, 12.6) **Баланд бардоштани сифати таълим, 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ арзёби гардиданд.**

## 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ

**12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст.**

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар нимсолаи якуми соли 2019 дар вилоят 263 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла 203 муассисаи тобеи шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, 13 муассисаи тобеи ташкилоту корхонаҳо ва 47 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ фаъолият бурда, 42882 кӯдаконро ба тарбия фаро гирифтаанд. Ин нишондиҳада нисбат ба соли гузашта шумораи муассисаҳои томактабӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 11 адад ва теъдоди кӯдакон 2228 нафар афзудааст.

Дар ҳудуди вилоят шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумии бинояш садамавӣ 46 адад муайян гардида, давоми 6 моҳи соли равон 3 муассиса, аз ҷумла Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №№6 ва 53-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии 17-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ барқарор карда шудаанд, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳоро нишон медиҳад.

Дар шаҳри Конибодом 9 адад муассисаҳои таълимӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 10 адад муассисаи таълимӣ ва 2 кӯдакистон ба таъмири асосӣ ниёз доранд, дар шаҳри Истаравшан 1 адад муассисаи таълимӣ дар ҳолати садамавӣ ва 6 адад муассисаҳо дар ҳолати қисман садамавӣ, дар шаҳри Панҷакент 4 адад, ноҳияи Деваштич 4 адад, шаҳри Исфара 3 адад, ноҳияи Шаҳристон 4 адад, ноҳияи Ҷаббор Расулов 1 адад ва ноҳияи Мастчоҳ 1 адад муассисаҳои таълимӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ҳамчун омили боздорандаи рушди соҳа таъсири манфии худро расонида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳоро мебояд ҷиҳати ҳалли мушкилоти мазкур чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Бояд зикр намуд, ки ғайр аз ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ маълумоти шаҳру ноҳияҳо доир ба ҳолати садамавӣ қарор доштани муассисаҳои таълимӣ айнан мисли ҳисоботи 3 моҳа буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин самт тадбирҳои мушаххас амалӣ нагашта, ва ё аз мадди назари масъулин дур мондааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят сохтмони 22 муассисаи томактабӣ ва 86 муассисаи таҳсилоти умумӣ дар иншоотҳои ҷашнӣ бахшида ба 30 солагии Истиқлолият ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 11 муассисаҳои томактабӣ сохта ба истифода дода шудаанд, ки ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаи рушди маориф мусоидат менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба бунёди синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои амалкунанда, инчунин таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти томактабии аз фаъолият бозмонда таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар назди 6 муассисаи таълимии вилоят 31 синфхонаи иловагӣ барои 775 ҷойи нишаст ба истифода дода шудааст. Ҳамзамон, кӯдакистони "Парасту" барои 360 ҷой дар шаҳри Гулистон ва кӯдакистони хусусии назди ҶДММ "Суғдполитекс" барои 240 ҷой дар шаҳри Бӯстон бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи таҷлили ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

**Норасогии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят.**

Дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 268631 дона, Спитамен 208624 дона, Бобоҷон Ғафуров 170104 дона, Истаравшан 149115 дона, Хуҷанд 130327 дона, Деваштич 98942 дона, Гулистон 36438 дона, Истиқлол 13009 дона, Бӯстон 9562 дона, Панҷакент 6000 дона, Ашт 4700 дона, Шаҳристон 1130 дона, Зафаробод 466 дона ва Мастчоҳ 450 дона норасоии китобҳои дарсӣ дида шуда, ҷиҳати ҳалли он бояд чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Боиси қайд аст, ки мувофиқ ба маълумот дар ноҳияи Айнӣ, шаҳри Исфара, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ норасоии китобҳои дарсӣ ҳалли худро ёфта, дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич -3972 адад, Зафаробод -2084 адад, Панҷакент -12000 адад, Спитамен -13208 адад, Мастчоҳ -70 адад нисбат ба аввали соли 2019 кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шудааст.

Норасоии китобҳои дарсӣ нисбат ба аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан +132000 адад, Бобоҷон Ғафуров +68278 адад, Гулистон +26706 адад, Хуҷанд +4400 адад ва Истиқлол +1151 адад зиёд гардида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳоро мебояд дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои мушаххас андешанд.

Нишондиҳандаи баланди норасоии китобҳои дарсӣ дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 268631 дона, Спитамен 208624 дона, Бобоҷон Ғафуров 170104 дона ва Истаравшан 149115 дона ба назар расида, аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ҳамкории зич бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ислоҳи бетаъхири мушкилотро тақозо менамояд.

Бинобар сабаби дар ҳисоботи соли 2018 пешниҳод накардани маълумот дар шаҳру ноҳияҳои Ашт, Бӯстон, Конибодом, Ҷ.Расулов ва

Шаҳристон арзёбӣ гузаронида нашуд.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 ба муассисаҳои таълимии Кӯҳистони Мастчоҳ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 7500 адад китобҳои дарсӣ ва бадеӣ ба маблағи 118 ҳазор сомонӣ ворид карда шудааст.

## 12.2. (12.2) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ

### 12.2. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии кӯдакон ва васеъ намудани фоизи фарогирии онҳо, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативии омода намудани кӯдакон

Дар нимсолаи аввали соли 2019 мувофиқи маълумоти оморӣ дар вилоят 263 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла 203 муассисаи тобеи шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, 13 муассисаи тобеи ташкилоту корхонаҳо ва 47 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ фаъолият бурда, 42882 кӯдакро ба тарбия фаро гирифтаанд. Нисбат ба соли гузашта шумораи муассисаҳои томактабӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 11 адад ва теъдоди кӯдакон 2228 нафар афзудааст.

Марказҳои инкишофи кӯдакони синни томактабӣ дар 18 шаҳру ноҳияи вилоят ташкил ёфтаанд. Ин марказҳо аз 713 гурӯҳ иборат буда, дар онҳо 15635 кӯдак таълиму тарбия мегирад. Фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ якҷоя бо Маркази инкишофи кӯдакони синни томактабӣ 19,8 фоизро ташкил медиҳад. Дар вилоят барои ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҷойгир шудан 11789 нафар кӯдакон дар навбат истодаанд.

Фарогирии кӯдакони синни томактабӣ ба муассисаҳои томактабӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 9832 нафар (44,6% аз теъдоди умумии кӯдакон), Гулистон 2190 нафар (31%) таъмин гардида, ҳадафи ҳуҷҷатҳои стратегӣ иҷро гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 1958 нафар (24,4%), Бобоҷон Ғафуров 8354 нафар (19%), Конибодом 5778 нафар (21,8%)-ро ташкил дода, барои расидан ба нишондиҳандаи СМР-2030 пурзӯр намудани фаъолият дар ин самт ба миён омадааст.

Ҳамзамон, дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич 2135 нафар, Бӯстон 1800 нафар, Истаравшан 1412 нафар, Исфара 4874 нафар, Панҷакент 3271 нафар ва Спитамен 1968 нафар кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шуда, бинобар сабаби шумораи умумии кӯдакони синни 3-6 сола нишон дода нашуданд, фоизи фарогирии кӯдакони синни томактабӣ ба муассисаҳои томактабӣ муайян карда нашудааст.

## 12.3. (12.3) Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ

**12.3. Фароҳам овардани шароити мусоид барои устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ (компютер, тахтаи электронӣ) ва ҷалби васеи истеъдодҳои ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ, сатҳи фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истедодҳо, технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ (банди 38 паём).**

Дар доираи иҷрои "Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят барои солҳои хониши 2018-2022" соли 2019 ба муассисаҳои таълимӣ дастрас намудани 2886 компютер ва 154 тахтаи электронӣ ба нақша гирифта, дар шаш моҳи соли ҷорӣ 846 компютер ва 95 тахтаи электронӣ харида карда шудаанд. Айни ҳол, дар 1099 синфхонаи компютерӣ 17914 компютер ва 2725 принтер мавҷуд буда, 453 тахтаи электронӣ ва 670 проектор мавриди истифода қарор доранд.

Дар давраи ҳисоботи шумораи компютерҳо дар муассисаҳои таълимӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҷумла дар ноҳияи Спитамен +791 адад, Конибодом +142 адад, Панҷакент 112 адад, Истаравшан +72 адад, ноҳияи Айнӣ 44 адад, Мастчоҳ +44 адад, Исфара +42 адад, Хуҷанд +37 адад, Бустон +32 адад, Ашт +7 адад, Айнӣ +/-0 адад, Гулистон +2 адад, Куҳистони Мастчоҳ +15 адад, Б.Ғафуров +6 адад, Зафаробод +5 адад зиёд гардида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо таъмин гардидааст.

Дар давраи ҳисоботи шумораи тахтаҳои электронӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 46 адад, Айнӣ 39, Спитамен 19 адад, Конибодом 11 адад, Айнӣ 10 адад, Панҷакент 10 адад, Шаҳристон 10, Дешаштич 5 адад, Истаравшан 4 адад, Мастчоҳ 4 адад Бобоҷон Ғафуров 3 адад, Бустон 3 адад, Зафаробод 3 адад ва Ашт 1 ададро ташкил медиҳад,

Мавриди қайд аст, ки нисбат ба семоҳаи аввали соли 2019 шумораи тахтаҳои электронӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Шаҳристон +7 адад зиёд гардидааст, ки барои таъмини нишондиҳандаи устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ замина гузошта шуда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров -38 адад, Панҷакент -20 адад, Истаравшан -8 адад, Зафаробод -6 адад, Конибодом-3 адад ва Мастчоҳ -2 адад кам гардида, андешидани чораҳои мушаххасро талаб менамояд.

Шумораи тахтаҳои электронӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳри Хуҷанд 1 адад пешниҳод гардида, дар маълумоти 3 моҳаи аввали соли ҷорӣ 122 адад нишон дода шудааст, ки таҷдиди назар карда шавад.

### 12.4. (12.4, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим

**12.4. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоӣ кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон.**

Дар доираи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №544 «Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020» дар соли 2019 таъмин намудани муассисаҳои таълимии вилоят бо 228 кабинети фаннӣ, аз ҷумла кабинет ва озмоишгоҳ аз фанҳои физика 38 адад , химия 40, биология 42, география 11, математика 14, технологияи информатсионӣ 11, суруд ва мусиқӣ 72 адад пешбинӣ шуда, давоми 6 моҳи соли ҷорӣ ҳамагӣ 76 кабинет ва озмоишгоҳи фаннӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, ки баробари 33,3 фоизи нақшаи солона мебошад. Кабинет ва озмоишгоҳи фанҳои физика 18 адад, химия 10, биология 19, география 3, математика 2, технологияҳои информатсионӣ 5 ва суруду мусиқӣ 19 адад омода гардида, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим мусоидат менамоянд.

Эҳтиёҷ ба кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии вилоят дар соли хониши 2019 – 2020 ҳамагӣ 660 нафар муайян шуда, барои тақсимоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ирсол карда шудааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 11 нафар (аз ҷумла 2 нафар забонҳои хориҷӣ), Истаравшан 24 нафар (забони хориҷӣ 16 нафар), Истиқлол 3 нафар (забони хориҷи 1 нафар), Исфара 5 нафар (забони хориҷи 2 нафар), Конибодом 51 нафар, Мастчоҳ 43 нафар, Спитамен 93 нафар (забони хориҷи 4 нафар), Ашт 21 нафар (забони хориҷи 2 нафар), Зафаробод 29 нафар (забони хориҷи 17 нафар ), Деваштич 38 нафар (забони хориҷӣ 8 нафарро ташкил дода, ба сатҳу сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад.

Бо истиснои шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод накардаанд аз ин нишон медиҳад, ки талабот ба омузгорон надоранд ё масъалаи номбурда аз мади назари масъулин дур мондааст.

**12.6 Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ ва ғайра арзёбӣ гардиданд.**

Дар нимсолаи якуми соли 2019 шумораи омӯзгорони вилоят 38184 нафар, аз ҷумла занон 24653 нафар буда, аз онҳо 30437 нафар бо таҳсилоти олӣ, 2076 нафар бо таҳсилоти олии нопурра ва 5671 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсус фаъолият мебаранд. Дар ин давра, шумораи омӯзгорони маълумоти олидошта афзуда, 79,7 фоизи шумораи умумии омӯзгоронро ташкил медиҳад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар соли таҳсили 2018-2019 дар 928 муассисаи таълимии вилоят 3237 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ ва 2840 нафар омӯзгорони фанни забони англисӣ фаъолият доранд, ки нисбат ба соли таҳсили гузашта мутаносибан 114 ва 54 нафар зиёд мебошанд

Тайи ду соли охир курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони забони англисӣ бо иштироки 687 омӯзгор ва забони русӣ бо иштироки 590 омӯзгор баргузор карда шудааст, ки ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши забонҳои хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки аксар маълумоти пешниҳоднамуда дар ин банд айнан ба маълумоти 3 моҳаи аввали соли ҷорӣ мувофиқат намуда, нишондиҳандаҳо бетағйир мондаанд, ки таҷдиди назар карда шавад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати азнавсозии муассисаҳои садамавӣ, таҳкими пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ чораҷӯӣ намуда, марҳила ба марҳила камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намоянд.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ, 13.3. Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии ҶТ барои солҳои 2017-2019 (банди 46 паём)**

### 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ

**13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст.**

Ба аҳолии вилоят 5143 табиб ва 17393 корманди миёнаи тиббӣ хизмат расонида истодаанд. Аз ҷумла, 3002 нафар 58,2 фоизи табибон ва 7164 нафар ё 41,2 фоизи кормандони миёна дорои дараҷаи тахассусии касбӣ мебошанд, ки табибони дорои категорияҳои якум ва дуюм нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст.

Муассисаҳои тиббии вилоят ба 938 нафар мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ ниёз дошта, бештари талабот ба табибони оилавӣ 318 нафар, наҷот ва беҳискунӣ 78 нафар, ташхиси шуоӣ 33 нафар, бемориҳои сироятӣ 30 нафар, бемориҳои рӯҳӣ ва наркологҳо 51 нафар мебошад.

Талабот ба мутахассисони соҳаи тиб дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон 12 нафар (-18 нафар нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ), Ҷаббор Расулов 23 нафар (-13 нафар), Деваштич 31 нафар (-6 нафар), Конибодом 42 нафар (-2 нафар), Бустон 12 нафар (-1 нафар), Истаравшан 19 нафар (–1 нафар) нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ кам гардидааст, ки самарнокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои мазкурро дар ин самт нишон медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 143 нафар (+-0 нафар), Панҷакент 75 нафар (+-0 нафар), Зафаробод 63 нафар (+/-0 нафар), Айнӣ 41 нафар (+/-0 нафар), Шаҳристон 24 нафар (+-0 нафар) Ашт 20 нафар (+/-0 нафар) бетағйир монда, норасогии мутахассисони соҳаи тиб дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 68 нафар (+16 нафар), Хуҷанд 40 нафар (+4 нафар), Кӯҳистони Мастчоҳ 17 нафар (+2 нафар), Спитамен 35 нафар (+2 нафар), Мастчоҳ 29 нафар (+1 нафар) ва Истиқлол 25 нафар (+1 нафар) нисбат ба семоҳаи аввали соли 2019 зиёд гардидааст, ки ба сатҳи хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, ба ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои ҳаллӣ норасоӣ тақвият бахшида шавад.

Дар соҳаи нигаҳдории тандурустии вилоят бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағгузорӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо сохтмон, таъмир ва азнавсозии 577 иншооти соҳа ба нақша гирифта шуда, дар соли 2019 бояд 23 беморхона, 83 бунгоҳи саломатӣ, 61 маркази саломатӣ, 14 таваллудхона, 55 нуқтаи хатна ва 35 дорухона сохта ва азнавсозӣ карда шавад. Дар шаш моҳи соли равон азнавсозӣ ва таъмиру тамими 13 беморхона, 4 бунгоҳи саломатӣ, 12 маркази саломатӣ, 9 таваллудхона, 31 нуқтаи хатнаи кӯдакон ва 23 дорухона ба итмом расонида шудааст, ки ба 34 фоизи нақшаи солона баробар мебошад.

### 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ

**Сил**

Дар нимсолаи якуми соли 2019 шумораи беморони сил дар сатҳи вилоят ба 484 нафар расида, нисбат ба аввали соли ҷорӣ 473 нафар кам шудааст.

Ҳолатҳои бақайдгирии касалии сил дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 59 нафар (-52 нафар нисбат ба аввали соли ҷорӣ кам), Зафаробод 21 нафар (–38 нафар), Хуҷанд 25 нафар (-30 нафар), Бобоҷон Ғафуров 83 нафар (-22 нафар), Ашт 15 нафар (-11 нафар), Спитамен 34 нафар (-10 нафар), Мастчоҳ 50 нафар (-9 нафар), Шаҳристон 7 нафар (–8 нафар), Истаравшан 23 нафар (-5 нафар), Айнӣ 11 нафар (-3 нафар), Гулистон 11 нафар (-1 нафар) нисбат ба аввали соли ҷорӣ кам гардида, нишондиҳандаи мусбӣ дар ин самт арзёбӣ мегардад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Деваштич 14 нафар (+-0 нафар) ва Кӯҳистони Мастчоҳ 3 нафар (+- 0 нафар) бетағйир монда, дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом 409 нафар (+88 нафар), Исфара 43 нафар (+12 нафар), Истиқлол 4 нафар (+7 нафар) ва Бӯстон 12 нафар (+2 нафар) нисбат ба аввали соли ҷорӣ зиёд гардида, зарурати пурзӯр намудани корҳо дар пешгирӣ намудани бемории сироятии сил дар ин шаҳру ноҳияҳо ба миён омадааст.

**ВНМО**

Дар қайди раёсати тандурустии вилоят ҳамагӣ 2563 нафар мубталоёни ВНМО қарор дошта, нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ +91 нафар зиёд гардидааст.

Асосан синну соли гирифторони ВНМО аз 30 то 49-сола буда, фавт аз ВНМО дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 38 нафар ба қайд гирифта шудааст.

Ҳолатҳои бақайдгирии касалии ВНМО дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 5 нафар (-75 нафар нисбат ба аввали соли ҷорӣ), Панҷакент 24 нафар (-20 нафар), Хуҷанд 26 нафар (-12 нафар), Спитамен 6 нафар (-8 нафар), Конибодом 15 нафар (-6 нафар), Истаравшан 4 нафар (-1 нафар) ва Бобоҷон Ғафуров 23 нафар (-1 нафар) нисбат ба аввали соли ҷорӣ ташкил дода, дар шаҳру ноҳияҳои Бустон 4 нафар (+-0 нафар), Истиқлол 13 нафар (+-0 нафар), Куҳистони Мастчоҳ 7 нафар (+-0 нафар) ва Ҷаббор Расулов 7 нафар бетағйир мондааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич 68 нафар (+15 нафар), Ашт 17 нафар (+10 нафар), Айнӣ 4 нафар (+3 нафар), Гулистон 2 нафар (+2 нафар), Исфара 17

нафар (+2 нафар) бақайдгирӣ нисбат ба аввали соли ҷорӣ зиёд гардида, барои пешгирии ин бемории нангин чораҳои мушаххас андешида шавад.

**13.3.Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии ҶТ барои солҳои 2017-2019 (банди 46 паём);**

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №90 «Дар бораи Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» қарори Раиси вилояти Суғд аз 17 марти соли 2017, №128 ба тасвиб расида, қарорҳои дахлдор дар сатҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Спитамен, Истаравшан, Ашт, Истиқлол ва Кӯҳистони Мастчоҳ, ки барномаи мазкур татбиқ мегарданд, қабул ва амалӣ гашта истодаанд.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ баҳри иҷроиши «Барномаи кафолати давлатӣ барои ноҳияҳои таҷрибавӣ аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ маблағи 34000 сомонӣ ҷиҳати дастрас намудани доруворӣ ба муассисаҳои тиббӣ мақсаднок истифода гардида, дар ин давра маблағи мазкур ба 102 ҳазор сомонӣ расонида шудааст.

Инчунин, дар ноҳияи Спитамен қарори Раиси ноҳияи Спитамен ба тасвиб расида, баҳри корбарӣ ба Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ва муассисаҳои тиббии ноҳия дастрас ирсол гардидааст, ки дар ин самт корҳо оид ба татбиқ намудани барномаи мазкур дар маҳал амалӣ шуда истодааст. Айни замон дар ноҳия Маркази пешгирӣ ва мубориза бо БПНМ-и ноҳияи Спитамен фаъолият дорад, ки дар марказ 5 воҳиди корӣ мавҷуд буда, бо таҷҳизотҳо муҷаҳҳаз ва тамоми шароитҳо мавҷуданд.

Дар ноҳияи Ашт ба суратҳисоби махсуси муассисаҳои сохтори госпиталии ноҳия 541255 сомонӣ ворид гардидааст, ки 74 фоизи нақша ва ба сохтори кӯмаки аввалияи тиббии санитарии ноҳия 692258 сомонӣ, ки 166 фоизи иҷрои нақшабандиро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Истаравшан аз соли 2017 қарори мазкур татбиқ гардида, маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар 6 моҳи соли 2019 маблағҳои махсус 2300000 сомонӣ нақшаи пешбинишуда, иҷроиши он 2139668 сомонӣ ё 92,9%-ро ташкил намудааст. Маблағҳои воридотӣ асосан барои харидории маводҳои доруворӣ, реактивҳо, маводҳои безараркунанда, плёнкаҳои рентгенӣ, харидории таҷҳизоти тиббӣ ва таҷҳизоти сахт, харидории маводҳои коргузорӣ, пардохти андози 5% ва хароҷоти хоҷагидорӣ сарф карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019 дар баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, таъмини муассисаҳои тандурустӣ бо таҷҳизоти тиббӣ ва маводи доруворӣ заминаи мусоид гузошта истодааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил, ВНМО) чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи бартараф намудани норасоиҳои табибони дорои тахассуси дараҷанокӣ, дастрасии табибон ба аҳолӣ, бунёди иншоотҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва амалигардонии «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» мусоидат намоянд ҳамзамон, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ аз рафти иҷрои барномаи болозикр маълумоти мушаххас ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

**Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**13.5.(13.5,13.6,13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарордошта (гуруҳи осебпазир) арзёби мегардад.**

**13.5.(13.6, 13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир),**

**13.5. Корҳои анҷомдода ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон (банди 48 паём, Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19)**

Барои нимсолаи якуми соли 2018 баҳри таъмини фаъолияти бонизоми шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоят ва Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Хуҷанд аз буҷети вилоят 3437,6 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ ва ҷудо шудааст.

Дар вилоят 59150 оила ҳамчун камбизоат ба қайд гирифта шуда, баҳри тақвияти кӯмакрасонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат ҳамасола тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷубронпулӣ барои истифодаи қувваи барқ ва кӯмакпулиҳои унвонии иҷтимоӣ пардохт шуда истодааст. Дар давраи ҳисоботӣ ба 28208 оила ба маблағи 3386,7 ҳазор сомонӣ ҷубронпулӣ барои моҳҳои январ-апрел ва ба

30943 оила ва шаҳрвандони камбизоат ба маблағи 6225,7 ҳазор сомонӣ кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ пардохт карда шудааст.

Шумораи оилаҳои камбизоат дар шаҳру Хуҷанд 3074 оила буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (-969 оила), Зафаробод 2201 оила (-231), Истаравшан 3989 (-172), Бобоҷон Ғафуров 6586 оила (-95), Истиқлол 207 оила (-18), Исфара 3983 оила (+-0), Айнӣ 1295, Конибодом 3913 оила (+-0), Мастчоҳ 65 оила (+-0), Шаҳристон 63 оила (+-0), оила нисбат ба соли гузашта кам гашта, ё бетағйир мондааст, ки самаранокии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ ин шаҳру ноҳияҳои вилоят нишон медиҳад.

Зиёдшавии шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 7299 оила (+651), ноҳияи Деваштич 5674 оила (+728), шаҳри Бӯстон 1027 оила (+67), Куҳистони Мастчоҳ 680 оила (+40), шаҳри Хуҷанд 7 оила (+-0), Ашт 4132 оила (+-0), ба назар расида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳои вилоятро зарур аст, ки барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳо дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Шумораи нафақагирон дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар вилоят 224482 нафар ба қайд гирифта шуда, аз он гирандагони нафақаи меҳнатӣ 182404 нафар, бесаробонмонда 16048 ва иҷтимоӣ 42078 нафар, аз ҷумла маъюбон аз овони кӯдакӣ 19183 нафар мебошанд. Шумораи умумии нафақагирон нисбат ба нимсолаи аввали соли гузашта, 5780 нафар зиёд шуда, андозаи нафақаи миёна ба 292,68 сомонӣ баробар шудааст.

### 13.5 (13.6) Ҷараёни пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоию унвонӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта

Дар соли 2019 тибқи қарорҳои раиси вилоят аз 3 январи соли 2018, № №01, 02, 03 ва 04 пардохти кӯмакпулӣ пешбинӣ гардида, то ин давра 811840 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст.

Дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд 7 адад муассисаҳои иҷтимоӣ бо 499 нафар бошандагони доимӣ ва муваққатӣ фаъолият дошта, дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маблағи аз буҷети маҳаллӣ барои ҳифзи иҷтимоӣ ҷудошуда 4080,9 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 2 адад, дар шаҳри Бустон 1 адад, дар ноҳияи Истаравшан 1 адад, Истиқлол 4 адад, Исфара 2 адад, Куҳистони Мастчоҳ 1 адад, Спитамен 1 адад, Паҷакент 4 адад, Ашт 2 адад, Деваштич 2 адад, Шаҳристон 1 адад, дар шаҳри Конибодом Маркази хизматрасонии иҷтимоии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр фаъолият намуда

истодааст, ки шумораи кормандони он 25 нафар буда, аз онҳо 12 нафар кормандони иҷтимоӣ мебошанд, ки ба 113 нафар пиронсолон ва маъюбони яккаву танҳо, аз ҷумла ба 39 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд бо таври ройгон хизматрасонии иҷтимоӣ расонида мешаванд. Дар назди Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ «Буду боши рӯзона» барои 27 нафар маъюбон ва пиронсолони яккаву танҳо ташкил карда шудааст, ки ҳар рӯз онҳо як маротиба бо хӯроки гарм таъмин гардида, барои онҳо шароити хуб фароҳам оварда шудааст.

Дар ноҳия маркази хизматрасонии иҷтимоӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта аз собиқ бинои таваллудхонаи беморхонаи марказии ноҳия 6 ҳуҷра ҷудо карда шудааст.

Дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати расоидани кумак ба оилаҳои камбизоат, беморони барҷомонда, кӯдакони маъюбу ятим аёдат карда, аз ҷиҳати моддиву маънавӣ дастгирӣ ёфтанд.

**13.7. Иҷроиши барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ;**

Бо мақсади татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 “Дар бораи Барномаи миллии тавонбахши маъюбон барои солҳои 2017-2020” дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Аз он ҷумла рафти иҷроиши барномаи мазкур дар шаҳри Гулистон дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳоли дар шаҳр “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» амал менамояд. Ҷиҳати иҷрои қарори Раиси вилоят аз 17.02.2017, №66 Оид ба татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 «Дар бораи Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» қарори Раиси шаҳри Гулистон аз 6-уми марти соли 2017, №64 ва қарорҳои дахлдори раисони ҷамоати шаҳракҳо қабул гардида корбарӣ ба роҳ монда шудааст. Санаи 14-уми январи соли 2019 ҷаласаи шаҳрии Шӯрои ҳамоҳангсозии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр оид ба масъалаҳои солимгардонӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои имконоти маҳдуди ҷисмонӣ гузаронида шуда, нисбати ҳар як аъзои Шӯро оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми октябри соли 2016, 455 “Дар бораи Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020” дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд. Дар шаҳри

Гулистон ҳамагӣ 713 нафар маъюбон, аз он ҷумла 385 нафарошон занҳоро ташкил дода, маъюбони гурӯҳи I – 74 нафар, гурӯҳи II – 346 нафар, гурӯҳи III – 147 нафар ва маъюбон аз овони кӯдакӣ 146 нафар ва маъюбони то 18-сола 141 нафарро ташкил медиҳанд, ки ба онҳо ҳар моҳ нафақа пардохт шуда истодааст. Илова бар ин онҳо аз пардохти хизматрасонии коммуналӣ ва истифодаи об 50% озод карда шудаанд. Ба 15 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд (маъюб) омӯзгорон вобаста шуда, ба онҳо таълими хонагӣ ба роҳ монда шудааст. Ба 1 нафар маъюби аз кӯдакӣ ҷиҳати гирифтани роҳравак ва ба 2 нафар маъюби гурӯҳи якум ҷиҳати гирифтани аробачаи маъюбӣ ба шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоят дархост ирсол карда шуд. Дар арафаи иди кӯдакон баҳри болида гардонидани хотири кӯдакон ба 30 нафар маъюби бистаришуда аз буҷети маҳалли 100 сомонӣ ва аз тарафи соҳибкор 150 сомонӣ кӯмаки яквақтаи пулӣ супорида шудааст. Боиси қайд аст, ки хатсайри мусофиркашонии (автобусҳои ҳозиразамон) самти Хуҷанд-Гулистон мавриди истифода қарор гирифт, ки маъюбони гурӯҳи I аз он ба таври ройгон истифода менамоянд. Масъалаи сохтани пандусҳо дар муассисаҳои тандурустӣ, мағозаҳо, боғҳои истироҳатӣ ва дигар биноҳои муассисаҳо ба инобат гирифта шудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаи камбизоат, фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон, амалигардонии барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамкориҳоро тақвият бахшанд.

## 14. Рушди соҳаи фарҳанг
## (банди 36-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи фарҳанг бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ 14.1. (14.1, 14.2) Сохтмон ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихи арзёбӣ гардиданд.**

Дар вилоят 356 китобхона, 133 муассисаи клубӣ, 6 клуби сайёр, 94 қаср, кох ва хонаҳои фарҳанг, 2 осорхонаи ҷумҳуриявӣ, 1 осорхонаи таърихии вилоятӣ, 9 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, 5 осорхонаи шахсӣ ва 6 хона-музей, 2 маҷмааи фарҳангӣ, 1 амфитеатр, 1 маркази фарҳангӣ-фароғатӣ, 16 боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, 5 театри халқӣ, 7 театри касбӣ, 4 ансамбли тарона ва рақс, 2 филармонияи халқӣ, 29 мактаби бачагонаи санъат, мусиқӣ ва рассомӣ, 11 ансамбли шашмақом, 1 гурӯҳи ҳаҷвӣ, 5 ансамбли фолклорӣ-этнографӣ, 2 ансамбли “Фалак”, 1 ансамбли дойранавозон, 1 ансамбли карнайнавозон, 17 ансамбли рақсӣ, 6 ансамбли эстрадӣ, 2 радио ва 1 телевизиони маҳаллӣ фаъолият доранд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 1291 ёдгории таърихию фарҳангӣ мавҷуд буда, аз онҳо 13 ададаш аҳамияти умумибашарӣ, 91 ададаш аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 1187 ададаш аҳамияти маҳаллӣ доранд. Ин ёдгориҳо муаррификунандаи фарҳанги оламшумули миллати тоҷик арзёбӣ гардида, барои ҷалби сайёҳон аз хориҷи дуру наздик мусоидат менамоянд.

Мушкилоти боздорандаи рушди соҳаи фарҳанг айнан мисли маълумоти пешниҳоднамудаи семоҳаи аввали соли 2019 такрор ёфта, дар шаҳри Бӯстон норасоии мутахассисони соҳаи театрӣ, дар ноҳияҳои Деваштич ва Айнӣ ба таъмир ниёз доштани китобхонаҳои деҳотӣ, дар шаҳри Хуҷанд ба феҳрасти ёдгориҳои ЮНЕСКО ворид намудани ёдгориҳои меъморию фарҳангӣ, дар шаҳри Конибодом таъсиси китобхонаи электронӣ, дар ноҳияи Шаҳристон ва шаҳри Истиқлол таъсиси мактаби мусиқии бачагона, дар ноҳияи Ашт таъсиси студияи сабти овоз буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати ҳалли мушкилот бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро тақвият бахшанд.

## 15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ: (банди 2, 32-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, 15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, 2018-2028” дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон арзёбӣ гардиданд.**

### 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,

**15.1. (15.1) Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи карзи он),**

Шумораи умумии аҳолии марказҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят зиёда аз 401969 нафар (569569 нафар 3 моҳа, ки -167600 нафар кам) буда, аз он 312961 нафар (461470 нафар 3 моҳа, ки -148509 нафар кам) ба оби тозаи нӯшокӣ пурра дастрасӣ доранд. Сатҳи таъминоти аҳолии маркази шаҳру ноҳияҳо, ки аз ҷониби КДФ “Обу канализатсия” бо об таъмин мешаванд, 77,8 фоизро (-3,20% нисбат ба 3 моҳаи аввал) ташкил додааст.

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон 112% (+25,8% нисбат ба семоҳаи аввали соли 2019), Бӯстон 100,2% (+0,2%), Исфара 99,6% (+67%), Панҷакент 99% (+45,4%), Кӯҳистони Мастчоҳ 100% (+19,6%), Айнӣ 97,8% (+21,8%), Хуҷанд 90% (+10,0%), Спитамен 93,4% (+30,4%), Ашт 92,3% (+31,8%), Мастчоҳ 85% (+3,2%), Деваштич 80% (+28,1%), Бобоҷон Ғафуров 78,2% (-1,1%), Истаравшан 75,1% (-6,9%) ба назар расида, шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов 69,4% (+22,4%), Зафаробод 60,8% (-6%), Шаҳристон 50,6% (-39,9%), Истиқлол 47,2% (-32,8%), Конибодом 29,6% (-12,2%) ташкил дода, барои ҷалби сармояи беруна ва дохила, соҳибкорони маҳаллӣ дар ин самт вусъат бахшида шавад.

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки мувофиқ ба маълумот дараҷаи таъмини аҳолӣ бо оби тоза нисбат ба 3 моҳаи аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳристон -39,9%, Истиқлол -32,8%, Конибодом -12,2%, Истаравшан -6,9%, Зафаробод -6% ва Бобоҷон Ғафуров -1,1% кам гардидааст, ки таҷдиди назар карда шуда, ҷиҳати ҳалли он тадбирҳои мушаххас андешида шавад.

**Қарзи истифодаи оби нӯшокӣ**

Дар вилоят бақияи қарзи оби истифодашуда ба ҳолати 1 июли соли ҷорӣ 12349,5 ҳазор сомониро дар бар мегирад, ки нисбат ба семоҳаи аввали сол +322,5 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 3113,1 ҳазор сомонӣ (+1368,3 ҳаз. сомонӣ нисбат ба семоҳаи аввали соли 2019), Хуҷанд 2847 ҳазор сомонӣ (-16 ҳаз. сомонӣ), Исфара 1287,3 ҳазор сомонӣ (-159,9 ҳаз. сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров 1067,3 ҳазор сомонӣ (-755,7 ҳаз. сомонӣ), Бӯстон 897,3 ҳазор сомонӣ (-352,7 ҳаз. сомонӣ), Ашт 440,5 ҳазор сомонӣ (-109,8 ҳаз. сомонӣ), Истиқлол 420,7 сомонӣ (-11,2 ҳаз. сомонӣ), Мастчоҳ 411 ҳазор сомонӣ (+340,7 ҳаз. сомонӣ), Конибодом 405,7 ҳазор сомонӣ (+249,1 ҳаз. сомонӣ), Гулистон 374,9 ҳазор сомонӣ (+315 ҳаз. сомонӣ), Панҷакент 313,6 ҳазор сомонӣ (-76,9 ҳаз. сомонӣ), Зафаробод 265,1 ҳазор сомонӣ (-57,4 ҳаз. сомонӣ), Шаҳристон 142,3 ҳазор сомонӣ (+127, 0 ҳаз. сомонӣ), Спитамен 141 ҳазор сомонӣ (+/-0 сомонӣ), Деваштич 110,5 ҳазор сомонӣ (+90,3 ҳаз. сомонӣ), Ҷаббор Расулов 90,8 ҳазор сомонӣ (+0,6 ҳаз. сомонӣ) ва Айнӣ 21,4 ҳазор сомонӣ (-5,0 ҳаз. сомонӣ) мавҷуд мебошад.

Қарзҳои калон аз истифодаи оби нӯшокӣ дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Хуҷанд, Исфара, Бобоҷон Ғафуров ва Бӯстон мавҷуд буда, дар баробари ин, зиёдшавии қарз нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Мастчоҳ, Конибодом, Гулистон, Шаҳристон, Деваштич ва Ҷаббор Расулов ба миён омадааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати кам намудани бақияи қарз чораҳо андешанд.

**15.1. (15.2.) Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ**

Баҳри беҳтар намудани вазъи таъминоти оби нӯшокии аҳолӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006, №514 "Барномаи беҳтар намудани вазъи таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020" тасдиқ гардида, дар соли 2019 барои таъминоти оби нӯшокии аҳолии вилоят 23259,6 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, ҷудо намудани маблағ аз буҷети мутамарказ 3504,9 ҳазор сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 2335,6 ҳазор сомонӣ, маблағҳои худӣ 1167,9 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби сармоягузориҳо 16251,2 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 7359,8 ҳазор сомонӣ корҳо иҷро гардиданд, ки аз он 3573,2 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷети маҳаллӣ ва 886,6 ҳазор сомонӣ маблағҳои худии соҳа мебошад.

Амалигардонии лоиҳаи инвеститсионӣ дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 6,794 млн сомонӣ, Истаравшан 646 ҳазор сомонӣ, Шаҳристон ба маблағи 12 млн. сомонӣ, шаҳрҳои Бӯстон 2,3 млн. сомонӣ, Хуҷанд 1,8 млн. сомонӣ, дар ноҳияи Деваштич гузаронидани 5,6 км хатти оби нӯшокӣ, дар шаҳри Гулистон 100 метр қубури обгузар иваз карда шуда, дар ноҳияи Ашт оғози лоиҳаи инвеститсионии барои таъмини 3 деҳаи Ҷамоати деҳоти "Меҳробод" бо оби нӯшокӣ, ба масофаи 24 км хобонидани қубурҳои қутрашон гуногун, дар 6 ҷамоатҳои деҳоти шаҳри Конибодом таъсиси корхонаи хоҷагии манзилию коммуналӣ барои баланд бардоштани нишондиҳандаи дараҷаи таъминоти аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо оби нӯшокӣ мусоидат намудааст.

**15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020,**

Дар шаҳри Истаравшан дар доираи Барнома 7 адад техникаҳо ба маблағи 1,486,2 ҳазор сомонӣ, як бастаи таҷҳизоти лабораторӣ барои ташхисгоҳ ба маблағи 326,3 ҳазор сомонӣ, 4100 адад ҳисобкунакҳои обӣ ба маблағи 2,252,4 ҳазор сомонӣ, 8 адад механизмҳо ба маблағи 206,7 ҳазор сомонӣ ворид шуда, дар истеҳсолот истифода шуда истодаанд.

Дар шаҳри Гулистон барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ дар давраи ҳисоботӣ 946 метр қубурҳои оби нӯшокӣ ва 300 метр қубурҳои ташнобгузари нав васл карда шуда, дар шаҳраки Адрасмон барои таъмири насоси обкашӣ ва безараргардонидании оби ошомиданӣ маблағ ба андозаи 16500 сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Инчунин, дар шаҳраки Чоруқдарон 100 метр қубурҳои обгузар, як насоси обкашӣ ва дар шаҳраки Зарнисор 200 м қубури обгузар иваз карда шудаанд. Соли 2019 тибқи нақшаи тасдиқшуда, барои иҷрои Барномаи мазкур аз буҷети маҳаллӣ 751000 сомонӣ маблағ пешбинӣ гардида, дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва корхонаю ташкилотҳо 640 ҳазор сомонӣ пардохт карда шудааст

Ҷолиби қайд аст, ки корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Истаравшан ва Гулистон дар доираи Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ба сатҳу сифати хизматрасонӣ ва рушди соҳа заминаи мусоид гузошта истодааст.

**15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор, 2018-2028" дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон.**

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бахшида ба даҳсолаи нави байналмилалии амал "Об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028", дар муассисаҳои фарҳангии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳо аз қабили сӯҳбату вохӯриҳо ва намоишҳои китобӣ ташкил гардида, ба рузномаю маҷалаҳои шаҳриву ноҳиявӣ ва вилоятӣ нашр гардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои амалигардонии Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷуҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007 – 2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.06.2006 с., №514) мусоидат намуда, ҷиҳати ҳалли пардохти қарзи оби ошомиданӣ тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ намоянд. Инчунин оид ба дурустии нишондиҳадоҳои таъминоти аҳоли бо оби нушоки дар шаҳру ноҳияҳо дикқати ҷидди диҳанд.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**

**15.5. Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ, низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии "Шуғли сабз", вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ**

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳамагӣ 37 корхонаи "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" фаъолият менамоянд, ки дар боқимонда ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳо таъсис додани чунин корхонаҳо ва хариди техникаи хизматрасонии махсус ба нақша гирифта шудааст.

Дар доираи амалишавии «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» дар сохторҳои намояндагии КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»–и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд корҳои таъмир ва барқарор намудани партовгоҳҳо ба маблағи 272,1 ҳазор сомонӣ, харидории 35 адад техника ба маблағи 1652,9 ҳазор сомонӣ, таъмир ва харидории 215 қуттии партовҷамъкунӣ ба маблағи 228,4 ҳазор сомонӣ, таъмир ва барқарор намудани 47 нуқтаи партовҷамъкунӣ ба маблағи 170,4 ҳазор сомонӣ иҷро карда шудааст.

Дар шаҳри Хуҷанд як адад партовгоҳи умумишаҳрӣ ва 175 нуқтаҳои муваққатан ҷамъоварии партовҳо мавҷуд буда, бо 900 адад қуттиҳо таҷҳизонида шудааст, ки инҳо дар мувозинати КВДК "Хизматрасонии нақлиёти санитарии шаҳри Хуҷанд" мебошад

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҳамкорӣ бо КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ҷиҳати ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳо барои фаъолияти корхонаҳои "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" чораҳои иловагӣ андешанд.

**15.6. Корҳои анҷомдодашуда дар доираи барномаҳои соҳавии мақомоти иҷроияи маркази ҳокимияти давлатӣ (дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо) дар шаҳру ноҳия (дар асоси иҷрои ваколатҳои ММҲД ҚҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" моддаи 10)**

ҚҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист"

Моддаи 10. "Ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист"

Банди 2. Таҳия ва татбиқи барномаҳо ва нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист.

Барномаҳои соҳавии ҳифзи муҳити зист барои солҳои 2009-2019 амалӣ шуда истодаанд, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо мақсади амалӣ гардонидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 апрели соли 2015, №178 ва қарори раиси вилояти Суғд аз 25 майи соли 2015, №263 оид ба иҷроиши нақша-чорабиниҳои «Барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва

маърифати экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020» қарори раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз 29 майи соли 2015, №564 таҳия ва тасдиқ гардидааст. Инчунин барои таъмини иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009, №123 ва қарори раиси вилояти Суғд аз 29 декабри соли 2009, №331 «Дар бораи татбиқи Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» қарори раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз 12 январи соли 2010, №66 ба тавсиб расида дар мавриди амал қарор дорад.

Оид ба ин масъала қарори раиси шаҳри Бӯстон аз 8 ноябри соли 2010, №364 “Дар бораи татбиқи Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009– 2019 қабул гардида, дар шаҳри Бӯстон” дар нимсолаи якуми соли 2019 партовгоҳи радиоактивии Деҳмой ҳамагӣ 83 фоиз иқтидори ғунҷоишиаш истифода гаштааст ва он мақоми амалкунанда дорад.

Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ вобаста ба ҳифзи муҳити зист «Барномаи давлатии экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2020», «Барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020», «Барномаи мониторинги муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидаанд, ки дар асоси онҳо корҳо ба роҳ монда шуда, дар ҳудуди ноҳия дар мавзуъҳои «Инсон ва табиат», «Мо дӯстдори табиатем» дар ҳамаи соҳаҳо баҳри баланд бардоштани маърифати экологӣ аҳолии ноҳия вохӯриҳо ва чорабиниҳо баргузор шуда истодаанд. Дар рӯзномаи ноҳиявии «Паёми Кӯҳистон» оиди ин масъала ду маротиба маводҳои тарғиботӣ нашр карда шудаанд.

Дар шаҳри Гулистон бо мақсади иҷрои бандҳои “Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 ва “Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019” дар шаҳру шаҳракҳо бо аҳолӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳо, омӯзгорон ва хонандагон 5 маротиба вохӯрӣ оид ба “Тозагии маҳал”, “Тарзи нигоҳ доштан ва ҷамъоварӣ намудани лампаҳои каммасрафи симобдор”, “Нигоҳдории минтақаҳои кабудизоркардашуда” ва 3 маротиба семинар дар мавзӯи “Об омили асосии рушди устувор”, “Об барои рушди устувор”, “Тоҷикистон сарчашмаи оби зулол” ташкил ва баргузор карда шудааст.

Бо истисноии шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят вобаста ба иҷрои ваколатҳои мақомотҳои маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ дар қонуни мазкур пешбинигардида, маълумот пешниҳод накардаанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Суғд, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои амалигардонии лоиҳаи идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо, иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дар ҚҶТ "Дар бораии ҳифзи муҳити зист" пешбинигардида ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият диҳанд.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 16.1. (16.1, 16.2) Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда, 16.2. (16.3) Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқарраргардида, арзёби гардиданд.**

### 16.1. (16.1,16.2.) Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда

**16.1. Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо,**

Дар ноҳияи Айнӣ ҷиҳати пешгирӣ аз ҳолатҳои фавқулода ва бурдани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар деҳаҳои Анзоб, Сангистон, Марғузор, Ҳайронбед, Пасруд, Кум, Мадм аз ҳисоби соҳибкорони маҳалӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба сомон расонида шудааст.

Дар миқёси шаҳри Истиқлол 11 адад паноҳгоҳ, 3 адад паноҳгоҳи зиддирадиатсионӣ мавҷуд мебошад, ки 6 адади он таъмир карда шудааст. Барои беҳтаргардонии фаъолияти Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании шаҳри Истиқлол ва рафъи ҳолатҳои фавқулода 22 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карда шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом дар якҷояги бо Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳр ҷиҳати корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ тадбирҳо андешида, селроҳаҳои №12 дар ҷамоати деҳоти Лоҳутӣ, бо масофаи 700 метр ба маблағи 18241сомонӣ тоза карда шуда, селроҳаи №3 дар ҷамоати деҳоти Р.Ҳамробоев ба масофаи 1787 метр барқарор карда шуда, корҳои барқарор намудани саддӣ муҳофизатӣ аз селҳо ба масоҳати 1350 метр дар маҳаллаи "Ваҳдат"-и ҳудуди шаҳр бо дарозии 1670 метр дарҳаҷми 6012 метри мукааб барқарор карда шудаанд. Ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ дошта 2 адад ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа ба 95 хонаҳои истиқоматии аҳолии ҷамоати деҳоти ба номи Ғ.Ортиқов ва кӯчаи Бобокалонови ҳудуди шаҳр аз омадани сел ва боришоти пай дар пай зарари моддӣ расонида

шудааст, ки зарари расонидашуда маблағи умумии 8 млн 345 ҳазору 329 сомониро дарбар мегирад.

Дар ин давра дар ҳудуди ноҳияи Мастчоҳ 24 адад ҳодисаи фавқулоддаи хусусияти техногенидошта рух додааст, ки аз он 17 ададашро сӯхтор ташкил дода, маблағи зарари расонидашуда дар ин самт 127 ҳазору 350 сомониро дарбар гирифтааст. Ҳамчунин дар ин давра 4 садамаи нақлиётӣ рух додааст, ки дар натиҷа 2 нафар ҳалок гардида, 3 нафар ҷароҳат бардоштаанд.

Бахри пешгирии ҳолатҳои фавқулодда дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия аз тарафи аҳолӣ бо ҷалби техникаҳои идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳия бо тариқи ҳашар заҳбуру заҳкашҳо ва селроҳаҳо ба миқдори 10500 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва тозакунӣ гузаронида шудаанд.

Дар ноҳияи Спитамен мувофиқи нақшаи тасдиқгардидаи гузаронидани аксияҳои «Тозагии маҳал» ва «Тозагии соҳил» дар ҳудуди ноҳия ва Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия гузаронида шудааст, ки дар рафти баргузории аксияҳо 345 нафар сокинон иштирок намудаанд. Дар ҷараёни баргузории ин чорабиниҳои тозагӣ кӯчаю хиёбонҳо, маҳалҳои аҳолинишин, соҳилҳои сойи Яхшӯ, Ширинсой, Исфансой, каналҳои Шавкат, Қаросу, Ҷангоб пурра аз партовҳо тоза карда шудааст.

Бо пешниҳоди роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент ва шӯъбаи Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Суғд дар шаҳр бо дастгирии Барномаи идоракунии хавфи ҳолатҳои фавқулоддаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид дар Тоҷикистон сои Амондараи деҳаи Амондара шурӯъ аз моҳи январи соли ҷорӣ корҳои тоза намудани сой ба масофаи зиёда аз 4 км 600 м ба маблағи зиёда аз 800 ҳазор сомонӣ оғоз гардида, то ҳол идома дорад. Инчунин,симтӯрхалтае, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо гардида буд, як миқдор ба Ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан барои Сойи Зебон, Ҷамоати деҳоти Ёрӣ деҳаи Миндона ва Зидеҳ, Ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ деҳаи Артуч ва Шашқат ва канали Халифа Ҳасан дастрас гардида, ба тариқи ҳашар корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ рафта истодааст.

Дар шаҳри Хуҷанд 1101 оилаҳо дар маҳаллаҳои сатҳи оби serизаминиашон баланд мешуда, аз ҷумла, кӯчаи 1 майи хиёбони Раҳмон Набиев ва маҳаллаи "Раззоқ" истиқомат доранд. Ҷиҳати пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда дар асоси қарори раиси шаҳри Хуҷанд аз 11.04.2019 сол №260 "Дар бораи ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба муҳоҷирони экологӣ" дар давраи ҳисоботӣ се оилаҳо ба маҳаллаҳои бехавф кӯчонида шудаанд.

Дар шаҳри Гулистон дар ин давра чор хоҷагӣ аз деҳаи Навободи шаҳраки Зарнисор ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шудааст. Илова бар ин

мақола бо номи “Мурочиатнома” -и бахши Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании вилояти Суғд дар шаҳр вобаста ба оғози фасли зимистони соли 2019 дар газетаи ҳафтавории «Соҳил»-и шаҳри Гулистон аз чоп баромада, фаъолият дар ин самт идома дорад.

Дар ноҳияи Деваштич барои пешгирии зарари офати табиии ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда, ки дар деҳаҳои Овчӣ, Угук, Метки Ҷамоати деҳоти Ваҳдат, деҳаҳои Сурхобча, Сурхоб ва Качровути Ҷамоати деҳоти Исмоили Сомонӣ, деҳаҳои Росровут, Хишекат, Офтобрӯ ва Даҳкати Ҷамоати деҳоти Росровут ҷойгир мебошанд, ки шумораи умумии аҳолии деҳаҳои номбаршуда аз 30000 нафар зиёд мебошанд. Корҳои кабудизоркунӣ, шинонидани ниҳолҳо дар ҳудуди Ҷамоатҳои деҳоти мазкур ҳамасола тибқи нақшаи алоҳида ба роҳ монда шудааст.

Барои пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда дар деҳаҳои Шаҳристон, Турсунзода, Ҳисор, Истиқлол, Темурмалик, Себзор, Саробӣ, Ободӣ ва Фирдавсии ноҳияи Шаҳристон дар минтақаҳои хавфноки сойҳо маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир буда, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ аз тарафи масъулини соҳа, ҷамоатҳои деҳот ва бо ҷалби аҳолии деҳаҳо ба роҳ монда шуда, корҳо дар ин самт идома дорад.

Фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар пешгирии зарари офатҳои табиӣ ва бурдани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ заминаи мусоид гузошта, дар ин самт ҳамкории зич бо вазорату идораҳои марбута ва фаъолияти дастаҷамъонаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ, тақвият дода шавад.

**16.3. Мавҷудият ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маиши (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”);**

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 28 партовгоҳи партовҳои сахти маишӣ ва 24 партовгоҳи истеҳсолӣ мавҷуд мебошад.

Дар шаҳри Хуҷанд як адад партовгоҳи умумишаҳрӣ ва 175 нуқтаҳои муваққатан ҷамъоварии партовҳо мавҷуд буда, бо 900 адад қуттиҳо таҷҳизонида шудааст.

Дар шаҳри Бустон масоҳати умумии қитъаи замини партовгоҳи муассисаи давлатии “Раёсати хоҷагии манзилии коммуналӣ”-и шаҳри Бӯстон” 24,2 га. мебошад. Миқдори солонаи ҷамъкунии партовҳо 24,0 ҳазор метри мукааб буда, партовгоҳ дар масофаи 250 метр болотар аз роҳи нақлиётгарди Ғозиён-Қотма ҷойгир карда шудааст.

Айни ҳол дар ҳудуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 3 адад партовгоҳҳо барои ҷойгиронӣ ва гӯронидани партовҳои сахти маишӣ мавҷуд мебошад. Партовгоҳҳо бо қарори раиси ноҳия барои истифодабарӣ вобаста карда шудааст. Аз ҷумла, партовгоҳи ҷамоати деҳоти Унҷӣ ба масоҳати умумии 3,0 гектар, партовгоҳи ҷамоати деҳоти Ёва ба масоҳати умумии 1,5 гектар, партовгоҳи ҷамоати шаҳраки Ғафуров ба масоҳати умумии 2,86 гектар ташкил карда шуда, гирду атрофи онҳо пурра иҳота карда шудааст.

Дар шаҳри Истаравшан баҳри бартараф намудани мушкилот дар таъмини устувори экологӣ барои безараргардонии лампаҳои корношоями симобдор, ки шумораи он дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 14441 ададро ташкил менамояд, корбарӣ карда шуда, дар натиҷа дар давраи ҳисоботӣ нишондоди дар болозикргардида тавассути бастани шартнома бо соҳибкори инфиродӣ лампаҳои ҷамъоваригардида пурра барои коркард супорида шудааст. Ҷихати ташкил намудани ҷойи махсус барои минбаъд безараргардонидани лампаҳои каммасраф  дар моҳҳои наздик ба истифода дода мешавад.

Дар ноҳияи Спитамен дар нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдори корношоям, аз корхона ва аҳолӣ лампаҳои симобдори корношоямро қабул карда, дар дафтари қабул сабт карда мешавад.

Дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд 28 адад нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдор мавҷуд буда, аз тарафи мутахассисон 2 маротиба амалиёт гузаронида шудааст. Дар бораи ташкил намудани системаи безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор чораҳои зарурӣ андешида шуда, дар давраи ҳисоботӣ 18 адад санадҳо ва 1 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст. Инчунин аз тарафи корхонаҳои ҶДММ “САТН” 10280 адад ва ҶДММ “Ҷавонӣ” 23223 адад лампаҳои каммасрафи симобдори корношоям барои безараргардонӣ ба соҳибкори инфиродӣ “Раҳимов А”, ки рухсати ин гуна фаъолиятро дорад, бо тариқи шартнома супорида шудааст.

Дар шаҳри Гулистон нуқтаҳои коркарди лампаҳои каммасрафи симобдор вуҷуд надорад. Лекин аз тарафи соҳибкори инфиродӣ  Рахимов А. 24000 лампаҳо барои коркард ба шаҳри Исфара бароварда шуда, дар давраи ҳисоботи аз алҳол 9873 адад лампаҳо ҷамоварӣ карда шудааст, Дар ҷамоати шаҳраку деҳот ва маркази шаҳри Гулистон 7 нуқтаҳои ҷамъоварӣ ва супоридани лампаҳои симобдор фаъолият мекунанд. Ин нуқтаҳо бо контейнерҳои махсус муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Ба санаи 1-уми июли соли 2019-ум  аз аҳолӣ дар маҷмӯъ 33873 дона лампаҳои симобдор қабул карда шудааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Шаҳристон 1 адад партовгоҳ мавҷуд буда, дар мувозинаи Корхонаи давлатии фаръии “Хоҷагию манзилии коммуналӣ”-и

ноҳия қарор дошта, дар ин давра ба миқдори 83 адад лампаҳои симобдори корношоям ҷамъоварӣ карда шуда, дар ҷои махсус нигоҳ дошта шудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граҷдании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллода ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта чораҳои амалӣ андешанд.

## 17. Рушди варзиш ва ҷавонон
## (банди 51-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди варзиш ва ҷавонон бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 17.1. (17.1) Дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани нерӯи эҷодии онҳо, 17.2. (17.2) Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, 17.3.(17.3, 17.4, 17.5) Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш.**

### 17.1. (17.1) Дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани нерӯи эҷодии онҳо

Шумораи умумии ҷавонони вилоят 906400 нафар буда, аз онҳо 449900 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Дар вазифаи роҳбарикунанда 280 нафар, ба ҳайси вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо 44 нафар ва вакилони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот 173 нафар фаъолият доранд.

Бояд зикр намуд, ки мувофиқ ба маълумоти пешниҳодгардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар вилоят шумораи ҷавонон дар ҳайати роҳбарикунанда -4 адад, дар ҳайати Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо -7 адад ва дар ҳайати Маҷлиси вакилони халқи шаҳраку деҳот -2 адад кам гардидаанд, ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Дар муқоиса ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар вилоят ҷавонон дар вазифаи роҳбарикунанда -394 нафар, ба ҳайси вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо -9 нафар ва вакилони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот -56 нафар кам гардидааст, ки андешидани тадбирҳои саривақтиро тақозо менамояд.

Шумораи ҷавонони нисбатан зиёд дар ҳайати роҳбарикунанда дар шаҳри Хуҷанд 9 (+1) нафар, дар н.Мастчоҳ 40 (+2) нафар, дар ш.Гулистон 34 (+/-0) нафар, дар н.Зафаробод 32 (+1) нафар, дар

ш.Бӯстон 27 (+2) нафар, дар шаҳри Истиқлол 26 (+4) нафар, дар ш.Истаравшан 20 (+/-0) нафар, дар н.Б.Ғафуров 11 (+/-0) нафар ва дар шаҳри Панҷакент 11 (+1) нафарро ташкил дода, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ба назар мерасад.

Ин нишондиҳанда дар н.Спитамен 9 (+1) нафар, Кӯҳистони Мастчоҳ 7 (+/-0) нафар, дар н.Шаҳристон 4 (+3) нафар, дар н.Айнӣ 4 (+1) нафар, дар н.Ҷ.Расулов 3 (+/-0) нафар, дар н.Деваштич 2 (+1) нафарро ташкил дода, дар шаҳри Конибодом 24 (-4) нафар кам гардидааст, ки барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳал ҳамкории зич байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

Бояд зикр намуд, доир ба масъалаи мазкур шаҳри Исфара ягон маълумот пешниҳод накарда, дар ноҳияи Ашт мувофиқ ба маълумот шумораи ҷавонон дар ҳайати роҳбарикунанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -25 нафар кам гардидааст, ки таҷдиди назар карда шавад.

**17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ**

Нақшаи баҳории даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар иҷро гардида, нақша 2422 нафар иборат буда, иҷро 2441 нафарро ташкил намудааст, ки ин 100,8% буда, дар ноҳияи Айнӣ 104%, ноҳияи Зафаробод 104%, ноҳияи Мастчоҳ 102%, ноҳияи Деваштич 101,8%, шаҳри Истаравшан 101%, ноҳияи Спитамен 101%, ноҳияи Ашт 100,6%, шаҳри Конибодом 100,5%, шаҳри Хуҷанд 100%, шаҳри Панҷакент 100%, шаҳри Истиқлол 100%, шаҳри Гулистон 100%, шаҳри Бӯстон 100%, ноҳияи Ҷаббор Расулов 100%, ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ 100%, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 100% ва ноҳияи Шаҳристон 100%-ро ташкил додааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара дар ҳисоботи худ доир ба даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод накардааст.

**17.3. (17.3, 17.4, 17.5) Фароҳам овардани шароит барои ҷалби сокинон ба варзиш**

**17.3. (17.3) Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 51 паём);**

Дар нимсолаи аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар маҷмуъ 42 иншооти варзишӣ, аз ин 5 толори варзишӣ, 37 майдончаи варзишӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба маблағи 3873,0 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳибкорон ба маблағи 7127,7 ҳазор сомонӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани сокинон ба варзиш дар шаҳри Хуҷанд +3 адад, шаҳри Гулистон +27 адад, ноҳияи Спитамен +14 адад, ноҳияи Айнӣ +10 адад, ноҳияи Ҷаббор Расулов +10 адад, шаҳри Исфара +8 адад, ноҳияи Зафаробод +5 адад, ноҳияи Мастчоҳ +5 адад, шаҳри Истаравшан +4 адад, шаҳри Конибодом +4 адад, ноҳияи Ашт +4 адад, ноҳияи Деваштич +3 адад, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +3 адад, шаҳри Бӯстон +3 адад, шаҳри Панҷакент +2 адад, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +2 адад ва ноҳияи Шаҳристон +1 адад иншооти варзишӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидаанд, ки ба таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш таъсири мусбӣ мерасонад.

Шумораи нисбатан зиёди бунёди иншооти варзишӣ дар шаҳрҳои Гулистон, Исфара ва ноҳияҳои Спитамен, Айнӣ, Ҷаббор Расулов, Мастчоҳ, Зафаробод дида шуда, шароити мусоидро баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш фароҳам оварда, шумораи ками иншооти варзишӣ дар шаҳри Панҷакент ва ноҳияҳои Куҳистони Мастчоҳ, Шаҳристон ба назар расида, дар шаҳри Истиқлол нишондиҳанда бе тағйир мондааст, ки тавқият бахшидани фаъолиятро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят сохтмони 31 толори варзишӣ, 101 майдончаи варзишӣ, дар иншоотҳои ҷашнӣ бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст, ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш ва солимии аҳолӣ мусоидат менамояд.

**17.3. (17.4) Нишондиҳандаҳои иншооти соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ.**

Мувофиқи маълумот дар вилоят 2524 иншооти варзишӣ, новобаста аз шакли моликияташон, ба қайд гирифта шуда, аз онҳо 45 варзишгоҳ, 1722 майдончаи варзишӣ, 545 толори варзишӣ, 31 ҳавзи шиноварӣ ва 181 маҷмаа, иншооти махсуси варзишӣ аз қабили тир, боулинг, фитнес ва клубҳои ихтиёрӣ фаъолият доранд.

Баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани сокинон ба варзиш дар шаҳри Хуҷанд 296 адад, шаҳри Истаравшан 310, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 223 шаҳри Конибодом 210, шаҳри Панҷакент 182, ноҳияи Ашт 165, ноҳияи Спитамен 126, ноҳияи Зафаробод 89, ноҳияи Деваштич 109, шаҳри Гулистон 126, шаҳри Бӯстон 116, шаҳри Исфара 105, ноҳияи Айнӣ 100, ноҳияи Мастчоҳ 79, ноҳияи Ҷаббор Расулов 77, шаҳри Истиқлол 69, ноҳияи Шаҳристон 58, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 36 адад иншооти варзишӣ фаъолият дошта, барои таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш шароит фароҳам оварда шудааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2019 дар шаҳри Хуҷанд 21 маротиба

машқҳои пагоҳирӯзӣ баргузор гардида, 5840 нафар шаҳрвандон иштирок намудаанд. Ин нишондиҳанда дар шаҳри Истаравшан 24 (12705), шаҳри Конибодом 9 (850), шаҳри Панҷакент 12 (3000), шаҳри Истиқлол 20 (7120), ноҳияи Спитамен 29 (2610), ноҳияи Айнӣ 23 (4902), ноҳияи Ашт 21 (3284), ноҳияи Зафаробод 30 (4500), ноҳияи Деваштич 22 (40117), шаҳри Гулистон 21 (3940), шаҳри Бӯстон 22 (4480), ноҳияи Мастчоҳ 21 (3460), ноҳияи Шаҳристон 24 (3024), шаҳри Исфара 13 (2405), ноҳияи Ҷаббор Расулов 24 (3840), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 12 (3480), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 21 (10150) маротиба баргузор гардидааст.

Шумораи зиёди иштироки шаҳрвандон дар машқҳои пагоҳирӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич, Истаравшан, Б.Ғафуров, Истиқлол, Хуҷанд ва Айнӣ ба назар расида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо дар ҷалби шаҳрвандон ба варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим таъмин карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки нишондиҳандаи баргузории машқҳои пагоҳирӯзӣ ва ҷалби шаҳрвандон дар шаҳрҳои Исфара ва Панҷакент бе тағйир ба мисли ҳисоботи семоҳаи аввали соли 2019 боқӣ мондааст, ки ё аз баргузор нагардидани машқҳои пагоҳирӯзӣ, ё аз дуруст пешниҳод накардани маълумот аз ҷониби масъулин далолат медиҳад.

**17.3. (17.5) Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ (банди 51 паём);**

Дар давоми шаш моҳи соли равон аз вилоят дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ варзишгарони вилоят иштирок намуда, 492 медали тилло, 305 медали нуқра, 321 медали биринҷӣ ба даст овардаанд, ки нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ +427 медали тилло, +253 медали нуқра ва 269 медали биринҷӣ зиёд мебошад.

Варзишгарони шаҳру ноҳияҳо аз рӯи натиҷаҳои мусобиқаҳои варзишӣ аз ноҳияи Мастчоҳ 840 адад (+20 адад медал нисбат ба 3 моҳаи аввал зиёд), (302 тилло, 202 нуқра, 336 биринҷӣ), Гулистон 804 адад (+286 адад), (289 тилло, 261 нуқра, 254 биринҷӣ), Бӯстон 502 адад (+266 адад), (165 тилло, 153 нуқра, 184 биринҷӣ), Ҷ.Расулов 423 адад (+264 адад), (108 тилло, 125 нуқра, 190 биринҷӣ), Исфара 375 адад (+/-0 адад), (133 тилло, 111 нуқра, 131 биринҷӣ), Ашт 298 адад (+203 адад), (91 тилло, 108 нуқра, 99 биринҷӣ), Спитамен 257 адад (+150 адад), (62 тилло, 79 нуқра, 116 биринҷӣ), Зафаробод 153 адад (+/-0 адад), (37 тилло, 34 нуқра, 82 биринҷӣ), Конибодом 112 адад (+30 адад), (50 тилло, 35 нуқра, 27 биринҷӣ), Деваштич 95 адад (+/-0 адад), (37 тилло, 33

нуқра, 25 биринҷӣ) ва Б.Ғафуров 90 адад (+50 адад), (36 тилло, 16 нуқра, 38 биринҷӣ) ба даст овардаанд, ки дар омодасозии варзишгарони касбӣ заминаи мусоид ба вуҷуд омадааст.

Варзишгарони шаҳру ноҳияҳои Гулистон +286 адад, Бӯстон +266 адад, Ҷаббор Расулов +264 адад ва Ашт +203 адад нисбат ба семоҳаи аввали соли 2019 медал зиёд ба даст овардаанд, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳоро дар самти тарбияи варзишгарони касбӣ нишон медиҳад.

Ин нишондиҳанда мувофиқ ба маълумотҳо дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Зафаробод ва Деваштич нисбат ба семоҳаи аввали соли 2019 бетағйир мондааст, ки масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳоро мебояд, дар ин самт тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Доир ба масъалаи мазкур шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Айнӣ, Истиқлол, Панҷакент, Куҳистони Мастчоҳ ва Шаҳристон маълумот пешниҳод накардаанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби бештари ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, фароҳам овардани заминаи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш ва дастгирии ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба ташкили машқҳои пагоҳирӯзӣ мусоидат намоянд.

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ

**(банди 34, 36-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои ва корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ

### 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ

**18.2.** (18.2) **Корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд намудани таъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон,**

Дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он доир ба иҷрои нақша - чорабиниҳои амализозии стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нақша-чорабиниҳо таҳия гардида, иҷрои он амалӣ гардида истодааст.

Ҳоло дар вилояти Суғд 32 ширкати сайёҳӣ ва 2 ташкилоти ҷамъиятӣ – Шӯрои рушди сайёҳӣ ва Ассотсиатсияи рушди сайёҳии Зарафшон фаъолият мебаранд. Дар 6 моҳи соли равон 6 ширкати сайёҳӣ таъсис ёфта, 20 хатсайри нави сайёҳӣ роҳандозӣ гардидаанд.

Ҳамзамон, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят зиёда аз 60 меҳмонхона бо ғунҷоиши зиёда аз 2000 ҷой, 13 осоишгоҳ бо ғунҷоиши 2218 ҷой, 44 осорхона ва 753 мавзеи таърихӣ, 97 зиёратгоҳ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Панҷакент, Истаравшан, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Ашт, Деваштич, Спитамен, Шаҳристон, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ фаъолият мебаранд.

Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», “Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2019”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №80 “Дар бораи “Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2020” асос барои рушди минбаъдаи соҳа гардидааст.

Дар ду муассисаи таълимии вилоят - Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва факултаи географияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо ихтисоси менеҷменти сайёҳӣ кадрҳои соҳаи сайёҳӣ омода карда шуда истодаанд.

Ҷуғрофияи воридшавии сайёҳон ба қаламрави вилоят сол аз сол тавсеа ёфта, дар 6 моҳи соли 2019 тавассути гузаргоҳҳои сарҳадии вилоят 363,3 ҳазор шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла ба ҳайси сайёҳ, ба қаламрави вилоят ворид шудаанд.

Шумораи сайёҳон дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 28427 (+24372), Исфара 22850 (+7289) нафар, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 21880 (+160) нафар, шаҳри Истаравшан 14539 (+5039) нафар, шаҳри Гулистон 12149 (+1034) нафар, шаҳри Бустон 6123 (+-0) нафар, шаҳри Хуҷанд 5362 (+-0) нафар, ноҳияи Ҷаббор Расулов 3908 (+1583) нафар, ноҳияи Айнӣ 3270 (+3036), ноҳияи Спитамен 2471 (+-0), ноҳияи Шаҳристон 1706 (-57), ноҳияи Ашт 566 (+407) нафар ба қайд гирифта шуда, нишондиҳандаи нисбатан кам дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 695 (+163), ноҳияи Деваштич 400 нафар, ноҳияи Зафаробод 345 (+215), шаҳри Конибодом 340 (+15), ноҳияи Мастчоҳ 222 (+/-0), шаҳри Истиқлол 92 (+-0) нафарро ташкил додааст.

Аксарияти сайёҳони ба шаҳру ноҳияҳои вилоят ташрифоварда намуди сайёҳии таърихӣ-фарҳангиро интихоб намудаанд, ки шумораи

бештари онҳо ба шаҳри Исфара 22850 нафар, шаҳри Гулистон 12149 нафар, ноҳияи Истаравшан 14539 нафар, шаҳри Панҷакент 28427 нафар ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 21880 нафар рост меоянд.

Нишондиҳандаи баланди зиёдшавии шумораи сайёҳон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров, Исфара, Панҷакент ба назар расида, рушди инфрасохтори сайёҳӣ, мавҷуд будани намудҳои ҷолиби сайёҳӣ ва натиҷаи мусбии корҳои анҷомдодаи ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Барои муаррифии минтақаҳои сайёҳӣ дар вилоят 20 хатсайр роҳандозӣ гардидааст.

Ин нишодиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 24/25 хатсайр таъсис дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10/2 хатсайр зиёд буда, дар шаҳри Исфара 43 (+15) хатсайр, дар шаҳри Истаравшан 12 (+2) хатсайр, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 8 (+2) хатсайр, дар шаҳри Конибодом 12 (+/-0) хатсайр, дар ноҳияи Деваштич 5 (+/-0) хатсайр, дар ноҳияи Шаҳристон 18 (+10) хатсайр, дар ноҳияи Зафаробод 2 (+/- 0) хатсайр, дар ноҳияи Ашт 33 (+/- 0) хатсайр, дар ноҳияи Спитамен 5 (+/-0) хатсайр барои сайёҳон таъсис дода шудааст.

Шумораи зиёди хатсайрҳо дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Истаравшан, Ашт, Шаҳристон ва Хуҷанд барои ҷалби сайёҳон мусоидат намуда, дар таъсиси хатсайрҳои нав фаъолияти шаҳру ноҳияҳои мазкур назаррас аст.

**18.4. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ ва маъмурии хизматрасонии сайёҳӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо;**

Бо мақсади муаррифии имкониятҳои сайёҳии минтақа ва беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилооти соҳа, сомонаи сайёҳии вилоят www.welcomesugd.tj фаъол гардида, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ маводи зарурӣ ҷойгир карда шуданд. Барои манзур кардан ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ харитаи сайёҳӣ, китоби роҳнамои сайёҳии вилоят “Туризм и ремесло” (Северный Таджикистан) бо забонҳои хориҷӣ таҳия ва нашр гардид. Инчунин, маҷаллаи “Tajikistan`s guide” аз чоп бароварда шуд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд сомонаи сайёҳии khujand.tajtravel.tj бо 1800 символ ва се забон (10 адад роликҳо дар Ютуб), дар ноҳияи Деваштич сомонаи сайёҳии «sayohi_devashtich@mail.ru» ва дар шаҳри Гулистон сомонаи сайёҳии www.guliston.tj фаъол гардонида шудааст, ки барои ҳарчи бештар ҷалб намудани сайёҳони дохилию хориҷӣ мусоидат менамояд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бустон, Истаравшан ва Зафаробод доир ба корҳои таблиғотӣ ва ҷалби бештари сайёҳони дохилию хориҷӣ роликҳо ба

шабакаҳои интернетӣ ва дар даромадгоҳи шаҳр бо забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ оид ба мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ расмҳо ва маълумотҳо мунтазам ворид карда шудааст.

Ҷиҳати огоҳӣ пайдо намудан аз ҷойҳои таърихию сайёҳии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва пешниҳод намудан ба сайёҳони хориҷӣ китоб бо номи "Ноҳияи Бобоҷон Ғафуров макони сулҳ ва дустӣ" бо 3 забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) ва брашураҳо нашр карда шудаанд. Ҳамзамон дар назди филиали китобхонаҳои ноҳия гӯшаи иттилоотии сайёҳӣ ташкил карда шудааст. Инчунин ҳамаи ин маводҳо дар сомонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ҷойгир мебошад.

Пешниҳод: Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таъсиси ширкатҳои сайёҳӣ ва дақиқ ба роҳ мондани баҳисобгирии шумораи сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд.

## 19. Баробарии гендерӣ
## (банди 49-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти ссиёсию ҷамъиятӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ

**19.1.Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо**

Дар вилояти Суғд занон дар ҳамаи соҳаҳо фаъолият дошта, дар таҳкими раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ саҳмгузоранд. Аз 1327,7 ҳазор нафар занону духтарони вилоят 7678 нафар занони роҳбарикунанда ва 1267 нафар хизматчии давлатӣ мебошанд.

Алҳол, аз ҳисоби занони вилоят 1 нафар узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 нафар вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 18 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд, 99 нафар ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо ва 543 нафар вакилони халқи ҷамоатҳо вакил интихоб шудаанд. Дар вилоят 6 нафар занон дорои унвони баланди

Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, 236 қаҳрамонмодар, 561 нафар сазовори ордену медалҳо, 153 нафар барандаи унвону ҷоизаҳои давлатӣ, 51 нафар дорандаи “Медали шоиста”, 11 нафар доктори илм, 281 нафар номзади илм ва 139 нафар варзишгарони номвар мебошанд.

Шумораи занҳои роҳбарикунанда мувофиқ ба шаҳру ноҳияҳо дар шаҳри Хуҷанд 32 нафар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 нафар зиёд шудааст. Занҳои роҳбарикунанда дар шаҳри Истаравшан 1730 (+55) нафар, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 476 (+/-0) нафар, ноҳияи Зафаробод 436 (+4) нафар, дар шаҳри Исфара 407 (+12) нафар, дар шаҳри Конибодом 168 (+/-0) нафар, дар ноҳияи Спитамен 163 (-1) нафар, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 157 (+/-0) нафар, дар шаҳри Гулистон 43 (+2) нафар, дар ноҳияи Шаҳристон 29 (+1) нафар ва дар ноҳияи Айнӣ 23 (+1) нафарро ташкил додааст, ки дар сатҳи муайян иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ таъмин карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Ашт 11 (-1) нафар, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 11 (+/-0) нафар, дар ноҳияи Мастчоҳ 9 (+/-0) нафар, дар ноҳияи Деваштич 8 (+/-0) нафар, дар шаҳри Бӯстон 8 (+1) нафар, дар шаҳри Панҷакент 8 (+/-0) нафар, дар шаҳри Истиқлол 6 (-2) нафар шумораи нисбатан кам ё нисбат ба соли гузашта кам гардида, тақвият додани фаъолиятро дар ин самт тақозо менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид дар самти иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ, инчунин пешбарии занҳои фаъол ба вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолияти ҳамоҳангсозиро тақвият бахшанд.

**20. Маълумот оид ба ҳолати кор дар самти иттиҳодияҳои динӣ:**

**20.1. Маълумот оид ба ташкилотҳои динии дар шаҳраку деҳот фаъолиятдошта; 20.2. Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19);**

Дар қаламрави вилоят дар асоси талаботи қонунгузории соҳа 907 иттиҳодияи динӣ фаъолият доранд. Аз ҷумла, теъдоди масҷидҳои ҷомеи марказӣ 13 адад, масҷиди ҷомеъ 91, панҷвақта 854 ва иттиҳодияҳои динии ғайриисломӣ 17 адад мебошанд, ки шумораи масчидҳо дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 38 адад, Ашт 57 адад, Бобоҷон Ғафуров 115 адад, Бустон 2 адад, Гулистон 9 адад, Дешавтич 61 адад, Зафаробод 31 адад, Истаравшан 69

адад, Истиқлол 4 адад, Исфара 112 адад, Конибодом 36 адад, Кухистони Мастчох 45 адад, Мастчох 54 адад, Панҷакент 137 адад, Спитамен 37 адад, Ҷаббор Расулов 37 адад, Шахристон 23 адад, Хуҷанд 40 ададро ташкил менамояд.

Шумораи қабристонҳо дар вилоят 894 ададро ташкил менамояд, ки аз ин шумора дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 125 адад, Ашт 71 адад, Бобоҷон Ғафуров 52 адад, Бустон 2 адад, Гулистон 17 адад, Деваштич 97 адад, Зафаробод 15 адад, Истаравшан 70 адад, Истиқлол 4 адад, Исфара 54 адад, Конибодом 38 адад, Кухистони Мастчох 54 адад, Мастчох 41 адад, Панҷакент 134 адад, Спитамен 22 адад, Хуҷанд 14 адад,Ҷаббор Расулов 27 адад, Шахристон 27 ададро ташкил дода, барони тоза нигох доштани қабристонҳо дар давраи ҳисоботи аз ҳисоби аҳоли маблағи 37555 сомонӣ сафр гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ба маблағи 920000 сомонӣ Истаравшан 52900 сомонӣ, Мастчох 69422 сомонӣ ва 30 адад гилем ба муассисаҳои томактабӣ, Хуҷанд 91030 сомонӣ, Гулистон 138200 сомонӣ, Шахристон 98498 сомонӣ, Айнӣ 297,3 ҳазору сомонӣ аз ҷониби масчидҳои шаҳру ноҳияҳои болозикр кӯмакҳои хайриявӣ ба камбизоатон ва ниёзмандон расонида шудааст.

**Пешниҳод**: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷимкистон, Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 ҳамкориҳоро вусъат бахшанд.

## 21. Рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ (банди 3 ва 8-и паём)

**Нишондодҳои пешакии рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ бо нишондиҳандаҳои 21.1.(21.1) Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, 21.2. Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои коммуналӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 21.1. (21.1)Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ

**21.1. Ҳолати маблағгузорӣ ба бахшҳои хусусии соҳаҳои истеҳсолии шаҳру ноҳияҳо**

Дар нимсолаи якуми соли 2019 дар вилоят ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 1724,1 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин даврai соли гузашта 74,7 млн. сомонӣ ё 101,6% зиёд шудааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 607,1 млн.сомонӣ расонида шудааст, ки нисбати ҳамин даврai соли гузашта 32 млн. сомонӣ зиёд, Бобоҷон Ғафуров 415,0 млн сомонӣ (+2,7 млн. сомонӣ). Истаравшан 133,0 млн. сомонӣ (+4,8 млн. сомонӣ), Конибодом 118,8 млн. сомонӣ (+3,3 млн. сомонӣ), Исфара 115,0 млн. сомонӣ (+6,1 млн. сомонӣ), Истиқлол 60,4 млн сомонӣ (+30,7 млн сомонӣ), Ҷаббор Расулов 44,8 млн. сомонӣ (0,1 млн. сомонӣ), Ашт 41,6 млн. сомонӣ (0,1 млн. сомонӣ), Бустон 38,6 млн. сомонӣ (+1,5 млн. сомонӣ), Гулистон 36,5 млн. сомонӣ (+1,8 млн. сомонӣ), Айнӣ 22,1 млн. сомонӣ (3,5 млн. сомонӣ), Деваштич 20,2 млн. сомонӣ (+0,6 млн. сомонӣ), Панҷакент 20,3 млн. сомонӣ (+1,3 млн. сомонӣ), Мастчоҳ 20,5 млн. сомонӣ (+0,6 млн. сомонӣ), Спитамен 18,3 млн. сомонӣ (+7,8 млн. сомонӣ), Зафаробод 14,6 млн. сомонӣ (+0,4 млн. сомонӣ), Шаҳристон 4,9 млн. сомонӣ (+0,1 млн. сомонӣ) ва Кӯҳистони Мастчоҳ 169,4 ҳазор сомонӣ (+158,5 ҳазор сомонӣ) дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят нисбат ба ҳамин даврai соли гузашта рӯ ба афзоиш дорад, ки барои таъмини суръати афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохила дар шаҳру ноҳияҳо мусоидат намудааст .

Дар қаламрави вилоят 633 ташкилоту муассисаи қарздиҳию хизматрасонии бонкӣ фаъолият доранд. Аз ҷумла, 1 бонки мустақил, 6 ташкилоти амонатию қарздиҳӣ, 9 фонди қарздиҳии хурд, 110 филиали ташкилотҳои қарздиҳӣ ва 507 маркази хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ нисбат ба ҳамин даврai соли 2018 ба андозаи 31,8 фоиз зиёд шуда, дар моҳҳои январ-майи соли 2019 ба 1391,5 млн. сомонӣ расонида шудааст. Ҷалби пасандозҳои аҳолӣ нисбат ба соли қаблӣ 1,1 фоиз коҳиш ёфта, ба 1618,7 млн. сомонӣ баробар шудааст.

Сабаби асосии коҳишёбии ҳаҷми пасандозҳо нодуруст ба роҳ монда шудани сиёсати пулию қарзӣ аз ҷониби баъзе ташкилотҳои амонатию қарзӣ буда, дар натиҷаи истифодаи ғайримақсади маблағҳои пасандози ҷалбшуда, қобилияти пардохтпазирии худро гум карда, пардохти саривақтии фоизи депозитҳо ва пӯшонидани депозитҳои мӯҳлатнокро таъмин карда натавонистаанд. Ин хатогиҳо ба коҳиш ёфтани эътимоди пасандозгузорон ба фаъолияти системаи бонкӣ ва кам шудани ҳаҷми пасандозҳо сабаб шудааст.

Дар вилояти Суғд нархи хизматрасонӣ барои дастрас намудани 1 метри мукааб оби нӯшокӣ дар КДФ “Обу канализатсия”-и шаҳру ноҳияҳои вилоят аз 0,85 то 3,87 сомонӣ ва нархи баровардани 1 метри мукааб партовоб аз 0,46 то 1,81 сомониро ташкил додааст. Нархномаи КВДК “Хуҷандобуканал” барои 1 метри мукааб оби нӯшокӣ аз 1,00 то 6,00 сомонӣ ва 1 метри мукааб партовоб аз 0,60 то 1,70 сомониро ташкил додааст.

**21.2. Корҳои анҷомдода ҷиҳати дастрасии хизматрасониҳои пулакӣ**

Оид ба иҷроиши банди мазкур танҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ маълумот омода намудааст, ки оғози сохтмони бинои маъмурии филиали БДА ҶТ “Амонатбонк” дар соли 2019 барои баланд бардоштани нишондиҳандаи дастрасӣ ба хизматрасонии пулакӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Бояд зикр намуд, ки доир ба корҳои анҷомдода ҷиҳати дастрасии хизматрасониҳои пулакӣ масъулини шаҳру ноҳияҳо маълумотҳои умумӣ дар самти хизмати маишӣ, нақлиёти мусофирбар, алоқа, маориф, тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ, хоҷагии манзил ва хизмати бонкӣ пешниҳод намуда, маълумотҳоро мушаххас дарҷ накардаанд, ки таҳлилу арзёбӣ ғайриимкон мегардад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ, зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва дастрасии аҳолӣ бо қарзҳои бонкӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 22. Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 22.1. Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда, 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид), 22.3(22.3, 22.4) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, 22.4 (22.5) Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо арзёбӣ гардиданд.**

**22.1. Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда**

Дар шаш моҳи аввали соли 2019 дар миқёси вилоят миқдори умумии ҷиноятҳои содиршуда 3851 ададро ташкил намудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2018-ум 453 ҳодиса ё 13,3 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон -39 адад (104 ҷиноят содир шудааст), Конибодом -28 адад (217 ҷиноят), Деваштич -21 адад (149 ҷиноят), Шаҳристон -19 адад (36 ҷиноят), Зафаробод -13 адад (74 ҷиноят), Истиқлол -11 адад (24 ҷиноят), Айнӣ -10 адад (51 ҷиноят), Кӯҳистони Мастчоҳ -1 адад (24 ҷиноят) ҷиноятсодиркунӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст, ки самаранокии фаъолияти кори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва сохторҳои ҳудудии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро шаҳодат медиҳад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд +311 адад (973 ҷиноят), Исфара +63 адад (354 ҷиноят), Бӯстон +54 адад (159 ҷиноят), Ашт +50 адад (197 ҷиноят), Истаравшан +47 адад (274 ҷиноят), Спитамен +16 адад (150 ҷиноят), Панҷакент +8 адад (223 ҷиноят) Мастчоҳ +6 адад (139 ҷиноят), Бобоҷон Ғафуров +5 адад (335 ҷиноят) ва Ҷаббор Расулов +3 адад (168 ҷиноят) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҷиноятсодиркунӣ зиёд ба қайд гирифта шудааст, ки андешидани чораҳои мушаххасро талаб менамояд.

### 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид)

Дар вилояти Суғд ҳолати худкушӣ дар ин давра нисбат ба нимсолаи аввали соли 2018 ба миқдори 15 адад афзуда, 144 ҳолат ба қайд гирифта шудааст. Ин ҳолати ногувор дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 24 адад, Конибодом 17, Истаравшан 13, Деваштич, Спитамен ва Хуҷанд 11, Ашт 10, Зафаробод 9, Панҷакент 8, Исфара-1, Гулистон ва Шаҳристон 4, Айнӣ ва Бӯстон 3, Ҷаббор Расулов 2, Исфара-2 ва Мастчоҳ 1 ададӣ ба қайд гирифта шудааст. Зиёдшавии ҳодисаи худкушӣ нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 6 адад, Спитамен 5, Шаҳристон 4, Бобоҷон Ғафуров, Деваштич ва Истаравшан 3, Бӯстон, Зафаробод, Исфара-1 ва Истиқлол 2, Гулистон ва Конибодом 1 ададӣ ба назар мерасад.

Бинобар ин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои болозикр ҳамкориро оид ба корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, бо сохторҳои қудратӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ зичтар намуда, барои бартараф намудани сабабҳои иҷтимоию иқтисодии он тадбирҳои заруриро пешбинӣ намоянд.

### 22.3 (22.3, 22.4) Шумораи ҷиноятҳои аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2019, №4/7-2025 дар вилояти Суғд дар

нимсолаи якуми соли ҷорӣ 877 ҷиноят аз ҷониби ҷавонон содир шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +115 ҷиноят зиёд мебошад.

Мувофиқ ба маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, шумораи нисбатан зиёди ҷиноятҳои аз ҷониби ҷавонон содиргашта дар шаҳри Конибодом 59 адад, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 51 адад, шаҳри Бӯстон 44 адад, ноҳияи Спитамен 34 адад, ноҳияи Ашт 30 адад, шаҳри Панҷакент 24 адад, ноҳияи Зафаробод 19 адад ва ноҳияи Айнӣ 19 ададро ташкил додааст.

Шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгаро ва тундрав дар нимсолаи аввали соли 2019 дар шаҳри Хуҷанд 4 нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 нафар зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Спитамен 6 нафар (-2), шаҳри Исфара 5 нафар (+/-0), ноҳияи Деваштич 5 нафар (-2), шаҳри Панҷакент 4 нафар (-2), шаҳри Истаравшан 3 нафар (+/-0), шаҳри Гулистон 2 нафар (+/-0), шаҳри Бӯстон 2 нафар (+/-0), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 2 нафар (+/-0), ноҳияи Зафаробод 1 нафар (+/-0)-ро ташкил дода, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳоро мебояд дар ин самт тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, барои иҷрои ваколатҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза ба зидди ҷинояткорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят тадбирҳои иловагӣ андешанд.

**23. Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: 23.1. Маълумот оид ба натиҷаи сафарҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, рафти иҷрои дастуру супоришҳо ва нақша чорабиниҳое, ки ҳангоми сафари корӣ тасдиқ гардида, иҷроишашон дар соли 2019 муайян шудаанд.**

Дар соли 2018 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилоят се сафари корӣ анҷом дода шуда, дар асоси дастуру супоришҳои зимни ин сафарҳо баёнгардида нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ тасдиқ ва дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин барои

иҷро дастрас гардидааст.

Зимни сафари аввал санаҳои 28-30 марти соли 2018 Сарвари давлат ба шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Истаравшан, Бӯстон, Бобоҷон Ғафуров ва Хуҷанд ташриф оварда, дар ифтитоҳи як зумра иншоотҳои ҷашнии таъйиноти истеҳсолию иҷтимоӣ ширкат варзидаанд. Дар асоси дастуру супоришҳое, ки зимни ин сафар баён гардидаанд, иборат аз 27 банд нақшаи чорабиниҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин ҷиҳати таъмини иҷро дастрас карда шудааст.

Ҳангоми сафари дуюми корӣ ба вилоят санаҳои 24-29 июни соли 2018 дар доираи таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилоят низ аз ҷониби Пешвои миллат ба масъулон ҷиҳати таъмини рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии вилоят дастуру супоришҳои мушаххас дода шуда, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ иборат аз 37 банд ворид ва нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулон ирсол гардидааст.

Дар асоси нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ иборат аз 29 банд, ки бо назардошти дастуру супоришҳои аз ҷониби Сарвари давлат зимни сафари сеюм ба шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Хуҷанд, Гулистон, Ҷаббор Расулов ва Бобоҷон Ғафуров санаҳои 22-25 октябри соли 2018 баёнгардида таҳия шудаанд, нақшаи чорбиниҳои вилоятӣ омода ва барои иҷро ба масъулон дастрас карда шудааст.

Дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат, ки зимни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров ва Спитамен дар санаҳои 30 март-2 апрели соли 2019 баён гардидаанд, нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ таҳия гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ аз 21 майи соли 2019 иборат аз 14 банд таҳия ва ба масъулин барои иҷро ирсол гардидааст.

Дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосан ба таъмини рушди босуръати истеҳсолоти саноатӣ ва дар ин замина зиёд намудани миқдори ҷойҳои кории нав, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва ба ин васила зиёд намудани ҳаҷми воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, бахусус беҳтар намудани ҳолати обрасонӣ, зиёд намудани кишти зироатҳои дорои характери содиротӣ ва ашёи хоми соҳаи саноати коркард, инчунин зиёд намудани майдони боғу токзор ва гармхонаҳо, таҷдиди инфрасохтори роҳу нақлиёт ва таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат, аз ҷумла, зина ба зина афзоиш додани маблағгузории соҳаҳои маорифу нигаҳдории тандурустӣ, фарҳангу варзиш ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани сифати таълим, беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳангу маънавиёти

аҳолӣ, бахусус пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию тундгаро нигаронида шудааст.

Иҷрои дастуру супоришҳо ва нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилоят таҳти назорати доимӣ қарор дошта, аз рӯи ҳар соҳа дар ҳисоботҳо дарҷ гардида, маълумот тибқи талаботи бандҳои нақшаи чорабиниҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлатҳои муайянгардида манзур карда мешаванд.

Пешниҳод**:** Бо мақсади таъмини сифатноки Нақша – чорабиниҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии дахлдор барои таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон мувофиқи Нақша чорабинӣ дар соли 2019 пешбинӣ гардидааст ва таъмини иҷрои супоришҳоро, ки муҳлати иҷроишашон ба таъхир гузошта шудааст, чораҳои зарурӣ андешанд.

**23.2. Рафти иҷрои камбудиҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ошкор карда шудаанд.**

Бояд зикр намуд, ки вобаста ба рафти иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2018, №10/1 ва аз 20 феврали 2018, №324/10-50 оид баислоҳи пурраи камбудиҳое, ки аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд, аз 14 банди ба нақша гирифташуда, айнан мисли маълумоти семоҳаи аввали соли ҷорӣ 2 банди он: муҷаҳҳазгардонии корхонаи ҶДММ "Атласи Хуҷанд" бо технология ва таҷҳизоти муосир ва дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ворид намудани 1000 сар қутос аз ноҳияи Мурғоби ВМКБ ва ба роҳ мондани парвариши он ҳалли худро наёфтааст:

Бинобар ин, мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, Вазорати молия, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ҳамкориҳоро тақвият бахшанд.